**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ,**
**БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД 331**
**ТКБ 65.240.5**
**Қ 84**

**ҚОСИТОВ ҶӮРАБЕК РАФИҚОВИЧ**

# ИНКИШОФИ БОЗОРИ МИНТАҚАВИИ МЕҲНАТ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД ВА САМТҲОИ ТАНЗИМИ ОН

## ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (Phd)
доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт
(6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ)

**Роҳбари илмӣ:** **доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор**
**Ризозода Тӯра Раббим**

**ХУҶАНД – 2025**

## МУНДАРИҶА

**Номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ...................................................3**

**Муқаддима...........................................................................................4**

**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ - МЕТОДИИ ТАҲҚИҚОТИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ МИНТАҚАВӢ...................................................17**

1.1. Консепсияҳои илмӣ оид ба моҳият ва нақши бозори меҳнати минтақавӣ.................................................................................................17
1.2. Равияҳои методӣ оид ба арзёбии бозори меҳнат дар иқтисодиёти минтақа....................................................................................................34
1.3. Таҷрибаи хориҷӣ оид ба танзими рушди бозори меҳнати минтақавӣ.................................................................................................48

**БОБИ II. ВАЗЪИ МУОСИР, АРЗЁБӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД.........................................................65**

2.1. Тавсифи умумии вазъи бозори меҳнат дар иқтисодиёти вилояти Суғд.........................................................................................................65
2.2. Арзёбии фаъолияти бозори меҳнат дар иқтисодиёти вилояти Суғд дар шароити муосир.....................................................................................78
2.3. Хусусиятҳои минтақавии бозори меҳнат ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти вилояти Суғд.........................................................................89

**БОБИ III. ТАКМИЛИ ТАНЗИМИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА..............................................................109**

3.1. Идоракунии омилҳои рушди бозори меҳнати минтақа ва таъмини ҳамгироӣ бо таҳсилоти олӣ..............................................................109

3.2. Авлавият дар механизми тайёр намудани сармояи инсонӣ дар бозори меҳнати минтақа……………………………………………………..........……126

**Хулоса ва пешниҳодҳо....…………………...………………………………..147**

**Феҳристи адабиёти истифодашуда…………………………………….....152**

**Номгӯи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ**

КДМ – Коэффитсиенти даромаднокии меҳнат

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ММД – Маҷмуи маҳсулоти дохила

МММ – Маҷмуи маҳсулоти минтақа

ДДҲБСТ – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

в. – вилоят

ш. – шаҳр

н. - ноҳия

НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

СБМ – Созмони байналмилалии меҳнат

ШРИ - шохиси рушди инсонӣ

АМИТ - Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

МТМК – Муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ

МТО - Муассисаи таҳсилоти олӣ

СЗИ - Сармояи зеҳнии инсонӣ

ФР – Федератсияи Русия,

КШП барои давраи то соли 2040 - Консепсияи шуғли пурмаҳсул барои давраи то соли 2040

СМР ҶТ барои давраи то соли 2030 – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Бидуни фаъолияти босамари бозори меҳнат на танҳо дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, балки дар минтақаҳои он низ ба комёбӣ ноил гардидан имконнопазир мебошад. Зеро рушд ва тавсеаи муносибатҳои бозорӣ, зарурати ташаккули низоми инфрасохтори бозорро талаб менамояд, ки бозори меҳнат яке аз унсури асосии он мебошад. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ иқтисодиёти Тоҷикистон низ мисли дигар кишварҳои собиқ сотсиалистӣ ба муносибатҳои бозорӣ гузашт. Илова бар ин, рушди раванди ҷаҳонишавӣ ва гузариш ба модели инноватсионии рушд дар асоси амалӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ бо тарзи объективӣ дар навбати аввал ба бозори меҳнат таъсир мерасонад. Таъсир дар ду ҷанба ба мушоҳида мерасад. Дар навбати аввал дар бозори меҳнат ноустуворӣ, номуайянӣ, номувозинатӣ, пайдошавии хавфҳои нав ба амал меояд, ки боиси афзоиши бекорӣ мегардад, ҳамзамон таъсири он дар ташаккули ҷойҳои кории нав, шаклҳои шуғли аҳолӣ ва ғайра эҳсос мешавад. Тағйироти куллие, ки дар бозори меҳнати минтақа зери таъсири ҷаҳонишавӣ, паҳншавии муносибатҳои бозорӣ, рақамикунонии иқтисодиёт ба миён меоянд, бо таври объективӣ зарурати таҳқиқи муқаррароти назарияи муосири шуғл, ташаккули муносибатҳои нави меҳнатӣ, такмили танзими механизмҳои талабот ва таклифотро дар бозори меҳнати минтақа ба масъалаи мубрами рӯз мубаддал мегардонанд. Ғайр аз ин амалишавии ҳадафҳои ободкорию созандагии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даҳсолаҳои охир зарурати ташаккули механизми нави ҳамоҳангсозии манфиатҳои иқтисодии субъектони бозори меҳнатро ба миён мегузорад. Масъалаи баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум дар сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асоси таъмини шуғли аҳолӣ яке аз ҳадафҳои асосӣ маҳсуб меёбад. Дар иртибот ба масъалаи мазкур, дар Паёми Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Дар кишвар шумораи аҳолии қобили меҳнат мунтазам рӯ ба афзоиш буда, дар панҷ соли охир 8,4 фоиз зиёд гардидааст. ... андешидани тадбирҳои мушаххас доир ба омӯзонидани касбҳои коргарӣ, саросар соҳибкасб гардонидани аҳолии мамлакат ва ҳарчи бештар дар дохили кишвар ба ҷойи кори доимӣ таъмин намудани шаҳрвандон низ вазифаи аввалиндараҷаи Ҳукумати мамлакат мебошад. Вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, маориф ва илм, Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва тамоми сохтору мақомоти давлатӣ дар ин самт масъулияти бевосита доранд» [162, с. 45].

Суханони мазкури Пешвои миллат, зарурати такмили илмии инкишофи бозори меҳнати ҳар як минтақаро ба яке аз вазифаҳои асосӣ табдил медиҳад. Дар ин самт ҳамчунин масъалаҳои дигаре мавҷуданд, ки тадқиқи онҳо талаботи давраи муосир мебошад. Аз ҷумла, истеҳсоли маҳсулоти сатҳи рақобатпазириаш паст, ки хавфи афзоиши бекориро ба вуҷуд меорад; мавҷудияти музди меҳнати номуносиб дар бештари соҳаҳои иқтисодиёт, ки ҷараёни мигратсиониро танзимнашаванда менамояд; бохтҳое, ки бо бекории сохторӣ вобаста аст; шартҳои ғайриқаноатбахши ҷалби корманди кироя; мувофиқ набудани сатҳи тайёр кардани кадрҳо ба талаботи бозори дохилӣ ва берунӣ ва ғайра.

Бинобар ин ба инкишофи бозори меҳнати минтақа ҳоло равиши нав зарур аст, ки муаммоҳои рушди онро ҳаллу фасл намуда, барои таъмин намудани мувозинати талаботу таклифот ба қувваи корӣ, васеъ намудани имкониятҳои таъмини шуғли аҳолӣ, ташаккули ҷойҳои кории нав бо музди меҳнати муносиб мусоидат намояд. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи инкишофи бозори минтақавии меҳнат дар иқтисодиёти минтақаҳо, коркарди чораҳои зарурӣ роҷеъ ба мутобиқ намудани таклифоти қувваи корӣ ба талаботи иқтисодиёт, такмили механизмҳои институтсионалии танзими он масъалаи мубрам ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар низоми танзими иқтисодиёти миллӣ ташаккул ва рушди бозори меҳнат масъалаи асосӣ дар тадқиқоти илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ ҳисоб меёбад. Зеро дар бозори меҳнат объекти асосии талаботу таклифот ин қувваи корӣ мебошад, ки ҳадафи асосии он қонеъ намудани талаботи инсон аст. Дар адабиёти хориҷӣ нақш, аҳаммият ва механизмҳои бозории танзими муносибатҳои меҳнатии иҷтимоӣ дар тадқиқоти бунёдии олимони машҳури иқтисодшинос Ҷ.Б. Сэй [97], А.Пигу [133], А. Смит [92], Д. Рикардо [86], А. Маршалл [63] амиқу дақиқ баррасӣ гардидааст. Механизми танзими давлатии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти бозор дар асарҳои Ҷ.М. Кейнс [49], Ҷ. Стиглитс [94], Д. Робертсон [87], П. Самуэлсон [90] Дж. Гэлбрейт [33] ва ғайраҳо аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

Дар нимаи дувуми асри XX дар илми иқтисодии хориҷӣ танзими бозори меҳнат дар асоси тадқиқоти сармояи инсонӣ дар корҳои илмии олимони хориҷӣ Р. Беккер [109], А.Шултс [171] масъалаҳои назариявӣ ва методологии ташаккул ва танзими бозори меҳнат дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ дар асарҳои илмии олимони ИДМ низ баррасӣ гардидааст. Алалхусус чунин нуктаҳо дар асарҳои муҳаққиқони намоён Л.И. Абалкин [105], В.К. Врублейский [26], О.В. Глаз [143], И.Е. Золин [145], С.А. Калтаева [118], И.С. Маслова [65], Е.Ф. Борисов [20] ва ғайраҳо баррасӣ гардидаанд.

Дар илми иқтисодии ватанӣ махсусан дар давраи истиқлоли давлатӣ корҳои муайяне ба субут расидаанд, ки ба тадқиқи бозори меҳнат равона гардидаанд. Аз ҷумла ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии бозори меҳнат дар асарҳои илмии академикони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (АМИТ) Т. Назаров [75], Х. Саидмуродов [135] Н, Қаюмов [134], узви вобастаи АМИТ С.И. Исломов [44], докторони илм, профессорон Д.С. Амонова [14], Т.Ҷ. Усмонова [151], А. Абдуғаффоров [141], номзадҳои илм, дотсентон О.Қ. Қосидов [58], А. Олимов [13], Ш.Ю. Мухитдинова [147], М.Н. Тоҷибоева [149] ва ғайраҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Саҳми хосаи худро бо тадқиқоти

арзишманд дар тадқиқи бозори меҳнат аз нуқтаи назари омилҳои демографии муҳоҷиратӣ олимони ватании зерин: д.и.и., профессорон Л.Ӯлмасов [150], А.Ҷ. Азимов [74], М.М. Исмоилов [117], Р.М. Бобоҷонов [108] гузоштаанд.

Хусусиятҳои хоси ташаккул ва танзими бозори меҳнат, ҷараёнҳои миграционӣ, шуғли аҳолӣ дар иқтисодиёти минтақаи мавриди назар дар асарҳои илмии олимони ватанӣ таҳқиқ гардидаанд. Аз ҷумла А.А. Бойматов [110], Т.Р. Ризозода [84], С.А. Ғазибеков [112], Ф.Х. Азизов [101] номзадони илм, дотсентон А.Т. Абдуллоева [138], Ш.М. Зокирова [115], С.Б. Ашуров [140], Д.М. Набиева [130] ҳамин масъаларо мавриди таҳқиқи муфассал қарор додаанд.

Тадқиқоти олимони ватании дар боло зикргардида дар коркарди ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии ташаккул ва рушди бозори меҳнати ватанӣ ҳиссаи назаррас гузоштаанд. Бо вуҷуди ин дар тадқиқи масъалаи мазкур бо сабабҳои зерин ҷанбаҳои хеле ҷолиби таҳқиқнашуда зиёданд: аввалан муносибатҳои меҳнатӣ доимо дар такомул мебошанд, сониян дар онҳо вобаста ба рушди ҷомеа шароитҳои пешгӯинашаванда ва тағйирот ба миён меоянд. Илова бар ин, баъзе масъалаҳои характери консептуалӣ дошта ба хусусиятҳои хоси танзими бозори меҳнат дар ҳар як минтақаҳои алоҳида, гуногунии иқтидорҳои минтақа вобаста аст. Ҳамаи ин қазияҳо зарурати интихоби мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои тадқиқоти диссертатсиониро ба миён овардаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ**. Рисолаи диссертатсионии мазкур дар алоқамандӣ бо амалишавии барномаву консепсияҳои зерин таҳия гардидааст: Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраҳои 2030 алалхусус, тибқи банди 3., зербанди 3.2. рушди минтақаҳо банди 5., зербанди 5.2. шуғли пурмаҳсул. Барномаи рушди миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020, Маҷмуаи барномаҳо оид ба коҳиш додани сатҳи шуғли ба қайд гирифтанашуда (ғайрирасмӣ) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

солҳои 2015-2017, Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020, Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025.

Инчунин таҳқиқоти мазкур тибқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқоти кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шуда, қисматҳои асосии он дар кафедраҳои тахассусӣ мавриди коркард қарор гирифтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** инкишофи назарияи иқтисодиёти минтақа, асосноккунии муқаррароти илмӣ оид ба рушди бозори минтақавии меҳнат, инчунин коркарди тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили идоракунии рушди он дар вилояти Суғдро ба шумор меравад.

Барои ноил гардидан ба мақсади мазкур дар рисола ҳалли **вазифаҳои зерин** пешбинӣ карда шудааст:

- таҳқиқ намудани назария, муқаррарот ва консепсияҳои илмӣ дар хусуси моҳият ва нақши бозори меҳнат дар иқтисодиёти минтақа;

- низомбандии метод ва методологии арзёбии бозори меҳнат дар иқтисодиёти минтақа;

- омӯзиши амалияи хориҷии танзими рушди бозори меҳнати минтақавӣ;

- муайян намудани вазъи муосири бозори меҳнат дар минтақа ва дарёфти муаммоҳои рушди соҳаи мазкур;

- исбот намудани хусусиятҳои минтақавии бозори меҳнат ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти вилояти Суғд;

- коркарди амсилаҳои дақиқ оид ба муайян намудани таъсири омилҳо ба рушди бозори меҳнати минтақа дар шароити муосир;

- асоснок кардани самтҳои ҳамгироии низоми мактабҳои олӣ ва бозори меҳнат, коркарди тавсияҳо оид ба мукаммалгардонии низоми тайёр намудани сармояи инсонӣ дар бозори меҳнати минтақа.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоие мебошанд,

ки бо ташаккулёбии инфрасохтори бозор дар иқтисодиёти минтақа баҳри ҳалли муаммоҳои шуғли аҳолӣ ва бекорӣ алоқаманданд.

**Предмети таҳқиқот** чараёни инкишофи бозори меҳнати минтақавӣ дар вилояти Суғд ва роҳҳои идоракунии он дар шароити муосир ба шумор меравад.

**Фарзияи таҳқиқот** бо чунин ғоя ва афкори илмӣ асос ёфтааст, ки ҳалли муаммоҳо дар инкишофи бозори меҳнатии минтақавӣ ба мутобиқ кардани талаботу таклифот ба қувваи корӣ, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ ва ба туфайли ин беҳтар намудани некуаҳволии аҳолӣ дар вилояти Суғд мусоидат менамояд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро** асарҳои илмиву фундаменталии олимони машҳури иқтисодшиноси хориҷӣ, инчунин рисолаҳои илмӣ-таҳқиқотии олимони ватанӣ дар самти асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии рушди бозори меҳнат дар иқтисодиёти минтақа ташкил мекунанд. Инчунин, паёмҳои ҳарсолаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти танзими муносибатҳои иҷтимоии меҳнатӣ дар иқтисодиёти ватанию минтақавӣ асосҳои назариявию методологии таҳқиқот ба шумор меравaнд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** ба услубҳои диалектикаи илмӣ баҳри муайян намудани тамоюл, ҳалли муаммоҳо, танзими муносибатҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти минтақа, инчунин ба принсипҳои таҳлили илмии иқтисодиёти муосир, алоқамандии сабабу оқибатҳои рушди минтақаҳо такя менамояд. Дар ҷараёни тадқиқот усулҳои маҷмуавии низомманд, абстраксияи илмӣ, муқоиса, мушоҳида, усулҳои графикӣ, оморӣ, индуксия ва дедуксия, иқтисодии математикӣ истифода гардидааст.

**Сарчашмаи маълумотро** маводҳои расмии нашргардидаи Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд, маълумотҳои омории Сарраёсати агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, нашрияҳои расмии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Инчунин иттилооте, ки дар нашрияҳои даврӣ, шабакаи интернет, маълумотҳои фаврии корхонаҳо истифода гардидааст.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Рисолаи диссертатсионӣ дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон иҷро шуда, қисмҳои амалии он дар машғулиятҳои лексиониву амалӣ коркард шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар ғанӣ гардонидани муқаррароти назариявию методӣ дар раванди ташаккулёбӣ ва рушди бозори меҳнати минтақавӣ, инчунин коркарди тавсияҳои амалӣ оид ба ҳалли муаммоҳо ва такмили танзими он дар иқтисодиёти вилояти Суғд зоҳир мегардад.

Натиҷаҳои асосии илмие, ки унсурҳои навгониро ташкил медиҳад аз инҳо иборатанд:

- муқаррароти назариявии бозори меҳнат, консепсияҳои шуғли аҳолӣ, иқтисодиёти минтақа низомбандӣ карда шудааст, ки дар асоси он ба мафҳуми тадқиқот тасҳеҳ ворид карда шудааст. Тибқи шарҳи муаллифӣ пешниҳод шудааст: Бозори меҳнати минтақавӣ – ҷузъи таркибии инфрасохтори бозор буда, маҷмуаи муносибатҳои байни аҳолии қобили меҳнат ва ҳама гуна субъектҳои хоҷагидориро новобаста аз шакли моликият дар ҳудуди маъмурии муайян оид ба таъмини шуғл ва ҳалли масъалаи бекорӣ, ки барои такрористеҳсол зарур аст, дарбар мегирад.

- гуногунҷабҳагии равияҳои методӣ роҷеъ ба арзёбии бозори меҳнат мудаллал карда шудааст. Дар ин асос баҳри арзёбии объективии бозори меҳнати минтақа нишондиҳандаҳои он гурӯҳбандӣ карда шудаанд. Аз ҷумла: гурӯҳи аввал нишондиҳандаҳои талабот (сатҳи шуғл, эҳтиёҷоти

корфармоён, ҷойҳои холӣ); дуюм таклифот (шумораи аҳолии ғайриқобили меҳнат, бекорон, давомнокии бекорӣ); сеюм шароити меҳнатӣ (музди миёна, бехатарӣ, ҳавасмандиҳо); чорум фаъолияти бозори меҳнат (гардиши кормандон аз рӯйи қабул ба кор ва озод аз кор, гардиши қувваи корӣ, маҳсулнокии меҳнат, ғунҷоиши меҳнат, коэффитсиенти иқтидори ивазнамоӣ, сарбории нафақавӣ ва демографӣ).

- исбот гардидааст, ки дар кишварҳои ҷаҳон оид ба ташаккул, танзим ва рушди бозори меҳнат таҷрибаи мухталиф андӯхта шудааст ва ҷанбаҳои зерин барои истифода дар иқтисодиёти минтақа қобили қабуланд: барномаҳои Ҳукумат дар тайёр намудани мутахассисони касбӣ, кумакпулиҳо барои бекорӣ (таҷрибаи ИМА); дастгирии давлатии корхонаҳое, ки барои ҷавонон ҷойи корӣ ташкил менамоянд, иҷтимоикунонии истеҳсолӣ (таҷрибаи Шветсия); - принсипи «якумраи қабул ба кор», ҳавасмандии эҷодкорӣ ва мансабӣ (таҷрибаи Ҷопон); - ҳаҷми ҳадди ақалли музди меҳнат вобаста аз ихтисосмандии касбӣ (таҷрибаи Фаронса); - содагӣ ва дастраси воситаҳои қарзӣ дар бозори меҳнат, ҷалби мутахассисони хориҷӣ (таҷрибаи Канада); - консепсияи бозори меҳнати чандирнок (таҷрибаи Олмон).

- вазъи ғайримувозинатии талаботу таклифот дар бозори меҳнати Суғд асоснок карда шудааст. Аз ҷумла, ҳиссаи зиёди ҷавонон бекоранд, ки муамморо шадид менамоянд; ақибмонӣ дар ташаккули ҷойҳои корӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят ва ғайра. Инчунин шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз рӯйи сатҳи музди меҳнат гурӯҳбандӣ карда шудааст. Гурӯҳи пешқадам: Айнӣ, Гулистон, Панҷакент, Хуҷанд, ки нишондиҳандаи онҳо аз миёнаи вилоятӣ баланд аст. Гурӯҳи ақибмонда: Ашт, Шаҳристон, Деваштич, Зафаробод, Кӯҳистони Мастчоҳ, Мастчоҳ ворид аст. Асоснок карда шудааст, ки сиёсати даромадҳо ва музди меҳнат дар вилояти Суғд ниёз ба такмил дорад.

- тағйироти сохторӣ дар бозори меҳнати вилояти Суғд асоснок карда шудааст. Дар ин асос мавҷудияти муаммоҳои зерин исбот

гардидааст: - шуғли аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ назаррас буда, меҳнати дастӣ нисбат ба меҳнати ақлӣ ҳоло ҳам саҳми зиёд дорад. Дар бештари соҳаҳои иқтисодиёти вилоят музди меҳнати сатҳи номуносиб ҷой дошта, сабаби асосии муҳоҷирати меҳнатӣ гардидааст; - гардиши қувваи корӣ, яъне озодшавӣ аз кор, ивазшавӣ, қабул ба кор ноустувор аст. Коэффитсиенти аз корравӣ, қабул ба кор, ивазнамоӣ ҳисоб карда шуда, зарурати таъмини муътадилии шуғл дар соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғд асоснок карда шудааст.

- иқтидори ҷавонон оид ба имконияти ивази ҷойҳои кории аҳолии калонсол, сарбории нафақавӣ ва демографӣ дар вилояти Суғд муайян карда шудааст. Тибқи он исбот гардидааст, ки дар минтақа бо кор таъмин гардидани ҷавонон дар сатҳи нокифоя қарор дошта, сарбории демографӣ (шахсони ниёзи нигаҳбонӣ ба ҳар сари аҳолии машғули кор) баланд аст. Арзёбӣ гардидааст, ки ҷорӣ намудани техникаву технологияи нав, рушди иқтисодиёти инноватсионӣ дар вилоят барои баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат, коҳиши меҳнатталабии истеҳсолот мусоидат карда истодааст.

- амсилаи таъсири омилҳои иқтисодии гуногун ба вазъи бозори меҳнат коркард карда шудааст. Муайян гардидааст, ки дар шароити муосир ҳассоснокии тағйирот дар бозори меҳнати минтақа аз тамоюлҳои мусбати ММД ба ҳар сари аҳолӣ бештар вобастагии қавӣ дорад, сипас рушди соҳаи саноат, афзоиши музди меҳнат низ таъсири назаррас дорад. Тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба танзими инкишофи бозори минтақавии меҳнат бо таҷдиди ҳамгироӣ бо мактабҳои олӣ, тайёр намудани сармояи инсонӣ ва ғайра пешниҳод гардидааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

- низомбандии муқаррароти назариявии бозори минтақавии меҳнат, иқтисодиёти минтақа, танзими он ва ворид намудани тасҳеҳ ба мафҳуми тадқиқот;

- гурӯҳбандии равишҳои методии арзёбии бозори меҳнат ва исбот

намудани гуногунҷабҳагии он, асоснок кардани зарурати арзёбии бозори меҳнати минтақа дар асоси усули комплексӣ;

- омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон оид ба ташаккул, танзим ва рушди бозори меҳнат ва исбот намудани зарурати қабули баъзеи унсурҳои онҳо дар иқтисодиёти минтақаи вилояти Суғд;

- далелнок намудани вазъи ғайримувозинатии талаботу таклифот дар бозори меҳнат дар иқтисодиёти вилояти Суғд, муайян сохтани мавқеи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ва гурӯҳбандии онҳо тибқи арзёбии музди меҳнат;

- бо ҷавонон иваз намудани кормандони солхӯрда, сарбории нафақавӣ, сарбории демографӣ, инчунин арзёбии маҳсулнокии меҳнат ва меҳнатғунҷоиш дар бозори меҳнати минтақа;

- таҳқиқи сохтори соҳавии шуғли аҳолӣ дар бозори меҳнати минтақа, исбот кардани сабабҳои он, гардиши қувваи корӣ, сабаби аз кор рафтан, ивазшавӣ, қабул ба кор ва таъмини муътадилии шуғл дар иқтисодиёти вилоят;

- коркарди амсилаи таъсири омилҳои гуногун ба вазъи бозори меҳнат ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-амалӣ оид ба такмили танзими он дар иқтисодиёти минтақа.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки муқаррароти илмие, ки дар ҷараёни иҷрои диссертатсия таҳия гардидааст дар ғанӣ гардонидани консепсияи инфрасохтори бозорӣ тавассути тавсияҳои илмӣ оид ба ташаккулёбӣ ва такмили бозори меҳнат мусоидат менамояд. Инчунин пешниҳоди тавсияҳо ва ворид намудани тасҳеҳ ба мазмун ва мундариҷаи мафҳумҳои мавриди тадқиқ ба рушди ҷанбаҳои назариявии иқтисодиёти минтақа имконият медиҳад. Хулосаҳои илмии аз ҷиҳати назариявӣ ва методологӣ асоснокшуда барои баланд бардоштани сатҳи мутобиқшавии талаботу таклифот дар бозори меҳнат, ҳал намудани муаммоҳои илмӣ дар коркарди стратегияи рушди бозори меҳнат дар минтақа имкон медиҳанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки тавсияҳои илмӣ-амалии таҳия ва пешниҳодгардидаро Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолӣ, вазоратҳои соҳавӣ, инчунин мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Суғд ҳангоми таҳияи стратегияи консепсияҳо ва минтақавӣ оид ба таъмини шуғли аҳолӣ, танзими бекорӣ ва тайёр кардани мутахассисон барои хоҷагии халқ метавонанд истифода кунанд.

Инчунин нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия дар такмил додани ҷараёни таълим дар омӯзиши фанҳои «Иқтисодиёти минтақа», «Инфрасохтори бозор», «Бозори меҳнат» ва дигар курсҳои махсус дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода карда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он собит мешавад, ки муқаррароти илмӣ, хулосаҳои пешниҳодгардида ва тавсияҳои коркардшуда аз нуқтаи назари консепсияи илмии муосир омода карда шудааст. Инчунин онҳо бо таҳқиқоти илмию назариявии олимони ватаниву бурунмарзӣ дар чорчӯбаи масъалаҳои таҳқиқкардашуда мутобиқат менамоянд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Натиҷаҳои таҳқиқот бо Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси доктори фалсафа (Phd) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050606 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ), алалхусус банди 7. Бозорҳои локалӣ (маҳаллӣ), ташаккулёбии онҳо, амалкард ва ҳамкорӣ; тиҷорати байнимантақавӣ. Назарияи ҷуғрофиёи нави иқтисодӣ; банди 20. Инфрасохтори истеҳсолӣ, иҷтимоӣ ва бозорӣ дар минтақаҳо. Принсип, вижагиҳо ва механизми ташкилию иқтисодии рушди соҳаҳои инфрасохторӣ дар минтақаҳо; банди 22. Инкишофи бозори минтақавии меҳнат. Иқтидори меҳнатӣ дар минтақа ва вижагиҳои идоракунии он. Муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ дар минтақаҳо. Вижагиҳои ҷойгиркунии минтақавии иқтидори меҳнатӣ мутобиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Рисолаи диссертатсионӣ натиҷаи фаъолият ва андешаҳои илмии муаллиф аст. Интихоби мавзуъ, таҳия намудани нақшаи кори илмӣ, ҷамъ овардани маводҳои илмӣ ва оморӣ, таълифи диссертатсия, коркарди муқаррароти илмӣ, таҳия ва асоснок намудани хулосаву тавсияҳо дар диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар асоси омӯзиши асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ ҷанбаҳои ниҳодӣ ва ғайра аз ҷониби муаллиф мустақилона иҷро шудааст. Муаллиф бо тавассути усулҳои муосири таҳқиқ ба базаи рушди бозори минтақа арзёбии объективона гузоштааст. Инчунин аз ҷониби муаллиф мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тавсияшавандаҳои КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва аз чоп баровtriarda шудааст. Инчунин муаллиф дар кори конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва донишгоҳӣ бевосита иштирок намуда, маърузаҳои илмӣ намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия**. Муқаррароти асосии кори илмӣ дар конференсияҳои илмӣ-амалии вилоятӣ, донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ироа гардидаанд. Аз ҷумла дар конференсияҳои илмӣ-амалии байналхалқӣ дар мавзуи «Логистика ва ҳамлу нақли мултимодалӣ: муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли онҳо» (Бӯстон, 2018), «Модели соҳибкории иқтисод ва идоракунии рушди корхона» (Житомир, 2019), «Идоракунии субъектҳои соҳибкорӣ: мушкилот ва дурнамои рушд» (Житомир, 2019), “Шоқан оқулары-27: Нақши илми донишгоҳ дар рушди минтақа” (Қазоқистон, 2023), конференсияҳои ҷумҳуриявӣ «Саҳми ҷавонон дар саноатикунонии кишвар ва рушди деҳот» (Хуҷанд, 2019), «Илм ва инноватсия баҳри иҷрои ҳадафҳои миллӣ» (Хуҷанд, 2019), «Илм ва инноватсия дар низоми татбиқи ҳадафҳои стратегияи миллӣ» (Хуҷанд, 2021), «Ҳамгироии илм ва истеҳсолот баҳри татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ» (Хуҷанд, 2022), «Рушди илм ва инноватсия дар шароити рақамикунонӣ» (Хуҷанд, 2023), «Илму

маориф дар пешрафти иқтисодию иҷтимоии давлати ҳуқуқбунёд» (Хуҷанд, 2024), «Усулҳои рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва пешрафти инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Душанбе, 2024), «Рушди устувор дар соҳаҳои иқтисодиёт, суботи иҷтимоӣ, мувозинати экологӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон» бахшида ба амалишавии «Стратегияи рушди иқтисоди «сабз» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2037» ва Рӯзи илми тоҷик (ш. Хуҷанд, соли 2025).

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Муқаррарот ва натиҷаҳои асосии маводи диссертатсия дар 15 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 2,50 ҷузъи чопӣ, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и назди Вазорати маориф ва илми Федератсияи Русия тавсияшуда дар ҳаҷми 1,9 ҷузъи чопӣ нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо, рӯйхати манбаъҳои истифодашуда, ки 172 номгӯй иборат мебошад, ташаккул ёфтааст. Ҳаҷми умумии кор 173 саҳифаро дарбар мегирад, ки дар он 29 ҷадвал, 3 расм ва 1 диаграмма гирд оварда шудааст.

## БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ - МЕТОДИИ ТАҲҚИҚОТИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ МИНТАҚАВӢ

### 1.1. Консепсияҳои илмӣ оид ба моҳият ва нақши бозори меҳнати минтақавӣ

Тадқиқоти бозори меҳнат ҳам аз нуқтаи ақидаҳои анъанавӣ, ҳам аз нуқтаи талаботи иқтисодиёти муосир дар кулли давру замон мубрамияти махсус дорад, зеро объекти асосии он инсон аст, ки натиҷаи ниҳоии ҳамаи фаъолият барои қонеъ гардонидани талаботи ӯ равона гардидааст. Дар шароити муосири васеъ паҳн шудани таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ, рушдёбии автоматикунонии истеҳсолот, роботикунонӣ, истифодабарии зеҳни сунъӣ, пайдошавии смарт-технологияҳо дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт зарурати таҳқиқи доимии муаммоҳои муосир ва ояндаи шуғли аҳолӣ беш аз пеш меафзояд.

Барои ин мақсад равияҳои методологӣ ва услубҳои тадқиқоти мухталиф истифода бурда шуда истодааст, ки бештари онҳо методикаи илмҳои дигари тадқиқотӣ мебошад. Дар ҳақиқат имрӯз дар ҷаҳони муосир равияи байнифаннӣ бештар тараққӣ ёфта истодааст.

Роҷеъ ба масъалаи мазкур дар илми иқтисодӣ чунин андешаи фозилонае омадааст: «...дар шароити муосир тадқиқотҳои байнифаннӣ дар самти бозори меҳнат ба яке аз шартҳои зарурии бадастории хулосаҳои илмии боэътимоднок мубаддал гаштааст. Бештари тадқиқот дар ин равия дар самти илмҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва илми демография гузаронида мешавад. Дар натиҷа худи мафҳуми бозори меҳнат мундариҷа ва мазмуни навро инъикос менамояд ва ба ин васила чорчӯбаи тадқиқот боз ҳам васеъ мегардад». [132, с. 120-126]

Тибқи муқарраротҳои назариявӣ субъекти асосӣ дар бозори меҳнат теъдоди аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, ки бо қобилияти ҷисмонӣ, донишу малакаҳо, имконияти машғули кор дар шуғлро дорад ҳамчун иқтидори меҳнатӣ ба инобат мегирад. Умуман, шахсони инфиродие, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол бошанд, барои шуғл омода бошанд чун

захираи инсонӣ субъекти асосӣ дар бозори меҳнат меҳисобанд. Яке аз олими бузурги иқтисоддон, намояндаи бузурги классикон Адам Смит андешаронӣ менамояд, ки захираҳои инсонӣ фоидаовар, пурмаҳсул мебошад, агар сифатҳои касбии худ малакаи истеҳсолиро оқилона истифода намояд. Дар радифи сармоя малакаи коргарон хеле аҳаммияти бузург дорад. Илова бар он асосҳои пайдоиши сарчашмаи сармоя ғанӣ гардонидани он, коркарди стратегияи сармоягузорӣ бо тағйиротҳои меҳнатӣ вобаста аст. Инчунин, шаклҳои ташкили раванди меҳнатӣ, ҳамгироӣ бо дигар омилҳои истеҳсолӣ низ хусусияти омили меҳнатиро муайян менамояд. Аз ин ақидаҳо бармеояд, ки тағйирот дар маҳсулнокии меҳнат дар навбати аввал аз иқтидори меҳнатӣ вобаста аст. [105, с. 15-19]

Бинобар ин такмили салоҳиятҳои касбии донишандӯзӣ, саломатии захираҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнат нақши муҳим дорад. Инсон ҳамчун соҳиби қувваи корӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҳам минтақа ва ҳам ҷумҳурӣ ҳамчун мақсади олӣ мебошад. Дар ҷараёни таҳқиқи бозори меҳнати минтақа масъалаҳои ташаккули захираҳои меҳнатӣ дар ҳар як минтақа муҳимияти махсус дорад. Масъалаҳои инкишофи бозори меҳнат чун ниҳоди иқтисодӣ дар ҳар як минтақа аҳаммияти стратегӣ дорад, зеро дар таъмини рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ нақши инсон бениҳоят бузург аст. Боиси зикр аст, ки оид ба масъалаи мазкур дар илми муосир ақидаи ягона мавҷуд нест. Дар раванди рушди муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ мафҳуми мазкурро аз нуқтаи назари мухталиф ҳар гуна маънидод менамояд, вале ҳамаи онҳо асоси ягона дорад. Вақте ки бозори меҳнат вобаста аз мавқеи ҷойгиршавӣ, яъне аз нуқтаи назари ҳудудии минтақавӣ, яъне дар иқтисодиёти минтақа давлат, байни давлатӣ, дар сатҳи ҷаҳонӣ баррасӣ гардад моҳияти онҳо метавон аз ҳамдигар фарқ кунад. Вале ҳамаи онҳо заминаи умумӣ, яъне талаботу таклифот дар захираҳои меҳнат такя менамояд, зеро дар ҳар як сатҳи иқтисодиёт қонунҳои иқтисодӣ бо тарзи дигар амалӣ менамояд. Аз ҳама

муҳим ҳар яки он хусусиятҳои хосаи худро дошта, чараёни идораи хосаи худро талаб менамояд.

Ҷанбаи дигари хусусияти бозори меҳнат дар сатҳҳои гуногун аз он бармеояд, ки бозори меҳнат ҳамчун категорияи мураккаб метавонад аз ҷониби илмҳои гуногун мавриди баррасӣ гардад. Масалан, аз нуқтаи илми демография, сотсиология, тиб, омор ва иқтисодиётро номбар кардан мумкин аст. Дар илми муосир соҳаҳои гуногуне, ки дар боло зикр гардид бо тарзи схема нишон дода шудааст (нигаред ба расми 1).

**Расми 1.**

**Муносибатҳое, ки бо ташаккулёбӣ ва рушди бозори меҳнати минтақавӣ алоқамандӣ дорад [104]**




Демографҳо таҳти мафҳуми бозори меҳнатӣ чунин мушаххасоти миқдорӣ, аз қабили теъдоди аҳолии минтақа, шаҳру ноҳия шумораи

аҳолии қобили меҳнат, идомаи ҳаёти инсон, сатҳи таваллуд аз ҷумла ҳаёти меҳнатиро мефаҳманд.

Аз нуқтаи назари илми омор нишондодҳои миқдории бозори меҳнат, алалхусус вазъи захираҳои меҳнатиро дар ҳудудҳои алоҳидаи минтақавӣ тақсимот аз рӯи соҳаҳо ва ғайраро омӯзад, сотсиологҳо ва равоншиносон бошад сифати захираҳои меҳнатиро таҳлил менамоянд. Чунин унсурҳоро, мисли қобилиятҳои эҷодӣ, муошиpатпазирӣ, рушди когнитивӣ, сатҳи ахлоқӣ ва фарҳангӣ, талабот аз он ҷумлаанд. Онҳо ҷузъҳои таркибии мафҳумҳои қувваи корӣ ба ҳисоб мераванд.

Иқтисодшиносон бозори меҳнатиро аз нуқтаи назари консепсияҳои институтсионалӣ ҳамчун як ниҳоди алоҳида меомӯзад. Вале боиси зикр аст, ки аз нуқтаи муқарраротҳои назарияи истеҳсолот ҳамчун омили истеҳсолоти хусусияти хоса дошта арзёбӣ мегардад. Аз ин бармеояд, ки бозори меҳнат дар илми иқтисодӣ аз ҷанбаҳои гуногун таҳлил карда мешавад. Онҳо чунинанд:

- ҳамчун захираи истеҳсолот;
- ҳамчун ниҳоди алоҳида;
- ҳамчун иқтидори истеҳсолӣ.

Вале дар омӯхтани дар якҷоягӣ консепсияҳои зикргардида мувофиқи мақсад аст, зеро омили инсон омили мураккаб аст [105, с. 15-19].

Равиши захиравӣ равиши аз ҳама паҳншуда ба шумор меравад. Олимони маъруф Л.И. Абалкин [105], В.Г. Костаков [53], И.Е. Золин [145] ҷонибдори муносибати мазкуранд. Дар осори олимони мазкур бозори меҳнатии мамлакат ё минтақа чун бозори омили инсонии истеҳсолот дар ягонагии ҷанбаҳои миқдорию сифатии он баррасӣ мегардад. Дар доираи муносибати бозорӣ ниҳоди бозори меҳнатӣ аз бисёр ҷиҳат ҳамчун бозори захираи асосӣ дида баромада мешавад. Бозори меҳнатӣ ба маҷмуи захираҳои мухталифи иҷтимоӣ, ки бо фаъолияти истеҳсолот, суръатафзоии пешрафти илму техника алоқаманд буда, қиматҳои миқдорию сифатӣ доранд, тавсиф мегардад.

Мувофиқи ақоиди ҷонибдорони равиши ниҳодӣ М.И. Скваржинский [136], Ю.Г. Одегов [82], Е.Ф. Борисов [20] бозори меҳнат чун узви ҷудонашавандаи фундаменталии инфрасохтори бозорӣ ба ҳисоб меравад, ки бо нишондиҳандаҳои мухталиф арзёбӣ мегардад. Зимнан бозори меҳнатӣ чун ниҳоди ҷамъият оид ба самаранок ҷобаҷогузории захираҳои меҳнатӣ, имкониятҳои меҳнатии шахсият дар шароитҳои иҷтимоию иқтисодӣ баррасӣ карда мешавад. Шарҳи бозори меҳнатӣ маҳз дар фаҳмиши ниҳоди бозорӣ хеле мафҳуми васеъ аст, ки дар ҳақиқат дар захираи меҳнатӣ ҳам арзиши истеъмолӣ, ҳам натиҷаи вопасин, ҳам таъминкунандаи рушди иқтисодӣ таҷассум меёбад. Чӣ тавре ки қайд кардем дар байни олимон ақидаи ягона мавҷуд нест, инчунин олимони рус В.К. Врублейский [26], Б.М. Сухаревский [96] пешниҳод менамояд, ки ҳар як захираи меҳнатӣ имконияти худ ва имкониятҳои ояндаро доро мебошад. Аз ин лиҳоз, онро ҳамчун иқтидор арзёбӣ менамояд. Ин шахсҳоро ҳамчун равиши иқтидорӣ маънидод карда мешавад. Аз нуқтаи назари ҷонибдорони равиши иқтидорӣ инсон ҳамчун омил, захира, моҳияти иқтидорро ташкил медиҳад. Вале дар ин ҷода гурӯҳи дигари олимон равияи захиравиро баррасӣ менамоянд. Масалан, яке аз намояндаи он Маслова И.С. чунин мешуморад, ки маҷмӯи қобилиятҳои ҷисмонӣ ва ақлӣ ҳамчун категорияи мураккаб аҳолии қобилияти меҳнатро ҳамчун захираи меҳнатӣ баррасӣ менамояд. [65, с. 15]. Аз нуқтаи назари сатҳи давлатӣ ва сатҳи минтақавӣ ҳамчун захираи меҳнатӣ аҳолии қобили меҳнат бо чунин сифатҳо арзёбӣ мегардад. Шумораи аҳолии шуғлдошта, теъдоди вақти корӣ, қобилияти ҷисмонии инсон, маърифатнокӣ ва фарҳанг, саломатии аҳолии қобили меҳнат ва ғайра.

Инак, дар бозори меҳнат дар кадом сатҳе, ки набошад, захираҳои инсонӣ объекти тадқиқот мебошад. Андозагирӣ, яъне истифодабарии меъёри ҳудудӣ ба он таъсири ҷиддӣ намерасад. Танҳо аз хусусиятҳои хоси ҳудудҳо вобастагӣ дорад. Дар сатҳи минтақа низ қобилияти

маҷмӯавии қувваи корие, ки дар ҳудуди муайяни маъмурӣ кору фаъолият дорад, объекти асосӣ мебошад. Азбаски минтақа як қисми таркибӣ, узви таркибии иқтисодиёти ҷумҳурӣ мебошад, дар ҳудуди худ мумкин ки хусусиятҳои хоси худро дошта бошад. Аз ин лиҳоз дар илми иқтисодӣ бозори минтақавии меҳнат ҳамчун категорияи иқтисодӣ истифода бурда мешавад. Дар асоси суханҳои қайдгардида чун хулоса таъкид кардан мумкин аст, ки теъдоди миқдории сифатии қувваи корӣ дар минтақа барои ҳал намудани муаммоҳои рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ мусоидат менамояд.

Азбаски теъдоди захираҳои меҳнатӣ қобилияти ҷисмонӣ, дониш ва малакаҳои қувваи корӣ, ҷойгиршавии истеҳсолот, мавҷудияти имкониятҳо барои рушди инсонӣ дар ҳар як минтақа гуногун аст бозори меҳнатии минтақа низоми хеле мураккаб мебошад. Илова бар он ин ниҳод бо тарзи доимӣ дар марҳилаи рушд қарор дорад.

Дар рушди бозори меҳнат захираи меҳнатӣ хусусияти хосаи худро дорад. Ин дар он инъикос менамояд, ки худи захираи меҳнатӣ ҳамчун объекти хариду фурӯш қобилиятҳои ҷисмонӣ, илмӣ, тавоноӣ мебошад на худи захираи меҳнатӣ. Аз ҳамин нуқтаи назар гуфтан мумкин аст, ки дар бозор хизматрасониҳои меҳнатӣ ба фурӯш бароварда мешавад. Бо назардошти чунин нуқтаи назар захираи меҳнатиро ҳамчун омил, ҳамчун иқтидор таҳқиқ намудан мумкин аст.

Дар идеология ва сиёсат дар бораи омили инсонӣ, тағйирёбии радикалӣ, ки дар он сармоягузорӣ ба таври назаррас зиёд мешавад, зарур аст. Системаи идоракунии иқтисодиёт ва сиёсатҳое, ки барои фаъолсозии захираҳои иҷтимоии баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот равона шудаанд, бояд ба фаъолнокии иқтидори эҷодии инсон равона карда шаванд. Ҳар гуна чорабиниҳо дар доираи тағйирот бояд аз таъсири онҳо ба самти фаъолияти инсон арзёбӣ карда шаванд.

Дар айни замон, самти иҷтимоии иқтисодиёт бояд ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти иҷтимоӣ ва афзоиши ҳосилнокии

меҳнат мусоидат намояд, ки ба пешрафти рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат мекунад. Тағйири ибтидоии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ бояд аз таъсиси механизми иқтисодӣ, ки сохтани иқтидори иқтисодиро тавассути истифодаи самарабахши ҳамаи ҷузъҳо, аз ҷумла иқтидори меҳнатиро дастгирӣ намоянд.

Иқтидори меҳнатӣ ва захираҳои меҳнатӣ консепсияи ягона нест. Ин зарурати истифодаи нерӯи меҳнатиро мефаҳмонад. Мафҳум, мазмун ва намунаҳои рушди он асосан дар натиҷаи омӯзиши омили инсонӣ, ки дорои иқтидори меҳнатиро ифода мекунад, имконпазир аст.

Дар илми муосир самти иқтисодиёти меҳнат бо хусусиятҳои хосаи худ, аҳолии қобили меҳнат, қувваи корӣ, шуғл, бекорӣ ҳам аз нуқтаи назари консепсияҳо ва методологияи назарияи иқтисодӣ дар якҷоягӣ мавриди таҳлил қарор дода мешавад.

Гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ инкишофи масъалаҳои назариявӣ ва мубрами амалии соҳаҳои меҳнатро дар бар мегирад. Дар солҳои охир консепсияи «шуғли аҳолӣ» дорои тафаккури нодир нест. Ҳудуд ва сохтори бозори меҳнатӣ ҳамчун объекти тадқиқот акнун пурратар маълум шуда истодааст. Бо вуҷуди ин, метавон гуфт, ки аксарияти тадқиқотчиён ин мафҳумро бо меҳнати коргари умумӣ муайян карда мешаванд.

Хусусан, нигоҳ доштани равиши захиравӣ ба мафҳуми консепсияи «шуғли аҳолӣ» хусусияти хос дорад. Бозори меҳнатӣ категорияи мураккаби иқтисодӣ мебошад; он бояд сарчашма, восита, захираҳои меҳнатӣ, ки метавонанд барои ҳалли вазифа истифода шаванд, ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххас, қобилияти шахс ва ё ҷомеае ҳисоб меёбад. Дар тамаддуни инсоният назарияи бозори меҳнат вобаста аз ташаккули муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ рушд ёфтааст ва ҳамзамон дар якҷоягӣ бо дигар илмҳои иқтисодӣ низ баррасӣ гардидааст. Ин ба назар мерасад, ки назарияи бозори минтақавии меҳнат на танҳо чун воситае,

балки ҳамчун категорияи комплексии иҷтимоию иқтисодӣ, ки қисми таркибии бозори захиравии иқтисодист, арзёбӣ мегардад.

Бозори минтақавии меҳнатӣ ҳамчун категорияи ҳассос ҳисобида мешавад. Дар байни ҷузъҳои иловагии сифат хусусиятҳои шахсии кормандон, мавқеи хосаи худро дорад. Ба ин гуна хусусиятҳо зеринҳоро ворид кардан мумкин аст: вазъи саломатӣ, қобилияти илмӣ, маълумотнокӣ, сатҳи иҷтимоӣ, фаъолнокӣ, муносибат бо шахсони дигар ва ғайра.

Иқтидори меҳнат нишондиҳандаи миёнамуҳлати омилҳои шахсии аз аҳолии синну соли корӣ мебошад; миқдори вақт барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ дар давоми рӯз, ҳафта, моҳ, сол, ҳаёти инсон; шиддатнокии иҷтимоии зарурӣ (шиддатнокии фаъолияти меҳнатӣ) дар давоми вақти корӣ, арзише, ки ҳисоб кардани он хеле душвор аст.

Гурӯҳи олимон (Добрик В.В., Долишний М., Злепко Н.Н, Убайдуллаева Р.А.), ки бозори меҳнатро ҳамчун ниҳоди иқтисодӣ муайян мекунанд, он ҳамчун захираҳои меҳнатӣ бо техника, шароитҳои ташкилӣ, идеологӣ ва сиёсии раванди репродуктивӣ, ки сифати иқтидори меҳнатиро дар ҳар як марҳилаи рушди он муайян мекунанд. [114, с. 66-74].

Дар ҷараёни тавсифи моҳияти бозори меҳнат новобаста аз сатҳи иқтисодиёт масъалаи шуғли қобили меҳнат ва пешниҳоди он бояд баррасӣ гардад. Мувофиқи ақидаи Врублейский В. бозори меҳнат аз гурӯҳ ва аҳолии қобили меҳнат ва шароитҳои дахлдори меҳнатӣ дар ягонагии омилҳо маҳсуб ёфта, инъикос аз як тараф муҳтавои он ва аз тарафи дигар аз хусусияти иҷтимоию иқтисодӣ иборат аст. [26, с. 103-107].

Мафҳуми захираҳои меҳнатӣ ва қувваи корӣ ҳаммаъно буда, айни замон бо хусусиятҳо ва маънои худ аз ҳамдигар фарқ доранд. Барои он ки захираҳои меҳнатӣ бақувваи корӣ табдил ёбанд, бояд онҳо, пеш аз ҳама, омодаи шуғл варзидан, касбу ҳунар дошта бошанд ва аз ҷиҳати

иқтисодӣ фаъол буда, дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ фаъолияти меҳнатӣ намоянд.

Ба захираҳои меҳнатӣ онҳое дохил мешаванд, ки синну солашон ба қобили меҳнат мансубанд (мардҳо 16-63, занҳо 16-58), наврасоне, ки бо қарор ва иҷозати ҳукумати шаҳру ноҳияҳо фаъолияти меҳнатӣ доранд, инчунин нафақахӯрон ва собиқадорони меҳнат, ки синну солашон ба нафақа расидааасту фаъолияти меҳнатиро идома медиҳанд. [58, с. 58].

Қувваи корӣ барои он қувваи аввалини нерӯи ҳосилкунанда аст, ки маҳз инсон аз истифодаи қувваи ҷисмонию ақлонӣ ва донишу малакаи тахассусии худ бо ёрии олоти корӣ ба предмети (шайъи) меҳнат таъсир расонида, маҳсулотҳои моддӣ бахри қонеъ намудани талаботи инсон равона карда шудааст. Аз ин лиҳоз, вақте ки сухан ба захираҳои меҳнатӣ меравад мафҳуми қувваи корӣ мавқеи асосӣ мебошад, ки бо меҳнати худ рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии кишварро таъмин мегардонад. Дар болоравии иқтидори қувваи кории инсон мақоми сармояи башарӣ намоён аст.

Аммо дар доираи тавсифи бозори меҳнатӣ яке аз унсурҳои асосии он қобилияти меҳнатии қувваи корӣ аз нуқтаи назари мо як чизи бебаҳра аст ва дар бораи он мулоҳизаҳои амиқ пешниҳод намекунад. Бозори минтақавии меҳнатӣ ба фикри мо як ниҳоди асосии иқтисодиёти бозор аст. Элементи асосии он қодир аст, ки фаъолияти якҷояро пурзӯр ва таҳким бахшад, зеро он ба таъсири захираҳои меҳнатӣ маҷмуӣ тақсим карда мешавад. Дар айни замон мехостам таъкид намоям, ки дар ошкор кардани қонуниятҳои рушди ниҳоди бозори меҳнат диққати ҷиддӣ барои хусусияти амалии он – пайвастагии органикӣ бо категорияи захираҳои меҳнатӣ, шуғли аҳолӣ муҳим аст. Дар шароити амалисозӣ, ин маънои онро дорад, ки ҷанбаҳои миқдорӣ ва сифатии бозори минтақавии меҳнатро дар шароити ягонаи молиявӣ, ташкилӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ

барои татбиқи он арзёбӣ кардан зарур аст, зеро ки ҷанбаҳои асосии он ҳамчун ҷузъи таркибии иқтисодиёт мебошад.

Умуман, дар илми муосир ақидаҳои хеле зиёд оид ба мундариҷаи бозори меҳнат мавҷуд аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳамчун категорияи иқтисодӣ бозори меҳнат категорияи мураккаб, бисёрҷанбаъ, бисёрсатҳа мебошад, ки аз муносибатҳои байни аҳолӣ коркунон, кордиҳандагон, мақомотҳои давлатӣ, мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ бармеояд. Дар ин самт масъалаи кадом ҷабҳаи вазифаи бозори меҳнат, яъне иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва функсияи демографии бозори меҳнат дар мадди аввал гузоштааст, равияи тадқиқот муайян карда мешавад.

Суханҳои қайдгардида аҳаммияти дарки назариявии моҳияти бозори меҳнат, низомбандӣ намудани нишондиҳандаҳои рушд, муайян намудани тамоюлҳо аҳаммияти хосаи худро дорад. Барои дастрас намудани мақсади тадқиқот нахуст зарур аст, ки ба асарҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ таваҷҷуҳ намуда, бисёрҷанбагии моҳияти бозори меҳнатро баррасӣ намоем.

Баъзе таърифҳои мафҳуми бозори меҳнат дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

**Ҷадвали 1**

**Мафҳум ва моҳияти бозори меҳнат**

| Моҳияти бозори меҳнат ва сарчашма бо забони аслӣ | |
|---|---|
| Е.Е. Немерюк, Л.С. Аникин [131, с. 22] | «Бозори минтақавии меҳнат як соҳаи ҳамкории байни фурӯшандагон ва харидорони қувваи корӣ дар қаламрави муайян мебошад, ки дар давоми он талабот ва пешниҳод ба коргарони ихтисосҳои гуногун ташаккул меёбад». |
| А.А. Бухтаяров, А.В. Тюткалова, Г.Г. Вукович, В.А.Новоковский [111, с. 98-99] | «Бозори меҳнати минтақа низоми муносибатҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва меҳнатӣ дар байни корфармоён ва кормандон бо иштироки ташкилотҳои давлатию ҷамъиятӣ мебошад, ки он ба талаботу пешниҳод вобаста ба музд ва шароити меҳнат, кафолатҳои иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоӣ ва дастгирӣ ғайра асос меёбад». |
| И.М. Алиев [12, с. 212] | «Бозори минтақавии меҳнат механизми маҷмуи талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар дохили як минтақаи мушаххас мебошад, ки таъсири мутақобилаи онҳо аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъолро бо кор дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодии минтақа таъмин менамояд». |

*Идомаи ҷадвали 1.*

| | |
|---|---|
| Е. Ф. Борисов [20, с. 156]. | «Бозори меҳнат як соҳаи махсуси муносибатҳои бозорӣ мебошад, ки дар он амалиёти хариду фурӯши қувваи корӣ амалӣ карда мешавад». |
| Н.А. Волгина [28, с. 56]. | «Бозори меҳнат маҷмӯи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ байни харидорон ва фурӯшандагон оид ба шароити киро ва истифодаи қувваи корӣ мебошад». |
| А.В. Кашепов [48, с. 59]. | «Бозори меҳнат маҷмуи муносибатҳои иҷтимоӣ, меъёрҳо ва институтҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла ҳуқуқӣ мебошад, ки таҷдиди муътадил ва истифодаи самараноки меҳнатро бо музди мувофиқи миқдор ва сифати он таъмин менамояд» |
| А.Э. Котляр [121, с. 33]. | «Бозори меҳнат маҷмуи талабот ва пешниҳоди меҳнатро ифода мекунад, ки бо ҳамбастагии онҳо ҷойгиршавии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъолро дар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ дар заминаҳои соҳавӣ, демографӣ ва касбию тахассусӣ таъмин менамояд». |
| Б.А. Райзберга. М. [85, с. 96]. | «Бозори меҳнатро метавон ҳамчун низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии байни соҳибони қувваи корие, ки ба кори кироя эҳтиёҷманд ва соҳибони воситаҳои истеҳсолот, ки талабот ба меҳнати кирояро пешниҳод мекунанд, вобаста ба ҷалби меҳнат дар соҳаи иқтисодиёт муайян намуд». |
| И.В. Гуськова [144, с. 8] | «Бозори меҳнат қисми таркибии иқтисоди бозорӣ буда, дар он қарорҳо оид ба қабул ва шуғли коргарон қабул карда шуда, оид ба сатҳи музди меҳнат, шароити меҳнат ва дигар ҷанбаҳои муносибатҳои меҳнатӣ гуфтушуниди инфиродӣ ва коллективӣ сурат мегирад». |
| Т.А. Кулиев [123, с. 65]. | «Бозори меҳнат соҳаи ташаккул ва татбиқи талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ мебошад, ки ба муносибатҳои мубодилаи байни корфармоён ва кормандон асос ёфтааст». |
| И. Е. Золин [145, с. 10]. | «Бозори меҳнат маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ мебошад, ки байни моликони меҳнат (кормандон) ва корфармоён (шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ) вобаста ба шартҳои кироя, истифода ва табодули меҳнат инкишоф меёбанд». |
| М. К Бегеева. [142, с. 9]. | «Бозори меҳнатро ҳамчун низоми мураккаби иборат аз маҷмӯи унсурҳо, ки дар муносибат ва робита бо ҳамдигар қарор доранд ва якпорчагӣ, ягонагии муайянро ташкил медиҳанд, медонад». |
| С.А. Карташов [47, с. 54] | «Бозори меҳнат мураккабтарин унсури иқтисоди бозорӣ мебошад. Дар ин ҷо манфиатҳои корманд ва корфармо дар муайян кардан арзиши меҳнат ва шароити истифодаи он ба ҳам алоқаманданд». |
| С.Ҷ. Комилов [124, с. 44] | «Барои рушди бозори меҳнати кишвар танзими давлатӣ аҳаммияти бузург дорад, ки вазифаи он татбиқи сиёсати фаъолонаи ҳифз ва рушди ҷойҳои нави корӣ ва ташкили тадбирҳои ташкилию иқтисодии мусоидат ба шуғли аҳолӣ мебошад». |
| Ю.Р.Юсуфбеков Р.М.Бобоҷонов [100, с. 21] | «Хариду фурӯши хизмати меҳнатӣ байни корфармо ва корманд шакли зарурии табдили қувваи корӣ ба омили истеҳсолот мебошад». |
| Г. Г. Саломова [148, с. 17]. | «Бозори меҳнат аз зернизомҳое иборат аст, ки дар |

*Идомаи ҷадвали 1.*

| | |
|---|---|
| | раванди муносибатҳои рақобатии байни субъектҳои бозор дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ инкишоф меёбанд». |
| А. Кочербаева [122, с. 25] . | «Бозори меҳнат ҳамчун низоми муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ тавсиф мешавад, ки вобаста ба ташаккул, тақсим ва азнавтақсимкунии меҳнат ба вуҷуд меояд». |

Бештари олимон дар тадқиқоти худ ба масъалаҳои иқтисодии мафҳуми бозори минтақавии меҳнат таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардаанд. Дар ин асос масъалаҳои самаранок истифодабарии қувваи корӣ низ дар назар дошта мешавад. Вале дар асарҳои алоҳида ҷанбаҳои иҷтимоии бозори меҳнат низ алоҳида таъкид карда мешавад. Масалан, дар асари олимони рус Лохина Т.Н. ва Метелитса В.И. ба ҷанбаҳои иҷтимоӣ алоҳида диққат дода шудааст, яъне онҳо бозори меҳнатро чунин инъикос менамоянд: “Бозори меҳнат – ин чунин низоми муносибатҳои иҷтимоии меҳнатӣ мебошад, ки дар байни кордиҳандагон (муассисаҳо, ташкилотҳо, корхонаҳо) ва кормандон (аҳолии қобили меҳнат) бо иштироки муассисаҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ оид ба шарту шароитҳо, музди меҳнат, кафолати иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад.” [160].

Вале дар амалия дар ҷараёни баррасии моҳияти бозори минтақавии меҳнат равияи маҷмуаавӣ, яъне якҷояшавии равияҳои ҳам иқтисодӣ ва ҳам иҷтимоӣ бештар истифода мегардад. Вале дар солҳои охир бо рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ, рушди тамаддун дар масъалаҳои идоракунии шуғли аҳолӣ, бозори меҳнат низоми муносибатҳои иҷтимоӣ авлавият пайдо карда истодааст. Ба ақидаи мо ин тамоюл хусусияти объективӣ дорад, зеро дар ҷомеаи ҷаҳонӣ масъалаҳои вазифаи иҷтимоии бозори минтақавии меҳнат дар мадди аввал гузошта шуда истодааст.

Бозори меҳнат яке аз унсури асосии иқтисодиёт мебошад, ки муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро ифода мекунад. Баҳодиҳии бозори меҳнат дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, аз қабили: сатҳи бекорӣ, шумораи ҷойҳои нави корӣ, маблағгузории асосӣ

ба иқтисоди миллӣ, сатҳи музди меҳнат, даромади шахсӣ, равандҳои муҳоҷират ва ғайра гузаронида мешавад.

Воқеаҳои сиёсӣ ва иқтисодие, ки чӣ дар дохили кишвар ва чӣ дар хориҷи кишвар ба амал меоянд, ба вазъи имрӯзаи бозори меҳнати ҷумҳурӣ таъсири калон мерасонанд. Бозори меҳнат дар айни замон мушкилотеро дар бар мегирад, ки ба вазъи сиёсию иктисодии кишвар таъсир мерасонанд. Ба мушкилоти бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешавад:

- афзоиши сатҳи бекорӣ дар кишвар ва минтақаҳои он;

- афзоиши шумораи шаҳрвандони худмашғул, ки имкон намедиҳад мушкилоти пурраи шуғл дар кишвар таҳлил карда шавад;

- маоши паст;

- барзиёдатии қувваи корӣ;

- равандҳои муҳоҷират дар кишвар;

- мутобиқ набудани низоми маориф ба талаботи бозори муосир ва ғайра.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон хулоса кард, ки бозори меҳнати кишвар дар шароити муосир мушкилоти зиёде дорад, ки ҳалли онҳо аз идоракунии самараноки шуғли аҳолӣ вобаста аст.

Воридшавии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, яъне технологияҳои рақамӣ дар низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба вазъи бозори меҳнат таъсири худро мерасонанд. Ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ манбаи рушди иқтисодӣ мебошад, ки аз ҳисоби он афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохила ба амал меояд. Рақамикунонии иқтисодиёт ба бозори ҷаҳонии меҳнат, бахусус ба бозори меҳнати вилояти Суғд таъсири назаррас мерасонад.

Рушди босуръати рақамикунонии иқтисодиёт боиси тағйирот дар соҳаи шуғли аҳолӣ гардид. Ба тамоюлҳои тағйироти шуғли аҳолӣ, ки

тахти таъсири рақамикунонии иқтисодиёт ба амал меоянд, дохил мешавад:

- таҳияи моделҳои нави шуғл, аз қабили шуғли нопурра, шуғли мустақил ва шуғли озод;

- тағйир додани касб дар сохтори шуғл;

- кам шудани шумораи шуғли аҳолӣ дар соҳаи истеҳсолот ва афзоиши он дар соҳаи хизматрасонӣ;

- коҳиш додани ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии аҳолии шуғл.

Рақамикунонии бозори меҳнат мушкилотеро ба бор меорад, ки ҷомеа бо онҳо рӯ ба рӯ мешавад. Ҳангоми рақамикунонӣ, бисёр ҷойҳои корӣ аз байн меравaнд ва аз тарафи дигар, норасоии шаддиди кадрҳои соҳибихтисос ба вуҷуд меояд.

Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ба омилҳое, ки ба афзоиши шуғл мусоидат мекунанд, дохил мешавад:

- пайдоиши ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби пайдоиши касбҳои нав дар бозори меҳнат;

- афзоиши талабот ба мутахассисон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ;

- кам кардани вақти ҷустуҷӯи кор тавассути истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва хадамоти интернетӣ;

- зиёд гардидани шумораи ҷойҳои кории дурдаст.

Омилҳое, ки ба афзоиши бекорӣ мусоидат мекунанд, инҳоянд:

- набудани талабот ба як қатор касбҳо бинобар автоматикунонии соҳаи фаъолияти онҳо;

- ба вуҷуд омадани бекории сохторӣ бо сабаби кашол ёфтани муҳлати эхтиёҷот ба коргарони баландихтисос ва тайёр кардани коргарон.

Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ боиси тағйир додани тамоми салоҳиятҳои касбӣ дар бисёр соҳаҳои фаъолияти касбӣ мегардад.

Бозори меҳнат дар шароити ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ, яъне рақамикунонии иқтисодиёт тақсим мешавад:

1. Соҳаҳои саноати дорои хавфи баланди автоматикунонӣ: коргузорӣ, соҳаи савдо, нақлиёт, логистика, саноат, сохтмон, баъзе шаклҳои хизматрасонии молиявӣ ва ғайра.

2. Соҳаҳое, ки хавфи автоматикунонии кам доранд: маориф, санъат, воситаҳои ахбори омма, хадамоти ҳуқуқӣ, менеҷмент, тиҷорат, хизматрасонии тиббӣ, илм, кори иҷтимоӣ ва ғайра.

3. Соҳаҳои нави саноат: таҳлили маълумот, шабакаҳои иҷтимоӣ, зеҳни сунъӣ, истеҳсоли мошинҳои интеллектуалӣ, тиҷорати электронӣ.

Бояд гуфт, ки ҷорӣ ва истифодаи технологияҳои рақамӣ боиси аз байн рафтани бисёре аз касбҳои мавҷуда мегардад, ки одамон дар онҳо кор мекарданд.

Ҳамин тариқ, рақамикунонии иқтисодиёт рушди ояндаи ҷомеа мебошад. Он ба вазъи бозори меҳнат таъсири сахт мерасонад, зеро бисёр касбҳои мавҷуда бо истифода аз технологияҳои муосир бо касбҳои нав иваз карда мешаванд. Аз ин рӯ, дар айни замон марҳилаи муҳимми қабули қарорҳои зарурии идоракунӣ оид ба омӯзиши пайваста ва гирифтани касбҳое, ки айни замон дар бозори меҳнат талабот доранд, бо мақсади пешгирии оқибатҳои манфӣ мебошад [125, с. 147-150].

Умуман, гуфтан мумкин аст, ки бозори минтақавии меҳнат дар шароити муосир ҳам категорияи иқтисодӣ ва ҳам категорияи иҷтимоиро дар худ инъикос менамояд. Вале боиси таъкид аст, ки назарияи бозори меҳнат дар байни дигар консепсияҳои илмии иқтисодӣ нақши хоса дорад. Бо ибораи дигар гӯем дар консепсияҳои кейсиансӣ, неоклассикӣ, неокенсиансӣ нақши калидиро дар масъалаи рушди бозори меҳнат мутавозинии талаботу таклифот ба қувваи корӣ ба бозори меҳнат ишғол менамоянд. Масалан, тибқи назарияи классикҳо (намояндагони бузурги ин мактаби мазкур А. Смит, Д. Рикардо, Дж. Ст. Милл) бозори меҳнат чун низоми озоди ниҳодӣ чун дигар бозорҳо, яъне бозори молу маҳсулот,

хизматрасонӣ, сармоя дар амал аст ва дар шароити рақобат ба сӯи мутавозинӣ ҳаракат менамояд [92].

Тибқи ақидаи классикон “дасти ноаёни бозор” мутавозинии бозори меҳнатро танзим менамояд.

Намояндаи мактаби неоклассикҳо алалхусус мактаби монитаристон инчунин М. Фридмен, Э. Фелпс низоми озоди бозори меҳнатро ба инобат гирифта, дар тадқиқотҳои худ ба мавҷудияти чунин намуди бекорӣ, яъне “сатҳи табиии бекорӣ” дар иқтисодиёти бозорро исбот кардаанд.

Ақидаҳои илмии мактаби мазкур дар амал исбот кардааст ва вобаста аз сатҳи тараққиёти иқтисодӣ, иқтидори истеҳсолӣ, захираҳои меҳнат, воридшавӣ ба ҷараёнҳои инноватсионӣ, сатҳи таъсири ҷаҳонишавӣ дар ҳар як кишвари алоҳида “сатҳи табиии бекорӣ” миқдоран мухталиф аст. Яъне дар баъзе давлатҳои алоҳидаи ҷаҳон он 4-7%-ро ташкил кунанд, дар дигар кишварҳо 7-12% мебошад ва ғайра.

Асосан аз солҳои 70-уми асри ХХ дар асарҳои олимон ва мактабҳои иқтисодӣ ҷанбаҳои иҷтимоии бозори меҳнат марҳила ба марҳила характери доминантиро инъикос намуда истодааст. Дар ин давра ба илми иқтисодӣ назарияи нав “назарияи сармояи инсонӣ” ташаккул ёфт. Ғояи мазкур аз ҷониби олимони хориҷӣ Т. Шултс, Г. Беккер, Дж. Минсер ва ғайраҳо пешниҳод гардид. Тибқи ақидаи онҳо нархи меҳнат дар асоси сармоягузорӣ ба маориф, тандурустӣ, ихтисосмандӣ, фарҳанг ва тахассусмандии корманд муайян хоҳад гардид [109, с. 109-119].

Дар асоси низомбандӣ намудани фикру ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ оид ба моҳият, мазмун ва мундариҷаи бозори минтақавии меҳнат мехостем ақидаи худро дар хусуси масъалаи мазкур дар чорчӯбаи иқтисодиёти минтақавӣ пешниҳод намоем. Дар ин ҷода ҳамчун асос, чӣ тавре ки дар боло зикр кардем. ҳам вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва демографии бозори меҳнатро ба пойгоҳи мундариҷа гирифта бошем.

Бо тартиботи муайян ё ин ки бо тарзи низомӣ механизми фаъолият ва танзими бозори меҳнат омилҳое, ки ба он таъсир расонида

хусусиятҳои хоси ташаккулёбӣ ва амалишавии шуғл ҳамчун модели бозори меҳнат баррасӣ мегардад. Дар яке аз сарчашмаҳои илмӣ дар ҳақиқат дуруст қайд карда шудааст, ки: “... дар моделҳои мухталифи бозори меҳнат тибқи назарияи меҳнат дар вақти тавсифи моҳияти он масъалаҳои талабот, таклифот ва арзиши меҳнат унсурҳои асосӣ ба ҳисоб меравад” [88].

Олимоне, ки бозори минтақавии меҳнатро тадқиқ кардаанд, таъкид менамоянд, ки низоми муносибатҳо дар ин бозор асосан дар се намуд инъикос мегардад онҳо чунинанд: “- муносибат байни корманди кироя ва кордиҳанда, - муносибат байни субъектони бозори меҳнат ва намояндагони иттифоқи касаба, хадамоти шуғл ва иттифоқи мухталифи кордиҳандагон, - муносибат байни субъектони бозори меҳнат ва мақомотҳои давлатӣ” [29].

Дар асоси муносибатҳои дар боло зикргардида вазифаи бозори минтақавии меҳнат эҳё мегардад ва бо ин нақш, моҳият ва мавқеи бозори меҳнат дар ҳаёти ҷомеа муайян хоҳад гардид. Чӣ тавре ки дар боло зикр карда шуд аз нуқтаи назари иқтисодӣ меҳнат ин захираи асосии ҳаракатдиҳандаи истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин нуқтаи назар вазифаи бозори минтақавии меҳнатро аз нуқтаи назари иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва демографӣ арзёбӣ менамоянд. Мехостем ба ин вазифаҳои бозори минтақавии меҳнат равшанӣ андозем, ки дар сарчашмаҳои илмӣ ҳамаҷониба бо тарзи аниқу дуруст нишон дода шудаанд. Масалан, вақте ки сухан доир ба вазифаи иқтисодии бозори минтақавии меҳнат меравад, ин маънои бо тарзи ратсионалӣ ҷалб намудан, истифода бурдан, тақсимот ва танзимоти меҳнатро дар худ инъикос менамояд.

Вазифаҳои иҷтимоӣ бошад, ин таъмини сатҳи муносиби даромадҳои аҳолӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолиро дарбар мегирад.

Вақте ки сухан дар бораи вазифаи демографӣ меравад, таъмини ҷараёни муътадили такрористеҳсолоти қувваи корӣ, иқтидори истеҳсолии кормандон фаҳмида мешавад [57].

Дар асоси низомбандӣ намудани фикру ақидаҳои олимони ватаниву хориҷӣ оид ба моҳият, мазмун ва мундариҷаи бозори меҳнат мехостем ақидаи худро дар хусуси масъалаи мазкур дар чорчӯбаи иқтисодиёти минтақавӣ пешниҳод намоем. Ба ақидаи мо, бозори меҳнати минтақавӣ - ин чунин механизми ташкили институтсионалӣ мебошад, ки маҷмуаи муносибатҳои байни аҳолии қобили меҳнат ва ҳама гуна субъектҳои хоҷагидорро новобаста аз шакли моликият оид ба таъмини шуғл ва танзими бекорӣ, ки барои такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ заруранд дар ҳудуди муайян дар бар мегирад.

Умуман, ба тариқи хулоса таъкид кардан мумкин аст, ки дар тадқиқотҳои муосир бахшида ба бозори минтақавии меҳнат маҷбур месозад, ба назарияҳои мухталифи хусусӣ такя карда шавад. Бо тараққиёти инсоният назарияҳои бозори минтақаҳои меҳнат низ доимо дар тағйирот аст, қисматҳои таркибии онҳо ғанӣ мегардад ва бо ҳамин восита дигар консепсияҳои илмиро низ такмил медиҳад. Бо ин васила ҳолати бозори меҳнат дар ин минтақаҳо, нишондиҳандаҳои рушди тамоюли онҳо объективона арзёбӣ мегардад.

## 1.2. Равияҳои методӣ оид ба арзёбии бозори меҳнат дар иқтисодиёти минтақа

Бозори меҳнат дар иқтисодиёти минтақа яке аз ниҳодҳои мураккаб мебошад, ки бо ҳаракати инсон, қувваи корӣ вобастагӣ дорад. Муаммои арзёбии вазъи бозори меҳнат дар илми иқтисодӣ ҳам аз ҷониби олимони хориҷӣ ва ҳам аз ҷониби олимони ватанӣ дар солҳои тӯлонӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар адабиёти илмӣ усулҳои хеле зиёди арзёбии бозори меҳнати минтақа, инчунин фаъолияти меҳнатӣ мавҷуданд, ки онҳоро метавонем дар сатҳи соҳа, минтақа, корхона ва умуман дар сатҳи ҷумҳурӣ арзёбӣ намоем. Аммо дар байни олимон ақидаи ягона оид ба арзёбии бозори меҳнати минтақа методологияи ягона мавҷуд нест. Бинобар ин масъалаи

омӯзиши равияҳои гуногуни методӣ оид ба бозори меҳнат ва ҳамаи ҷузъҳои он ба ҳисоб меравад.

Бозори минтақавии меҳнат дар ҳар як давру замон мубрамии худро гум намекунад. Зеро, тавассути бозори минтақавии меҳнат шуғли аҳолӣ таъмин гардида, барои баланд бардоштани некӯаҳволӣ заминаи мусоид хоҳад гузошт. Бинобар ин, рушди ҷамъият, афзоиши таъсири ҷараёни глобализатсионӣ, ташаккули иқтисодиёти рақамӣ, инқилоби илмӣ-техникӣ дар умум ба мазмуну мундариҷаи бозори меҳнат тағйиротҳои ҷиддӣ ворид карда истодааст. Барои дастрасии натиҷаҳои интизорӣ истифодабарии равияҳо ва услубҳои мухталифи методологӣ яке аз шартҳои асосии таҳқиқот ҳисобида мешавад. Дар илми муосир, чӣ тавре ки дар фаслҳои аввалаи рисола қайд карда будем, ҷиҳати мафҳуми бозори минтақавии меҳнат нуқтаи назари мухталиф мавҷуд буда, ҳоло аз нуқтаи назари илмҳои мухталиф баррасӣ мегардад. Алахусус, ҳам аз нуқтаи назари илми иқтисодиёт, ҳам аз нуқтаи назари илми демографӣ ва ҳам аз нуқтаи назари илми иҷтимоиёт. Чӣ тавре ки қайд карда шуд ақидаи ягона оид ба бозори меҳнат мавҷуд нест, инчунин чунин ақидаро нисбати нишондиҳандаи он низ гуфтан мумкин аст.

Шакли муҳимми муассир ва соҳаи асосии фаъолияти инсонӣ ин меҳнат аст. Дар раванди меҳнат, қувваи асосии истеҳсолӣ, муносибати он бо дигар аъзои ҷомеа тағйир меёбад. Муаммои он раванди мураккаб аст, ки ин алоқамандии бисёр бо ойинҳои равандҳои дигар мебошад, ки боиси пайдоиши намудҳои мухталифи мушкилоти марбут ба таҳияи як тавсифи ягонаи «сифати меҳнат» мегардад.

Иқтисодшиносони шуравӣ дар рушди муаммои сифати меҳнат саҳми назаррас доштанд. Аввалин иқтисодчии шуравӣ, ки масъалаи баланд бардоштани сифати меҳнатро ба миён гузошт, ин Струмилин С.Ҷ. буд. Ӯ қайд карда буд, ки «Коргар аз ҳама баланд аст, нисбат ба дигарон беҳтар аст, яъне ба талаботи бозор ҷавобгӯ бояд бошад, донишу малакаи

баландтарро доро бояд бошад аз ин рӯ, тавсия додани омӯзиши касбии дарозмуддати коргарро тавсия дод.» [95].

Рушди минбаъдаи сифати меҳнат дар адабиёти иқтисодии шуравӣ дар муддати тӯлонӣ асосан вобаста ба омӯзиши тақсимоти меҳнат ва ташкили музди меҳнат дода шудааст.

Ташаккули бозори меҳнат, аз як тараф, ҷараёни мустақил буда, аз муайян кардани эҳтиёҷот ба кадрҳо сар карда, то ҳузури ҳайати кормандоне, ки ба тамоми талаботи ин ташкилот ҷавобгӯ аст, манбаи рушди минбаъдаи он мебошад ва аз тарафи дигар он як қисми ҷараёни ягона мебошад, ки дар он ташаккули қадами аввалине мебошад, ки дар асоси он рушди минбаъда ва истифодаи кормандони созмон ташаккул меёбад.

Захираи меҳнатӣ дар заминаи маҷмуи иқтидорҳои психофизиологӣ, тахассусӣ, эҷодӣ ва шахсии он ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳимтарини идоракунӣ баҳодиҳии сатҳи қобилияти меҳнатӣ ва фароҳам овардани шароит дар ҷараёни корхона мебошад, ки ба ҳар як корманд имкон медиҳад, ки иқтидори меҳнатии худро дар бозор пурра ошкор намояд ва барои ин пеш аз ҳама сатҳи мавҷудаи бозори меҳнатро арзёбӣ кардан лозим аст.

Бозори  минтақавии меҳнатро аз ду тараф баҳо додан мумкин аст: таклифот ва талабот.

Барои баҳодиҳӣ аз ҷиҳати таклифот нишодиҳандаҳои микдори қувваи корӣ, сатҳи тахассусӣ ва таълимии кормандон, малакаҳои меҳнатӣ, донишу малакаи кормандон, нишондиҳандаҳои вазъи саломатӣ, хусусиятҳои шахсии кормандон ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Ин нишондиҳандаҳо барои баҳодиҳии таклифоти захираҳои меҳнатӣ асос мебошанд. Аммо ба ақидаи аксари олимон, методологияи ягонаи таҳлил ва баҳодиҳии бозори меҳнатӣ вуҷуд надорад, аз ин рӯ, таҳияи методологияи ягона ва амалан асосноки баҳодиҳӣ яке аз

муаммоҳои асосии омӯзиши бозори меҳнат ва ҳамаи ҷузъҳои он фаҳмида мешавад.

Дар асоси таҳлили сарчашмаҳои мухталиф усулҳои зерин ҷудо карда мешаванд, ки барои баҳодиҳии бозори минтақавии меҳнат истифода мегарданд:

1. усули баҳодиҳии ҷузъҳои иқтидори меҳнатӣ;
2. усули кластерӣ ё усули истифодаи стандартҳо;
3. усули баҳодиҳии иқтидори меҳнатӣ аз ҷиҳати миқдорӣ;
4. усули коэффитсентӣ;
5. баҳодиҳии ҳамаҷонибаи бозори меҳнатӣ.

Бо мақсади омӯхтани андешаҳои муаллифон ва бархӯрдҳо роҷеъ ба мафҳуми бозори захираҳои меҳнатӣ гуфта метавонем, ки он ниҳоди ниҳоят мураккабест, ки на танҳо хусусиятҳои касбӣ ва шахсии корманд ё гурӯҳи кормандонро инъикос мекунад, балки талаботи субъектҳои хоҷагидорӣ ба қувваи кориро дар бар мегирад, ки як низоми ягонаро ташкил медиҳанд.

Барои таъмини фаъолияти муътадил, ширкат ба назорати ҳамаҷонибаи тамоми ҷузъҳои он ниёз дорад, ки тавассути ҳамкориҳои низомӣ бо ин ё он роҳ ба натиҷаҳои муайян ноил мегарданд. Муваффақияти ин натиҷаҳо аз қувваи корӣ вобаста аст - заминаи бозори меҳнатӣ, маънои онро дорад, ки зарурати омӯзиши ин ҷанбаи муҳим дар фаъолияти ҳар як корхона ҳаст.

Нишондиҳандаҳои маҷмаавии бозори меҳнат дар навбати аввал аз шумораи аҳолӣ, таркиби ҷинсу синну соли он, инчунин ба шароити амалигардонии қувваи корӣ вобаста аст.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 суръати болоравии иқтисодиёт ва беҳтар намудани сатҳи зиндагии мардум пешбинӣ шудааст. Дар амалигардонии ҳадафҳои аз стратегияи миллии рушди кишварбароянда мақоми ҳалкунандаю

аввалиндарачаро дар ҳудуди мамлакат дуруст ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда мебозад. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди ин масъала чунин омадааст: «…ҳангоми банақшагирии сохтмони корхонаҳои саноатӣ масъалаи ба манбаҳои ашёи хом наздик ҷойгир кардани онҳо, ҳаҷми зарурии нерӯи барқ, об, роҳ ва дигар инфрасохтори истеҳсоливу иҷтимоӣ бо истифодаи технологияҳои каммасраф ба инобат гирифта шаванд» [163, с. 21].

Маъно ва муҳтавои оқилона ҷойгир намудани қувваҳои истеҳсолкунанда дар минтақаҳо, шаҳру ноҳияҳо, ҷамоату шаҳракҳо, дар он аст, ки барои афзоиши истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо равона мегардад. Аз ин рӯ, қувваҳои истеҳсолкунанда дар ҳудуди кишвар бояд бо назардошти талаботи принсипҳои зерин ҷойгир карда шаванд:

1. корхонаҳои саноати сабук дар наздикии нуқтаҳои аҳолинишин, ки захираи зиёди меҳнатӣ ва истеъмолгарон доранд;

2. корхонаҳои саноати коркарди маъданҳои кӯҳӣ дар наздикии манбаъҳои истихроҷшаванда ва дорои роҳҳои нақлиёт;

3. саноати мошинасозӣ дар ҷойҳое, ки манбаи зиёди қувваи корӣ ва мутахассисони соҳавӣ доранд;

4. ниҳоят дар он макон ва ҷойҳое, ки барои дастрас намудани ашёи хом ва маҳсулоти тайёр ба харидорон бо роҳҳои нақлиёт (мошингард, ҳавоӣ, оҳан, обӣ) таъминанд.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ зарурияти риоя намудани принсипҳои ҷойгиронии қувваҳои истеҳсолкунанда меафзояд, зеро онҳоро чунин бояд ҷойгир намуд, ки бо харҷи ками моддию молиявӣ маҳсулоти зиёду хушсифат ва фоидаовар истеҳсол гардад. Чунин тарзи ҷойгиркунонии қувваҳои истеҳсолкунанда, инчунин ба корхонаю ташкилотҳои ғайриистеҳсолӣ низ тааллуқ дорад. Маҳз чунин тарзи

ҷойгиронии қувваҳои истеҳсолкунандаи кишвар ба самаранок истифодагардии захираҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявии корхонаҳо ва ташкилотҳои мамлакат бевосита мусоидат менамоянд.

Сармояи инсонӣ қобилияти табиӣ ва аз ҳисоби сармоягузорӣ ба даст овардани дониш, қобилияти ҷисмонӣ, тахассусмандӣ, маърифатнокӣ, саломатӣ ва афзоиш додани малакаҳои касбӣ равона гардида мебошад. Бо воситаи ин сармояи инсонӣ ба рушди иқтисодиёт, иттилоотикунонӣ, болоравии сатҳи иқтисодии кишвар таъсир мерасонад, ҳамчунин барои гузариш ба давраи нави технологӣ, ки манбаи навҷорисозӣ ва қувваи ҳаракаткунандаи рушд арзёбӣ мегардад, мусоидат менамояд.

Барои мамлакатҳои ИДМ, ки ба қатори онҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дохил мешавад, новобаста аз он ки дараҷаи таъминшавӣ ба захираҳои табиӣ, инкишофи сармояи инсонӣ аз манфиат холӣ нест, аз таҷрибаи чунин мамлакатҳо, ба монанди Ҷопон, Куриёи Ҷанубӣ, Тайван бояд омӯхт ва қабул намуд, ки рушди сармояи инсонӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад [58, с. 58].

Захираҳои меҳнатӣ - ин қувваи истеҳсолии корхона мебошад, ки самаранок идора кардани он ба вазъи умумии корхона таъсир мерасонад. Одатан кормандони корхона ба ду қисмат ҷудо мегарданд: кормандони истеҳсолӣ ва кормандоне, ки дар соҳаи ғайриистеҳсолӣ бо фаъолият машғул ҳастанд. Дар якҷоягӣ онҳо захираҳои меҳнатии корхонаро инъикос менамоянд. Дар бозори меҳнат аз ҷониби таклифот дар ҷараёни арзёбӣ нишондиҳандаҳои зерин ба асос гирифта мешавад:

- теъдоди умумии қувваи корӣ;
- ҳиссаи қувваи корӣ дар теъдоди умумии захираҳои меҳнатӣ;
- ҳиссаи аҳолии шуғлдошта;
- ҳиссаи калонсолон дар захираҳои меҳнатӣ;
- сохтор ва таркиби шуғли аҳолӣ;
- теъдоди бекорон дар иқтисодиёти минтақа ва сатҳи он;

- вақти тавсифи бозори меҳнат аз ҷониби таклифот;

- дар захираҳои меҳнатӣ ҳиссаи ҷавонон;

- шумораи хатмкунандагони мактаби олӣ;

- шумораи хатмкунандагони мактабҳои миёнаи махсус;

- ҳиссаи хатмкунандагони бо кор таъминшуда.

Барои тавсиф намудани ҳаракати кормандон дар бозори меҳнат нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбӣ истифода мешавад. Ба гурӯҳи аввал гардиши кормандон-ин теъдоди умумии кормандони ба кор қабулшуда ва аз кор рафта дар давраи муайян дохил мешавад.

Дар ин радиф якчанд шохисҳои (индексҳои) гардиши кормандонро дар корхонаҳо барои арзёбӣ намудан истифода бурда мешавад. Алалхусус: дар минтақа коэффитсиенти гардиш аз рӯи қабул (Кқ)-ин таносуби шумораи ба кор қабулшудагон дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба шумораи миёнасолонаи кормандон дар корхона дар ҳамон давра (Ршк).

$$К_{қ} = \frac{R_{қ}}{R_{шк}} \qquad (1)$$

Коэффитсиенти гардиш аз рӯи коррафтагон (Кр)- ин таносуби кормандони аз кор рафта нисбат ба шумораи миёнасолонаи кормандон дар давраи ҳисоботӣ.

$$К_{р} = \frac{R_{p}}{R_{шк}} \qquad (2)$$

Ҳосили ҷамъи коэффитсиентҳои дар боло зикр гардида коэффитсиенти қабул ва аз кор рафтагон гардиши умумиро дар корхона нишон медиҳад.

$$К_{у} = К_{қ} + К_{р} \qquad (3)$$

Дар асоси ин нишондиҳандаҳо метавонем коэффитсиенти ҷойивазкунии кадрҳоро ҳисоб кардан мумкин аст. Онро ҳамчун мутаносибияти гардиши умумии қувваи корӣ дар давраи муайян ба шумораи миёнасолонаи кормандони корхона муайян кардан мумкин аст.

$$К_{ҷ} = \frac{R_{қ}+R_{p}}{R_{шк}} \qquad (4)$$

Умуман, дар илми иқтисодӣ се равия нисбат ба муайян намудани самаранокии қувваи корӣ дар бозор истифода бурда мешавад. Якум, нишондиҳандаҳои ҳаҷмӣ мебошад, дар ин радиф нишондиҳандаҳои зерин ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, даромад аз фурӯш, фоида, арзиши аслии маҳсулот, самаранокӣ баррасӣ мегардад.

Тибқи равияи дуввум маҳсулнокии меҳнат, сатҳи рушди маҳсулнокии меҳнат, сатҳи рушди музди меҳнат, меъёри коркарди маҳсулот, фоизи иҷроиши он, меҳнатғунҷоиши маҳсулот, фондмусаллаҳнокӣ, дар равияи саввум бошад, нишондиҳандаҳои зерин: сатҳи ихтисосмандии корманд, гирдгардиши захираҳои меҳнатӣ, истифодабарии вақти корӣ, сохтори ихтисосмандии захираҳои меҳнатӣ, интизоми меҳнат ва ғайра ба инобат гирифта мешавад.

Дар ҳар як минтақа мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо дар амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии давлатӣ бояд вазъи ҳақиқии тамоюлотҳоро дар бозори меҳнати минтақа дар зери назорат гирад ва идора намояд. Дар ин самт нишондиҳандаҳои калидии рушди бозори меҳнатиро муайян намуда, оид ба танзими онҳо чораҳои зарурӣ андешанд.

Баррасӣ намудани нишондиҳандаҳои асосии бозори меҳнат дар асоси он муайян намудани норасоиҳо, инчунин муаммоҳои бекорӣ ё ин ки дефитсити захираҳои меҳнат, нопурра истифодабарии қувваи корӣ ва дигар муаммоҳои бозори минтақа қадами аввал дар коркарди сиёсати иқтисодии минтақавӣ мебошад. Бинобар ин дар самти баланд бардоштани некуаҳволии кормандон мусоидат ба рушди иқтисодӣ талаб менамояд, ки вазъи бозори меҳнати минтақа бо нишондиҳандаҳои маҷмӯавӣ таҳлил ва арзёбӣ карда шавад.

Нишондиҳандаҳои асосии рушди бозори меҳнат ҳам аз нуқтаи назари минтақа ва ҳам аз нуқтаи назари давлатӣ аз ҷониби Ташкилоти байналхалқии меҳнатӣ (ТБМ) коркард ва пешниҳод гардидааст. Дар сарчашмаҳои илмӣ 17 нишондиҳандаи бозори меҳнат зикр шудаанд, ки

аз ҷониби Ташкилоти байналхалқии меҳнат - (ТБМ) пешниҳод гардидааст. Онҳо ба таври зайл мебошанд: [157].

- сатҳи шуғл дар таркиби қувваи корӣ;
- мутаносибии шумораи шуғлдоштагон ва шумораи аҳолӣ;
- мавқеъ дар шуғл;
-шуғл аз рӯйи соҳаҳо;
-шуғл аз рӯйи намудҳои фаъолият;
–шуғли аҳолӣ аз рӯйи вақти кории нопурра;
- вақти корӣ;
- шуғл дар иқтисодиёти ғайрирасмӣ;
-бекорӣ;
-бекорӣ дар байни ҷавонон;
-шуғли нопурра бо ҳисоби давомнокии вақти корӣ;
-шахсоне, ки ба таркиби қувваи корӣ ворид нестанд;
-сатҳи таҳсилот ва бесаводӣ;
-музди меҳнат ва хароҷоти пардохти меҳнат;
-маҳсулнокии меҳнат;
-камбизоатӣ».

Барои ҳар як минтақа ё кишвари алоҳида ҷамъ овардани омор ва дар асоси он ҳисоб намудани нишондиҳандаҳои калидии бозори меҳнат имконпазир мебошад, вале мутаассифона дар бисёр ҳолатҳо душворӣ дар ҷамъоварии додаҳои оммавӣ ба амал меояд. Новобаста аз он ҳар сол дар мақомоти омории шаҳру ноҳияҳо, вилоятҳо, иттилоот дар бораи нишондиҳандаҳои дар боло зикргардида пешниҳод мегардад. Вале боиси зикр аст, ки дар як рисолаи илмӣ баррасии ҳамаи нишондиҳандаҳои қайдгардида ғайриимкон аст, бинобар ин бо имконият дида баромадани қисми бештари онҳо мувофиқи мақсад аст.

Дар рисолаи мазкур боби 2-юм бахшида ба таҳлили тамоюлот дар бозори минтақа мебошад қисми ин нишондиҳандаҳоро баррасӣ менамоем.

Дар илми иқтисодӣ ҳамчунин омори бозори меҳнат алоҳида баррасӣ ва нишондиҳандаҳои асосии рушди бозори меҳнат ҳамаҷониба таҳлил ва пешниҳод карда шудааст.

**Ҷадвали 2**

**Нишондиҳандаҳои асосӣ оид ба арзёбии ваъзи бозори меҳнат дар иқтисодиёт [31, с. 165].**

| Номгӯи нишондиҳанда ва мундариҷаи он | Формулаи ҳисоб |
|---|---|
| Маҳсулнокии меҳнат – яке аз муҳимтарин нишондиҳандаҳои сифатии корхона, ки самаранокии сарфи меҳнатро ифода мекунад. | $w = \frac{q}{T}$<br>дар ин ҷо w – коркарди маҳсулнокии меҳнат, q – ҳаҷми кор ё маҳсулоти баровардашуда, T – хароҷоти меҳнат ё шумораи кормандон (нафар) |
| Меҳнатғунҷоиши меҳнат - миқдори вақти меҳнати шахс барои истеҳсоли воҳиди маҳсулот сарф мешавад. | $t = \frac{T}{q} = \frac{1}{W}$ |
| Коэффитсиенти иқтидори ивазнамоӣ нишон медиҳад, ки ба ҳар 1000 нафар шахсони синну соли қобили меҳнат чӣ қадар шахсони ба синни қобили меҳнатӣ нарасида истодаанд. Имконияти такрористеҳсоли захираҳои меҳнатӣ ин хусусиятҳоро дорост. | $K_{\text{и.и}} = \frac{S_{0-15}}{S_{\text{зм}}} \cdot 1000,$<br>дар ин ҷо $S_{0-15}$ – шумораи кӯдакон дар синну соли 0 то 15 сола; $S_{\text{зм}}$- шумораи умумии захираҳои меҳнатӣ |
| Коэффитсиенти сарбории “нафақавӣ”. Нишон медиҳад, ки ба ҳар 1000 нафар шахсони синни қобили меҳнат чӣ қадар шахсони аз синни қобили меҳнат калонсолтар рост меоянд. | $K_{\text{с.н}} = \frac{S_{>55\,(60)}}{S_{\text{зм}}} \cdot 1000$<br>дар ин ҷо $S_{>55\,(60)}$ – шумораи шахсони нафақагиранда (занҳо аз 55 сола боло ва мардҳо аз 60 сола боло) |
| Коэффитсиенти сарбории демографӣ. Нишон медиҳад, ки ба ҳар 1000 нафар шахсони синни қобили меҳнат чӣ қадар шахсони синну соли қобили меҳнат нестанд. | $K_{\text{с.д}} = \frac{S_{0-15\,+>S55\,(60)}}{S_{\text{зм}}} \cdot 1000,$<br>дар ин ҷо $S_{0-15\,+>S55\,(60)}$ – шумораи кӯдакон то 15 сола ва шахсони синну соли нафақавӣ |

Дар тадқиқотҳои муосир оид ба таҳқиқи бозори меҳнат дар бештари мавридҳо ба бисёр назарияҳои хусусӣ такя менамоянд. Мавҷуд набудани ақидаи ягона дар интихоби равияҳои методологӣ маҷбур менамоянд, ки ҷанбаҳои мухталифи тадқиқотро дар бар гирад. Вобаста ба ин барои дастраси натиҷаҳои илмии интизорӣ гурӯҳбандии иттилоот оид ба ваъзи

бозори меҳнат мувофиқи мақсад аст. Дар илми иқтисодӣ дар ҷараёни баррасии таҳлили бозори меҳнат таҳқиқи узвҳои таркибии он бештар паҳн гаштааст. Масалан, олими рус О.В. Глаз дар ҷараёни арзёбии мутавозинии бозори меҳнати минтақа нишондиҳандаҳои зеринро пешбинӣ кардааст: «аз ҷониби таклифоти қувваи корӣ» - шумораи аҳолии ғайришуғл, ки дар мақомоти давлатии шуғл ба қайд гирифта шудааст, шумораи бекорон ба ҳар як ҷои холӣ (шумораи бекорон, сатҳи бекорӣ, ҳиссаи бекорон дар теъдоди умумии зиёда аз 12 моҳ дар ҷустуҷӯи корбуда, давомнокии бекорӣ, теъдоди коркуноне, ки аз кор озодгашта дар соли ҷорӣ). «Аз ҷониби талабот» (шумораи аҳолии шуғлдошта, талабот ба қувваи корӣ барои ҷойҳои холӣ, талабот ба кормандоне, ки аз ҷониби мақомоти шуғли аҳолии давлатӣ пешниҳод гаштааст, сатҳи шуғли аҳолӣ, теъдоди кормандоне, ки дар соли ҷорӣ аз ҷониби кормандон ба кор қабул карда шудааст) [143, с. 15-16].

Чӣ тавре ки мушоҳида карда мешавад, дар равияи мазкур бозори меҳнати минтақа асосан аз нуқтаи назари талаботу таклифот арзёбӣ мегардад. Дар умум, нуқтаи назари мазкур низ аҳаммияти хосаи худро дорад, зеро дар иқтисодиёти бозор он нишондиҳандаҳое, ки дар боло зикр гардидааст, баррасӣ намудан барои ҳар як минтақа аҳаммияти хосаи худро дорад. Дар асоси муқоисаи онҳо метавонем оид ба вазъи мутавозинии талабот ва таклифот дар бозори меҳнат иттилоотҳои зарурӣ пайдо намоем.

Иқтидори меҳнатӣ ҳамчун категорияи мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, дараҷаи рушди захираҳои махсуси меҳнатиро инъикос менамояд. Яке аз муҳимтарин унсурҳои иқтидори меҳнатӣ бевосита муносибатҳои меҳнатӣ мебошанд. Шакли асосии зуҳуроти муносибатҳои меҳнатии ҳама гуна корманд, пеш аз ҳама, муносибат ба меҳнат, тахассус ва қобилияти касбии онҳо, ҷамъоварӣ, таҳия ва татбиқ дар раванди меҳнат мебошад. Бо ибораи дигар, дар шароити имрӯза «сармояи инсонӣ» яке аз захираҳои асосӣ ва пешбаранда ва идоракунандаи ҷамъияти имрӯза буда, ҳама гуна бурдбориҳо, рақобатпазириҳо ва

навовариҳои молию тиҷоратӣ, техникию технологӣ бевосита натиҷаи рушди ақлонии як ва ё гурӯҳи фардони соҳибистеъдоди касбиву ҳунарӣ мебошад, ки онро ихтироъ ва кашф намудаанд. Ба андешаи мо, истилоҳи «иқтидори меҳнатӣ» бо мафҳуми «сармояи инсонӣ» алоқаманд буда, раванди такрористеҳсолро таъмин менамояд ва баҳри баланд бардоштани маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ мусоидат менамояд.

Иқтидори меҳнатии минтақаи вилояти Суғд вобаста ба ҳамбастагии муҳити иҷтимоию иқтисодии ташаккул, иқтидори захираҳои меҳнатӣ, хусусияти умумиҷамъиятии иқтисодӣ, микдорӣ ва сифатист, инчунин низоми арзишҳо, манфиатҳо ва афзалиятҳоро дар бар мегирад. Тавре маълум аст, ки иқтидори меҳнатии минтақаҳои вилояти Суғд як падидаи тағйирёбанда, мураккаб, бисёрҷанба мебошад, ки доимо тағйир, ташаккул ва инкишоф меёбад, зеро иқтидори меҳнатӣ дар муҳити тағйирёбии дохилӣ ва берунӣ қарор дорад. Дар ин замина омилҳои таъсиркунанда ба ташаккул ва истифодаи иқтидори меҳнатиро ҷудо менамоем:

1. Омилҳои ҳавасмандгардонӣ ва мутобиқшавӣ. Омили мазкур иқтидори меҳнатии вилояти Суғдро бо чунин сифатҳои инфиродии захираҳои меҳнатӣ ба монанди: хоҳиши кор кардан, рушди касбӣ ва афзоиши ҷойҳои корӣ, хусусиятҳои мутобиқшавӣ ва коммуникативӣ тавсиф дода мешавад.

2. Иқтидори инноватсионии захираҳои меҳнатӣ. Ба андешаи мо, қобилияти корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, дарки навовариҳо ва, пеш аз ҳама, ҷорӣ намудани он дар истеҳсолот, имрӯз муҳимтарин сифатест, ки барои ташаккул ва рушди неруи меҳнатӣ дар минтақаи Суғд зарур аст.

Ҳамин тариқ, омилҳои иқтидори меҳнатии минтақа дар якҷоягӣ унсурҳои сифат ва самаранокии онро ташкил медиҳанд. Зеро онҳо ба тамоми соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва истеҳсолии ҳаёт таъсири бевоситаи худро мерасонанд. Тавре аз шарҳи истилоҳи иқтидори меҳнатӣ бармеояд, он, пеш аз ҳама, захираи меҳнатие мебошад, ки баҳри татбиқи раванди истеҳсоли мол зарур аст. Хусусияти асосии ҳамаи

захираҳо дар он аст, ки дорои сарчашмаи муайян буда, ки аз онҳо барои фаъолияти истеҳсолӣ неруи нав ҷалб карда мешаванд [126, с. 76-82].

Дигар хусусиятҳои характерноки захираҳои истеҳсолӣ инҳоянд:

- якум, захираҳо ба ҳам пайвастанд. Масалан, чунин сарчашмаи иқтисодӣ, ба монанди дониш, вақте истифода мешавад, ки захираҳои табиӣ ба таври оқилона дар асоси дониши нав истеҳсол карда мешаванд. Зеро дониш унсури муҳимми неруи меҳнатӣ аст ва баҳри истифодаи самараноки техникаву таҷҳизот мусоидат менамояд;

- дуюм, захираҳои иқтисодии интиқолёбанда - онҳо метавонанд дар дохили кишвар ва байни кишварҳо ҳаракат намоянд;

- сеюм, хусусияти захираҳои иқтисодӣ дар маҳдудияти онҳост, ки маънои имконнопазирии пурра қонеъ гардонидани талаботи ҳамаи аъзои ҷомеа дорад.

Ба ақидаи мо, кам кардани иқтидори меҳнатӣ нисбати захираҳои меҳнатӣ нодуруст аст. Иқтидори меҳнатӣ нисбат ба захираҳои меҳнатӣ хеле ғанитар, васеътар ва ҳаҷман калонтар аст. Захираҳои меҳнатӣ ва иқтидори меҳнатӣ дорои таъйиноти миқдорӣ ва сифатии хоси онҳо мебошанд. Иқтидори меҳнатӣ шумораи миқдоран зиёди хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатиро дорад, зеро захираҳои меҳнатӣ дар раванди ҳаракат, фаъолияти меҳнатӣ, ба қувваи корӣ табдил ёфтан, таҷрибаи истеҳсолӣ, ихтисос ва ғайраро ҷамъ мекунанд, ки асоси иқтидори меҳнатӣ мебошад. Яъне, захираҳои меҳнатӣ нисбат ба иқтидори меҳнатӣ аввалиндараҷа мебошанд.

Аз ҷониби олими иқтисоддони дигар А.С. Фомина баҳри таҳлили омори захираҳои меҳнатӣ ва шуғли аҳолӣ нишондиҳандаҳо гурӯҳбандӣ карда шуда, бо тарзи зайл пешниҳод карда шудааст: [152, с. 159-160].

1. «нишондиҳандаҳои вазъи бозори меҳнат;

2. нишондиҳандаҳои ҳаракатҳои қувваи корӣ;

3. нишондиҳандаҳои фаъолияти бозори меҳнат».

Боиси таъкид аст, ки ҳар як нишондиҳандаҳо хусусияти хоси худро дошта, ҷанбаҳои мухталифи бозори меҳнатро инъикос менамояд. Аз ин

лиҳоз, ба инобат гирифтани равияи методии мазкур дар таҳқиқотҳои иқтисодӣ аҳаммияти хосаи худро дорад.

Дар асоси таҳқиқотҳои худ аз ҷониби олимон илова бар нишондиҳандаи талабот ва таклифот дар бозори меҳнат нишондиҳандаҳои нархи бозори меҳнат низ ҳамроҳ карда шудааст. Дар яке аз асарҳои илмӣ ин нишондиҳандаҳо дар шакли ҷадвал акси худро ёфтааст, ки он дар ҷадвали поён оварда шудааст.

**Ҷадвали 3**

**Нишондиҳандаҳои ҳолат ва фаъолияти бозори меҳнат [113, с. 8].**

| Нишондиҳандаҳои бозори меҳнат | | Нишондиҳандаҳои фаъолияти бозори меҳнат |
|---|---|---|
| Талабот | - шумораи кормандон (қонеъ гардонидани талабот);<br>- эҳтиёҷоти аз ҷониби корфармоён изҳоршуда нисбат ба кормандони илова (талаботи қонеънашуда) | - дараҷаи иштироки қувваи корӣ;<br>- дараҷаи шуғлнокӣ;<br>- дараҷаи бекорӣ;<br>- коэффисенти шиддати бозори меҳнат |
| Пешниҳод | - шумораи қувваи корӣ ва қувваи иқтидори меҳнатӣ (аҳолии қобили меҳнат) | |
| Нарх | - музди миёнаи якмоҳаи номиналии коргарон | |

Дар асоси мундариҷаи мазмуни ҷадвали дар боло инъикосгардида боиси зикр аст, ки дар илми иқтисодӣ ақидаи ягона оид ба нишондиҳандаҳои бозори минтақавии меҳнат вуҷуд надорад. Вале он нишондиҳандаҳое, ки дарҷ гардидааст, пуркунандаи якдигар мебошад. Дар маҷмуъ, онҳо ҷанбаҳои мухталифи бозори минтақавии меҳнатро барои арзёбӣ намудан имконият медиҳад.

Дар бештар ҳолат барои баррасӣ намудани ҷанбаи иқтисодии вазифаи бозори минтақавии меҳнатро барои инъикос намудан равона гардидааст. Вале новобаста аз он дар баъзе нишондиҳандаҳо ҷанбаи иҷтимоии вазифавии бозори минтақавии меҳнат низ арзёбӣ мегардад.

Якҷоя баррасӣ намудани ин нишондиҳандаҳо истифодабарии равияи маҷмуавиро тақозо менамояд. Бо ибораи дигар, бо воситаи арзёбии баамалории вазифаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии бозори минтақавии меҳнат имкон медиҳад, ки оид ба тамоюл дар ташаккул ва рушди захираҳои меҳнатӣ иттилооти пурра ба даст гирифта мешавад. Дар ин асос метавонем қайд намоем, ки нақши ҳар як нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоӣ, ки дар боло гирд оварда шудааст, дар ҷараёни таҳлил аҳаммияти илмии баландро дорад. Бинобар ин ба инобат гирифтани ҳамаи унсурҳои бозори минтақавии меҳнат, яъне таклифот ва талаботи захираҳои меҳнатӣ, арзиши меҳнат, арзише, ки қувваи корӣ ба маҳсулоти истеҳсолшаванда мегузаронад, ҳолати қувваи корӣ, иқтидори он, мутавозинии бозори меҳнат ва ғайра дар ҳар як тадқиқоте, ки ба бозори меҳнат равона гардидааст, аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Натиҷаҳои таҳқиқ таҳлили муқарраротҳои илмие, ки дар натиҷаи баррасии нишондиҳандаҳо ба амал меояд барои коркард ва амалӣ намудани сиёсати иқтисодии ҳар як минтақа хело зарур аст.

## 1.3. Таҷрибаи хориҷӣ оид ба танзими рушди бозори меҳнати минтақавӣ

Бозори минтақавии меҳнат ҳамчун индикатори муътадилии иқтисодиёт, некуаҳолии аҳолии минтақаҳо, кишварҳо шуда метавонад, зеро агар вазъи бозори меҳнат муътадил бошад, талаботу таклифот дар ин бозор ба якдигар мутобиқ бошанд, масъалаҳои таъмини шуғли аҳолӣ, ҳалли муаммои бекорӣ, мавҷудияти шароити мусоидро мефаҳмонад. Бинобар ин, сатҳи рушди бозори минтақавии меҳнат дар минтақаҳо, самаранок фаъолият доштани он, шарти асосӣ, яъне заминаи мусоид барои дастрас намудани рушди иқтисодӣ шуда метавонад.

Бозори минтақавии меҳнат дар ҳар як давлати соҳибистиқлол чаҳорчӯбаҳои миллии худро дорад, ки онро хусусияти бозори меҳнати ин ё он давлат гуфта метавонем. Ҳар як бозори меҳнати миллӣ дар ҷомеаи

ҷаҳонӣ низоми мураккаб мебошад, ки аз такрористеҳсолоти қувваи корӣ, тартиботи тайёр кардани кадрҳои касбӣ, такмили ихтисос, баланд бардоштани ихтисосмандии кормандон, танзими муносибатҳои меҳнатӣ, нақш ва имкониятҳои иттифоқи касаба дар ҷобаҷогузории кадрҳо, тартиботи ҷалб кардан дар ҷойҳои кории холӣ ва ғайраҳо вобаста аст. Боиси таъкид аст, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ то ҳол хеле зиёд таҷрибаи мухталиф дар самти танзими бозори меҳнат мавҷуд аст. Дар чорчӯбаи масъалагузории тадқиқоти диссертатсионии мо, ки барои рушди минбаъдаи бозори минтақавии меҳнат равона гардидааст, омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ мувофиқи мақсад аст. Дар ин ҷода мо мехостем бештар диққати худро ба таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ равона намоем, зеро бозори меҳнат дар ин кишварҳо хеле рушдёфта ба ҳисоб меравад ва нисбат ба дигар давлатҳои ҷаҳон муваффақтар ҳисобида мешавад.

Нахуст ба таҷрибаи давлати Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, ки лидери иқтисодиёти ҷаҳон ҳисобида мешавад, таваҷҷуҳ дошта бошем. Боиси таъкид аст, ки новобаста аз он ки дар бозори меҳнати ИМА сектори хусусӣ ба масъалаи таъмини шуғли аҳолӣ нақши доминантӣ дошта бошад ҳам, дастгирии давлатӣ барои кормандони кироя аҳаммияти махсуси худро дорад. Алалхусус дар ИМА мақомоти давлатӣ, идораи шуғл ва ёрии касбӣ дар назди Вазорати меҳнати ИМА (U.S. Department of Labor Employment and Training Administration) ташаккул дода шудааст. Ин мақомот барномаҳои ҳукуматӣ ҷиҳати тайёр намудани мутахассисони касбӣ, тақсимоти қувваи корӣ, пешниҳоди грантҳо барои баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ, пардохти кӯмакпулиҳо барои бекорӣ машғул мебошанд. Дар штатҳои алоҳида ба мақомотҳои алоҳидаи мунисипиалӣ мақомоти қайдгардида шуъбаҳо ва намояндагиҳои худро дорад, ки онҳо вазифаҳои номбаркардашударо дар минтақаҳои алоҳида ба амал барорад.

Дар модели бозори меҳнати амрикоӣ шартҳои қатъии меҳнат амалӣ карда мешавад. Алалхусус вобаста аз иҷро накардани уҳдадориҳо, коҳишёбии истеҳсолот, афзоиши хароҷоти корхонаҳо метавонад

коргаронро аз кор мустақилона озод намояд. Айни замон дар модели амрикоӣ ҳавасмандии фаъолияти меҳнатӣ низ дар назар дошта шудааст, ҳамзамон давомнокии вақти кор маҳдудият надорад. Дар яке аз сарчашмаҳои илмӣ гирд оварда шудааст, ки баҳри баланд бардоштани фаъолнокии меҳнатии қувваи корӣ чунин амалҳоро ба анҷом мерасонанд: - барномаи ҷалби кормандон дар идоракунии истеҳсолот (partcipative management), - барномаи рушди касбии қувваи корӣ, - ташаккули бригадаҳои мустақил аз байни кормандони ташаббускор, - ташкили маҳфилҳои таъмини сифат дар корхонаҳо ва ғайраҳо [118, с. 11-3].

Дар солҳои охир дар ИМА консепсияи «бозори меҳнати чандирнок» бештар паҳн шуда истодааст, ки бо амалишавии иқтисодиёти рақамӣ дар ин давлат алоқаманд аст. «Бозори меҳнати чандирнок» сатҳи баланди мутобиқшавии қувваи кориро ба тағйиротҳои бозори меҳнат таъмин менамояд. Ин намуди мазкури шуғл даромади калон дошта бошад ҳам, вале кафолати шуғлро намедиҳад. Коргароне, ки бо шуғли чандирнок машғуланд бояд қобилияти зудтағйирдиҳии касбияти худро дошта бошад.

Бозори меҳнат дар ҳар як давлати алоҳида бо хусусиятҳои хоси худ ва мавқеи ҷойгиршавӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, дар Шветсия барои ҳал намудани муаммои бекорӣ Ҳукумати мамлакат фаъолона иштирок мекунад. Он дар сиёсати худ дар ин масъала аҳаммияти махсус зоҳир менамояд. Дар натиҷаи чунин сиёсат гуфтан мумкин аст, ки дар иқтисодиёти Шветсия қариб шуғли пурраи қобили меҳнат таъмин гардидааст. Унсурҳои таркибии сиёсати иқтисодии Ҳукумати Шветсия аз инҳо иборат аст, ки дар сарчашмаҳои илмӣ алоҳида зикр гардидааст: « -дастгирии корхонаҳое, ки натиҷаҳои молиявии нисбатан суст дошта, бо фишангҳои сиёсати фискалӣ ҳамзамон ҳавасманд намудани музди меҳнати баланди кормандон дар корхонаҳо; - дастгирии кормандоне, ки рақобатпазирии суст дорад, тавассути таҳсили кормандон ташаккул додани марказҳои тайёркунии

кадрӣ дар корхонаҳо; - дар самти тайёр кардани кадрҳои касбӣ давлат сармоягузории давлатӣ дар ҳаҷми 50-80%-и хароҷоти корхонаро барои рӯйпӯш намудан сарф менамояд; - корхонаҳое, ки ҷавонони синни 16-18 соларо барои кор ҷалб менамояд то 80%-и хароҷот вобаста бо таҳсилоти касбӣ ва пардохти музди меҳнат гузаронида мешавад; - бахшҳои иқтисодиёте, ки барои ҳалли муаммоҳои иҷтимоӣ мусоидат менамояд пурра дар зери дастгирии давлатӣ қарор дода мешавад» [118, с. 11- 13].

Дар кишвари Шветсия хадамоти махсуси шуғли аҳолӣ фаъолият менамояд, ки номи он «Хадамоти шуғли аҳолии давлатии Шветсия» (Swedish Public Employment Service) мебошад. Хизматрасонии хадамоти мазкур дар ҳамаи минтақаҳои давлати Шветсия амалӣ карда мешавад. Умуман, дар минтақаҳои ин кишвар шумораи филиалҳои хадамоти шуғли аҳолӣ зиёда аз 68 адад ҷойгир аст [67]. Онҳо дар бозори меҳнати минтақаҳо масъалаи таъмингардонии шуғли аҳолӣ дар ҳар як минтақа, ташкили шароит барои корҳои кироя машғул мебошад. Бозори меҳнати минтақа дар ҳудудҳои муайяни давлат фаъолият намуда, дар сохтори худ 4 шуъбаҳои функсионалиро дарбар мегирад, ки онҳо ин тавранд: - шуъбаи саноат; - шуъбаи гурӯҳҳои мақсаднок, - шуъбаи дастгирӣ, - шуъбаи хизматрасонии шуғл. Ду шуъбаи аввали қайдгардида асосан бо дарёфти мизоҷон имкониятҳои он машғул мебошад, ду шуъбае, ки охирон қайдгардида асосан хизматрасонии дохилӣ оид ба таъмини шуғл фаъолият менамояд. Умуман, боиси таъкид аст, ки Хадамоти давлатии шуғли Шветсия бевосита ба Ҳукумат ба парламенти давлатӣ итоат менамояд ва барои таъмини шуғли аҳолӣ кӯшиш менамояд. Боиси зикр аст, ки ғайр аз хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ дар иқтисодиёти Шветсия хеле зиёд ширкатҳои миёнарав оид ба шуғли аҳолӣ мавҷуд аст. Фаъолияти онҳо низ самаранокии баланд дорад. Илова бар он дар иқтисодиёти Шветсия ташкилотҳои байналхалқие дар иқтисодиёт амал мекунанд, ки бо масоили шуғли аҳолӣ машғуланд. Дар байни онҳо яке аз паҳнгаштаринаш ин агентии хусусии кадрии Конфедератсияи байналхалқӣ (International Confederation of Private Employment Agencies)

мебошад. Муассисаи мазкур дар шароити муосир хеле босамар фаъолият карда истодааст.

Дар танзими бозори меҳнат хусусиятҳои хоси миллиро дар иқтисодиёти Ҷопон низ мушоҳида кардан мумкин аст. Боиси зикр аст, ки модели Ҷопонии бозори меҳнат дар ҷомеаи ҷаҳонӣ яке аз беҳтарин ҳисобида мешавад. Зеро дар ин самт онҳо принсипи «якумраи қабул ба кор»-ро амалӣ менамоянд [127, с. 48]. Моҳияти принсипи мазкур дар он аст, ки шахсе, ки пас аз хатми мактаби олӣ ба кор гирифта мешавад то бароmадан ба нафақа дар корхона ҳамчун корманд фаъолият менамояд.

Мутобиқ бар он ҳаҷми музди меҳнат, кӯмакпулиҳои иҷтимоӣ, ҳавасмандиҳои мухталиф, аз давомнокии собиқаи кор дар як корхона вобаста карда шудааст, яъне баланд бардоштани музди меҳнат, пардохтҳои иҷтимоӣ аз собиқаи кор дар як корхона вобаста аст. Илова бар он ҳатто гузаронидан аз як вазифаи хизматӣ ба дигар вазифа низ тибқи нақша вобаста аз собиқа амалӣ карда мешавад. Онро дар бозори Ҷопон чунин асоснок менамоянд, ки дар муддати собиқаи корӣ корхона бояд оид ба баланд бардоштани тахассусмандӣ тибқи нақша чораҷӯӣ менамояд.

Умуман, дар бозори меҳнати Ҷопон чунин тавсифҳои миллии кормандонро бештар паҳн менамоянд. Яъне муътадилнокӣ дар кор, қобилияти мутобиқшавӣ ба шароити корӣ, меросӣ, фаъолияти содиқонаи кормандон барои корхона, ташаббуси корманд оид ба баланд бардоштани эътибори корхона ва сифати фаъолият, меҳнатдӯстӣ, муносибати эҷодӣ нисбат ба кор ва ғайра [122, с. 52].

Ба ақидаи мо аз модели Ҷопонии бозори меҳнат ҷанбаҳои қобили қабул барои иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он хеле зиёд тарафҳои мусбатро қабул намудан мумкин аст. Инчунин таъмин намудани амалишавии принсипи «якумраи қабул ба кор» тарбия намудан дар корманд, муносибати эҷодӣ ба кор ва ғайра.

Аз ҷониби давлат муайян намудани ҳаҷми ҳадди ақалли музди меҳнат ва мониторинги амалишаваии он дар иқтисодиёт дар низоми

танзими бозори меҳнат дар иқтисодиёти Фаронса яке аз равияи асосӣ ба ҳисоб меравад  Боиси таъкид аст, ки дар давлати Фаронса ҳаҷми музди минималии меҳнат вобаста аз ихтисосмандӣ, сатҳи маълумот вобаста карда шудааст. Илова бар он аз ҷониби давлат критерияҳои минималии иҷозатдодашудаи шарти меҳнат низ муайян карда мешавад [159]. Инчунин тартиби иштироки корманд дар идоракунии корхона, давомнокии рӯзи корӣ, давомнокии ҳафтаи корӣ ва ғайра ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам аз ҷониби иттифоқҳои касаба мутобиқшавӣ ба меъёрҳои гузошташуда танзим карда мешавад.

Таҷрибаи Канада оид ба танзими давлатии бозори меҳнат низ диққатҷалбкунанда ва қобили омӯзиш мебошад. Мақомотҳои давлатии Канада дар самти таъмини шуғлнокии аҳолӣ бештар аҳаммияти худро барои барқарор намудани ҷойҳои кории нав бо тавассути таъсиррасонӣ ба муҳити фаъолияти бозори меҳнат таваҷҷуҳи хоса медиҳад.

Алалхусус: «- коҳиш додани вазнинии андоз барои субъектҳои бизнеси хурд, миёна ва азим, ҳамзамон беҳтар намудани шароити қарздиҳӣ; - бо тарзи қарзҳои имтиёзӣ, грантҳо барои молиякунонии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва таҷрибавӣ дар соҳаи саноати кайҳонӣ, саноати чӯб, комплекси агросаноатӣ, энергетикаи атомӣ ва ғайра, ки самтҳои авлавиятноки рушди Канада ҳисоб меёбанд. Маблағгузории мусоид барои лоиҳаҳои инфрасохтор, ҳавасмандии хароҷоти истеъмолии аҳолӣ, афзоиши хароҷот барои тайёр кардани кадрҳои тахассуснок ва баланд бардоштани ихтисосмандии кормандон. Ҳавасмандии мутахассисони хориҷӣ барои фаъолияти меҳнатӣ тибқи шартномаҳо, яъне ҷалби муҳоҷирон ба фаъолияти меҳнатӣ яке аз равияҳои муҳим дар бозори меҳнати Канада ба ҳисоб меравад» [164].

Ҳукумати Олмон барои таъмин намудани аҳолӣ бо шуғли доимӣ чораҳои мушаххас меандешад. Ташкили машваратдиҳӣ ё  ин ки дастгирии машваратии аҳолӣ оид ба дарёфти ҷойи кор, баланд бардоштани тахассусмандии кадрҳо, омода намудани ихтисосмандии

кадрҳо ва ғайра аз он ҷумлаанд. Алалхусус, андешидани чораҳои зерин ба назар мерасад:

«- ташкили машваратдиҳӣ ё ин ки дастгирии машваратии аҳолӣ оид ба дарёфти ҷои кор, баланд бардоштани тахассусмандии кадрҳо, равияҳои таҳсилот, омода намудани ихтисосмандии кадрҳо ва ғайра;

- дар сатҳи ассотсиатсияи соҳибкорон ё ин ки иттифоқҳои касаба ҳамчун фишанги танзими бозори меҳнат омода намудани созишномаҳо оид ба шарту шароитҳои шуғли аҳолӣ ба кору фаъолият;

- барои муътадилгардонии фарқияти ба кор қабул намудан, музди меҳнат, ҷалби ба кор аз рӯи ҷинсият, сиёсати мутобиқ баргузор менамояд;

- суғуртакунӣ ва кӯмакпулӣ барои бекорӣ низ дар бозори меҳнати Олмон васеъ паҳн гардидааст» [118, с. 11- 13].

Чун дар дигар давлатҳои мутараққӣ дар Олмон низ солҳои охир консепсияи бозори меҳнати чандирнок бештар густурда шуда истодааст. Чӣ тавре ки қайд кардем, ҳадафи асосии бозори меҳнати чандирнок ин баланд бардоштани мутобиқшавии қувваи корӣ ба тағйиротҳои бозори меҳнат мебошад. Боз нуқтаи дигарро қайд кардан ҷоиз аст, ки дар кишварҳои мутараққӣ дар танзими бозори меҳнат мавқеи асосиро биржаҳои меҳнат ҳамчун яке аз сохтори муҳимми механизми хоҷагидории бозорӣ ишғол менамояд. Боиси таъкид аст, ки онҳо муассисаҳои махсусе мебошад, ки фаъолияти миёнаравиро дар бозори меҳнат иҷро менамоянд. Қисми зиёди онҳо давлатӣ буда, дар зери таъсири Вазорати меҳнат ё ин ки вазорате, ки танзими фаъолияти меҳнатиро дар дӯш дорад, ба амал мебарорад.

Дар бораи равияҳои фаъолиятҳои биржаҳои меҳнат дар яке аз сарчашмаҳои илмӣ чунин омадааст:

«1. бақайдгирии бекорон;

2. бақайдгирии ҷойҳои кории холӣ;

3. бо кор таъмин намудани бекорон ва дигар шахсоне, ки хоҳиши кор карданро дорад;

4. омӯзиши конъюктураи бозори меҳнат ва пешниҳоди иттилоот оид ба вазъи он;

5. санҷиши субъектҳое, ки ҷойи корӣ пешниҳод менамоянд;

6. мусоидат оид ба интихоби касб ва азнавтайёркунии касбии бекорон;

7. пардохти кӯмакпулиҳо илова бар он биржаҳои меҳнат мувофиқи талабот ва таклифот қувваи кориро меомӯзад, иттилоот оид ба шуғли аҳолӣ тибқи касбҳо, ҳудудҳо, синну сол ва таҳсилот ҷамъ намуда, онро паҳн менамояд.» [129, с. 241].

Хуллас, дар кишварҳои ҷаҳон таҷрибаи хеле мухталиф оид ба ташаккул, танзим ва рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар бозори меҳнат ғанӣ гардонида шудааст, ҳамаи онҳо барои нигоҳ доштани анъанаҳо дар самти муносибатҳои меҳнатӣ ва ташаккул додани ҷойҳои кории нав равона гардидааст, ки омӯзиш ва истифодабарии он дар рушди бозори меҳнати минтақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ метавон заминаи мусоид эҳё намояд.

Васеъ паҳн гаштани муносибатҳои бозоргонӣ дар иқтисодиёти минтақа талаботҳои навро дар кулли ниҳодҳо, аз он ҷумла дар бозори меҳнат низ инъикос гардида истодааст.

Муқarrаротҳои назариявӣ оид ба «шуғл» дар радифи консепсияи меҳнат ташаккул ёфтааст. Бо рушди ҷамъият, яъне ташаккулёбии иқтисодиёти бозор дар низоми идоракунӣ шуъбаҳои махсусе, ки барои таъмини шуғли аҳолӣ ташкил карда шудааст. Боиси таъкид аст, ки чунин хадамот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ташкил карда шудааст, яъне Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ филиал ва шуъбаҳои онҳо дар ҳамаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мебарад. Дар фаъолияти муассисаҳои мазкур масъалаҳои танзими бозори меҳнат, иттилоот оид ба ҷойҳои кории холӣ, омӯзиш ва тайёр намудани кадрҳо, коргарони касбӣ, мулоқот бо кордиҳандагон, мактабҳои олӣ оид ба танзими шуғл гузаронида мешавад.

Вақте ки дар илми иқтисодиёт калимаи «шуғл» истифода мешавад, ин бо ҷойи кор таъмин намудани аҳолиро инъикос менамояд. Дар шароити муосир бозори меҳнат, ки дар он яке аз омили асосии ҷараёни истеҳсолот, яъне қувваи корӣ баромад менамояд ҳадафи асосӣ мебошад. Умуман, меҳнат дар ҳаёти шахсии инсон нақши ҳалкунанда муайянкунандаи мавқеи он дар ҷомеа, сарчашмаи зисту зиндагонӣ мебошад, ки дар ҷомеа арзиши хеле баланд дорад. Инчунин, дар байни омилҳо омили инсонӣ қувваи ҳаракатдиҳанда мебошад, ки бидуни он самаранокии истеҳсолот таъмин карда намешавад. Бинобар ин мафҳуми «шуғл» на танҳо дар иқтисодиёт, инчунин дар сиёсат, иҷтимоиёт арзиши баланд дорад, зеро ҳодисаи баръакси он, яъне бекорӣ метавонад сарчашмаи ноустуворӣ, гуруснагӣ, қонунвайронкунӣ ва дигар ҳодисаҳои номатлуб шуда метавонад.

Вақте ки сухан дар бораи самаранокии шуғл меравад, дастрасии даромади муносиб аз фаъолияти меҳнатиро дар назар дорад. Ҳоло дар сиёсати иқтисодии давлатӣ ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам дар сатҳи минтақа кӯшишҳо барои таъмини самаранокии шуғл ба амал оварда шуда истодааст. Инро дар бисёр ҳолатҳо бо тавассути сиёсати шуғл коркард ва амалӣ карда мешавад. Сиёсати шуғл метавонад дар сатҳҳои гуногун, яъне дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ амалӣ гардад. Вале дар кадом сатҳе, ки набошад мақсади асосии шуғл ин коркарди чораҳо оид бо ҷойҳои корӣ таъмин кардани бекорон, танзими бекоронро дар бар мегирад.

Бо тавассути сиёсати давлатӣ оид ба шуғл масъалаҳои:

- бозоомӯзии кадрҳо;

- дастгирии ҳуқуқӣ ва иҷтимоии бекорон;

- идора намудани ҷо ба ҷогузории аҳолии қобили меҳнат баррасӣ мегардад.

Илова бар он дар ин самт масъалаи кӯмаки иҷтимоии аҳолии бекор талабот ва таклифот дар бозори меҳнат низ омӯхта мешавад. Дар сиёсати давлатӣ оид ба танзими бозори меҳнат:

- коркарди барномаҳои шуғл дар сатҳи ҷумҳурӣ, минтақа;

- танзими муҳоҷирати аҳолии дохилӣ;

- ташкили шарикии давлатӣ ва хусусӣ;

- таҳияи фонди давлатии махсус оид ба шуғл;

- пешниҳоди қарзҳои ройгон бо воситаи бонкҳо барои ташкили соҳибкорӣ;

- ташкили корҳои давлатӣ барои ҷалби бекорон ва ғайраҳо [5].

Дар беҳтар намудани сифати захираҳои меҳнатӣ низоми соҳаи маориф, низоми тандурустӣ, фарҳанг мавқеи махсус дорад. Бинобар ин ин соҳаҳо дар сиёсати давлатӣ соҳаҳои афзалиятнок ҳисобида мешавад. Аз ин лиҳоз, дар фаъолияти давлатӣ ҳиссаи соҳаҳои рушди иҷтимоиёт ҳоло нисбат ба дигар соҳаҳо хеле баланд аст. Асосан бо воситаи маблағгузорӣ ба соҳаи иқтисодиёт давлат дар ташаккули сармояи инсонӣ ҳиссагузор мебошад. Хароҷоти баъзе кишварҳоро ба соҳаи иҷтимоиёт дида мебароем.

**Ҷадвали 4**

**Хароҷоти давлатӣ мувофиқи давлатҳои хориҷӣ дар соли 2023 [156].**

| № | Номгӯи кишварҳо | Хароҷоти давлатӣ нисбат ба ММД (%) | Рейтинг дар байни кишварҳои ҷаҳон |
|---|---|---|---|
| 1. | Украина | 41, 68 | 1 |
| 2. | Ливия | 31,82 | 2 |
| 3. | Шветсия | 25,68 | 6 |
| 4. | Исландия | 25,67 | 7 |
| 5. | Нидерландия | 25,3 | 8 |
| 6. | Фаронса | 23,28 | 12 |
| 7. | Британияи кабир | 20,73 | 24 |
| 8. | Венгрия | 20,03 | 33 |
| 9. | Россия | 18,47 | 48 |

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали мазкур бармеояд, ки хароҷоти давлатӣ дар давлатҳои хориҷӣ дар соли 2023 давлати Украина 41,68%-и хароҷотро ташкил медиҳад, ки ин нишондиҳанда нисбат ба давлатҳои дигар баландтар мебошад. Пас аз Украина аз рӯи ҳиссаи ММД кишвари Ливия мебошад, ки (31,82%) дар ин давлатҳо бо сабабҳои объективӣ бахши хусусӣ рӯ ба таназзул дорад. Сабаби объективӣ ин номуътадилии сиёсӣ мебошад, яъне афзоиши хароҷоти давлатӣ бештар бо хароҷоти ҳарбӣ, ҳифзи амният вобастагӣ дорад. Дар дигар давлатҳо бошад, яъне дар давлатҳои мутараққӣ, ки якчандтои онҳо дар ҷадвали болоӣ гирд оварда шудааст, ҳиссаи хароҷоти давлатӣ қариб дар сатҳи бо якдигар монанд қарор дорад. Масалан, Шветсия (25,68%), Исландия (25,67%), Нидерландия (25,3%), Фаронса (23,28%), Британияи кабир (20,73%), Венгрия (20,03%) мебошанд. Дар ин давлатҳо хароҷоти давлатӣ вазъи бахши давлатиро дар умум инъикос менамояд. Дар давлатҳое, ки собиқ сотсиалистӣ ҳиссаи хароҷоти давлатӣ на он қадар калон аст ва хароҷоти давлатӣ асосан барои иҷтимоиёт равона карда шудааст, ки ҳиссаи он дар ММД-и Россия (18,47%), Беларусия (18,06%), Ӯзбекистон (16,14%) ва Озорбойҷон (14,01%).

Маълум аст, ки як қатор проблемаҳо ва дурнамо барои рушди маориф вуҷуд доранд ва онҳо босуръат рушд мекунанд, ки дар натиҷаи он дар коркард, тақвият ва таҳлили ҷараёни афзояндаи иттилоот мушкилот вуҷуд дорад.

Таҳлили муқоисавии системаҳои таълимии кишварҳои мухталиф ба мо имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои мусбат ва манфии таҳияи консепсияҳои тарбиявиро муайян намоем, инчунин омилҳои ҷаҳонӣ дар рушди таҳсилот ба назар гирифта мешавад. Қисми асосии индекси рушди инсон – методологияе, ки аз ҷониби мутахассисони СММ таҳия шудааст, индекси таълимӣ мебошад. Дар ҷадвал омори байналхалқӣ оид ба индекси таҳсилот ва ҳиссаи калонсолон бо маълумоти олӣ оварда шудааст. Ин арзиши ММД ба арзиши сарикасии қобилияти харидорӣ,

ки ба муайян кардани муносибатҳои хусусиятҳои баррасишуда нигаронида шудааст, пешниҳод мекунад.

Вобаста аз сатҳи фарогирии аҳолӣ як кишвар ба се гурӯҳ тақсим мешавад: дар гурӯҳи 1- ҳиссаи калонсолон бо таҳсилоти олӣ на камтар аз 15%, дар кишварҳои гурӯҳи 2- аз 10 то 14%, дар гурӯҳи 3- камтар аз 10% муқаррар карда шудааст. [51, с. 10].

**Ҷадвали 5**

**Ҳиссаи калонсолон дар фарогирии аҳолӣ бо таҳсилоти олӣ**

| Давлатҳо | Фоиз |
|---|---|
| ИМА | 15% |
| Канада | 14,5% |
| Италия | 14% |
| Бразилия | 12% |
| Уругвай | 9,3% |
| Австрия | 9% |

Аз ҷадвал хулоса баровардан мумкин аст, ки мавқеи пешсафиро дар робита бо таҳсилоти аҳолии калонсолон дар ИМА, ки дар он 30%-и аҳолии 25-64 сола таҳсилоти олӣ ба итмом расонидаанд, ишғол мекунанд. Ин беҳтарин вазъият дар кишварҳои ба монанди Уругвай, Аргентина, Австрия, ки дар он ҳиссаи аҳолӣ бо маблағи зиёдтар ба камтар аз 10% аст.

Сатҳи баланди таҳсилоти аҳолӣ дар гурӯҳҳои кишварҳо:

- дараҷаи таҳсилот 99% - Канада, Австралия, Финландия, Испания;

- ИМА, Канада, Кореяи Шимолӣ, Австралия, ки дар он ҳиссаи калонсолони дорои таҳсилоти олӣ 23%-ро ташкил медиҳанд;

- шумораи донишҷӯёни донишгоҳ 6,9 миллион нафар - ИМА (13,2 миллион), Ҳиндустон (11,8 миллион), Чин (10,8 миллион), Русия (6,9 миллион).

Дараҷаи донишҷӯёни донишгоҳҳо дар аҳолии кишвар:

- бо дарназардошти омили болоӣ – Полша (5,4 бо шумораи хонандагон 2 миллион нафар), Русия (4,8 фоиз бо шумораи донишҷӯёни 6,9 млн), ИМА (4,4 фоиз бо шумораи хонандагон 13,2 млн);

- бе дарназардошти омилҳои таркибӣ – Финландия (5,6% бо шумораи хонандагон-0,3 млн);

- дар ҳоле, ки шумораи аҳолии калонсолон бо таҳсилоти олӣ Русия (54,6%), Канада (44,6%), ИМА (39,1%)-ро ташкил медиҳанд.

Барои татбиқи огоҳонаи сиёсати ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба вуҷуд овардан ва ташаккул додани се ҷанбаи асосии муносибатҳои меҳнатӣ зарур мебошад:

- бо шуғли муносиб таъмин будани аҳолии қобили меҳнат;

- танзими муносибатҳои байни корфармо ва коргар;

- сатҳи қобили қабули музди меҳнат.

Зикр намудан бамаврид аст, ки асоси рушд ва инкишофёбии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан вилояти Суғд аз нуқтаи назари ташкилӣ дар шароити таъсири манфии омилҳои берунӣ ба иқтисодиёти кишвар, имкониятҳои иқтисодии он бояд заминаи асосии бехатарии иқтисодӣ дида баромада шавад. Дар ин шароит истифодаи мақсадноки захираҳои табиӣ ва захираҳои инсонӣ дар минтақаҳо, ҳамчунин мустаҳкамнамоии имкониятҳои ниҳодӣ дар самти баландбардории самаранокӣ, ва рақобатнокии захираҳои мавҷуда, имконияти саноатикунонии рушди кишвар муайян карда мешавад. Ин гузаришро аз кишвари аграрӣ-саноатӣ ба кишвари саноатӣ-аграрӣ таъмин намуда, саҳми соҳаи саноатро дар ММД нисбат ба соҳаи кишоварзӣ бештар менамояд. Тағйироти иқтидори меҳнатӣ на ҳамеша бо тағйирёбии шумораи аҳолии қобили меҳнат алоқаманд аст, аммо дар ҷомеаи постиндустриалӣ ин падида дар ҳама ҷо маъмул аст. Ҳатто дар ҳолати шумораи устувори захираҳои меҳнатӣ, афзоиши иқтидори меҳнатӣ метавонад тавассути афзоиши хусусиятҳои сифатии он ба амал

ояд: афзоиши сатҳи тахассуси маълумоти олӣ-касбӣ, беҳтар шудани вазъи саломатӣ, баланд шудани сатҳи фарҳангӣ ва ғайра.

Афзоиши иқтидори меҳнатӣ аз ҳисоби беҳтар шудани хусусиятҳои сифатии шуғли аҳолӣ бо шумораи устувори худ маънои интенсификатсияи истеҳсолотро дорад. Ба андешаи мо, маҷмӯи ин унсурҳои иқтидори меҳнатӣ хусусият ва нақши онро дар системаи категорияи меҳнатӣ инъикос мекунад. Айни замон якчанд категорияҳои асосии иқтисодӣ мавҷуданд, ки шахсро ҳамчун субъекти фаъолияти меҳнатӣ тавсиф мекунад, инҳо: шумораи аҳолӣ, қувваи корӣ, захираҳои меҳнатӣ ва сармояи инсонӣ мебошанд [126, с. 76-82].

Вазифаи асосӣ дар фаъолияти корӣ истифодаи бештари самаранокии захираҳои меҳнатӣ мебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки бисёр корхонаҳо захираҳои калони баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот доранд. Аз як тараф, онҳо бо зарари ошкор ва аз тарафи дигар, аз ҳисоби захираҳои истифоданашуда ба вуҷуд меоянд. Захираҳои истифоданашуда аз имкониятҳои баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот нисбат ба нақша ё дастовардҳои илму техника ва таҷрибаи пешқадам пинҳон мондаанд. Ҳисобкуниҳо нишон медиҳанд, ки азхудкунии захираҳои дар поён овардашуда баландшавии самаранокии истеҳсолотро таъмин мекунад.

Муҳимтарин нишондиҳандаҳои умумие, ки тавассути онҳо самаранокии истифодаи иқтидори меҳнатӣ дар соҳаи истеҳсолоти ғайримоддӣ баҳо дода мешаванд, арзиши корҳо, хизматрасониҳо бо истифодаи ҷисмонӣ ва пулӣ, инчунин нишондиҳандаҳоеро инъикос мекунанд, ки беҳбудӣ ё бад шудани ҳолати шахсони бо ин хизматрасониҳо таъминшударо инъикос мекунанд.

Кам кардани талафоти корӣ яке аз захираҳои баланд бардоштани самаранокии меҳнат мебошад. Дар корхона аксарияти талафоти вақти корӣ ба рухсатии иловагӣ бо иҷозати маъмурият рух медиҳад, ки онро

захираҳои истифоданашуда барои зиёд кардани фонди вақти корӣ ҳисобидан мумкин аст.

Роҳҳои асосии баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори меҳнатӣ:

1. такмили кор бо кормандон (баҳисобгирии кадрҳо, интихоб ва тақсимоти кормандон);

2. таҳкими роҳнамоии касбӣ;

3. мутобиқсозии мутахассисони ҷавон;

4. омӯзиши дараҷаи қаноатмандии кормандон аз шароити меҳнат ва вақти корӣ;

5.афзоиши ҳавасмандкунии меҳнат.

Дар самти самаранок истифодабарии иқтидори меҳнатӣ ҷорӣ намудани техникаву технологияи нав, автоматикунонӣ, механикунонӣ, узвҳои таркибӣ чораҳо бошад ҳам дар солҳои охир ба онҳо ҳамчун илова омилҳои ичтимоиву психологии самаранокии истифодаи меҳнат ҳисоб меёбад.

Натиҷаҳои ҳама гуна корҳо на танҳо аз сатҳи техника, технология, тарбияи корманд, балки аз муносибати ӯ ба ин масъала, интизоми меҳнат вобастагӣ доранд. Самаранокии истифодаи иқтидори истеҳсолии ҳама гуна корхонаҳо аз бисёр ҷиҳат аз ҳавасмандии меҳнатии коргарон вобаста аст. Гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, ташаккули шаклҳои нави ташкилии моликият равишҳои навро дар ташаккули коллективҳои меҳнатӣ, муносибатҳои онҳо ва тақсими натиҷаҳои меҳнат тақозо мекунад.

Ин раванд хеле мураккаб аст, зеро он на танҳо тағйироти куллии муносибатҳои мавҷудаи дастаҳо, балки таҷдиди сохтор дар тафаккури мардум даст кашидан аз усулу қолаби кӯҳна, рушди муносибати эҷодӣ аз ҷониби кормандон барои ҳалли масъалаҳои пайдошударо талаб

мекунад. Дар ин робита, айни замон арзиши «омили инсонӣ», ки ба натиҷаҳои истеҳсолот таъсири хос дорад, пайдо шуда истодааст.

Бо мақсади фаъол намудани «омили инсонӣ» дар баланд бардоштани самаранокии истифодаи иқтидори истеҳсолӣ дар яке аз корхонаҳои комплекси агросаноатӣ, системаи ҳавасмандгардонӣ, шароити меҳнат ва зист таҳия шудааст, ки кормандонро ба фаъолияти бештар самаранок ва ҳадди аксар даромадҳо ҳавасманд менамояд. Мо омилҳои асосии иҷтимоии беҳтаргардонии истифодаи иқтидори меҳнатиро қайд мекунем:

1. Афзоиши фаъолияти меҳнатии коллективҳо ва коргарон:

- беҳбудии шароити кор ва ташкили корӣ;

- муътадилгардонии коллективҳои меҳнатӣ, таҳкими интизом дар ҷойҳои корӣ;

- таъмини манфиат ва масъулияти моддӣ.

2. Баланд бардоштани сатҳи моддии кормандон:

- пардохт аз рӯи миқдор ва сифати кор (аз буҷет оид ба натиҷаҳо);

- алоқамандии омилҳои руҳбаландкунанда;

- қонеъгардонии эҳтиёҷоти манзил, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;

3. Рушди ҳамаҷонибаи шахсият:

- ташаккул ва такмили ихтисос;

- тарғиби саломатӣ, рушди фарҳанг, фароғат, сайёҳӣ;

- фароҳам овардани фазои мусоиди равонӣ;

- тақвияти соҳаи иҷтимоию ғайриистеҳсолӣ.

Зарур аст, ки ҳамаи омилҳои иҷтимоӣ барои зарфияти онҳо истифода шаванд. Ҳоло аҳолии қобили меҳнат иқтидори худро пурра дарк намекунад. Сабаби он ба таъхир афтодани музди меҳнат маҳсуб меёбад. Аммо сабаби асосӣ набудани алоқаи қатъӣ байни андозаи музди меҳнат ва натиҷаҳои воқеии кормандон мебошад. Ба мо ташкили нави

музди меҳнат, намунаҳои нави музди меҳнат лозиманд, ки коргаронро ба беҳтар шудани кор бармеангезанд.

Вобаста ба омилҳои психологӣ, роҳбар бояд фазои психологиро созмон диҳад, ки ба солимии гурӯҳ ва ҳар як аъзои он мусоидат кунад. Инро тавассути қабули дурусти кормандон бо назардошти ҳамаи омилҳои психофизиологӣ ба даст овардан мумкин аст.

Ҳамин тавр, таъсири омилҳои иҷтимоӣ ва равонӣ аён аст. Воқеан, бидуни системаи муассири таълим, шуғл, ҳавасмандгардонии кормандон, ҳимояи иҷтимоӣ, такмил, фазои оптималии психологӣ ва муносибати кормандон дар гурӯҳ, истифодаи самараноки яке аз омилҳои муҳимтарини истеҳсолот – меҳнати инсон ғайриимкон аст.

# БОБИ II. ВАЗЪИ МУОСИР, АРЗЁБӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

## 2.1. Тавсифи умумии вазъи бозори меҳнат дар иқтисодиёти вилояти Суғд

Дар шароити муосир дар сатҳи минтақаҳо дар асоси стратегия ва консепсияҳои давлатӣ оид ба рушди иқтисодиёт барномаҳои махсус таҳия ва дар амал татбиқ мегардад. Дар миқёси вилояти Суғд низ «Барномаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2021-2025» таҳия гардида, ба амал татбиқ шуда истодааст. Инчунин боиси зикр аст, ки барои давраи 2026-2030 чунин барнома таҳия ва тасдиқ шудааст. Дар барномаҳои мазкур ҳадафи асосӣ баланд бардоштани некӯаҳволии аҳолӣ бо тавассути таъмини шуғлнокии аҳолӣ хати стратегӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, дар масъалаи таъмини шуғли аҳолӣ нахуст омӯхтани вазъи муосири бозори меҳнат дар минтақа, муайян намудани муаммоҳои он мувофиқи мақсад аст. Дар бозори меҳнат теъдоди иштирокчиён хеле зиёданд. Бо тарзи умум бо онҳо ниҳодҳои зеринро ворид намудан мумкин аст:

- хоҷагии хонаводаҳо бо теъдоди аҳолии қобили меҳнат;
- бахши хусусӣ (корхонаҳо, фирмаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, соҳибкорони инфиродӣ ва ғайраҳо);
- бахши давлатӣ (мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, корхонаҳои давлатӣ, кумитаи андоз, гумрук, иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ (иттиҳодияҳои корфармоён, ҷамъиятии шаҳрвандон ва ғайра).

Боиси зикр аст, ки аҳолии минтақа, ки дар ҳудуди муайян ҷойгиршуда дар ташаккул ва рушди бозори меҳнати минтақа узви асосӣ мебошад, ки захираҳои меҳнатиро ташкил медиҳад. Захираҳои меҳнатӣ танҳо аҳолии қобили меҳнатро дар байни занон то 58-сола ва дар мардон то 63-соларо дар бар мегирад. Аз нуқтаи назари илми иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ шахсони нафақахӯр, маъюбони қобилияти маҳдуди коридошта,

наврасони то синни 16 – сола ба сохтори аҳолии қобили меҳнат ворид намегардад. Чунин муқарраротҳо дар қонунгузории миллӣ дарҷ гардидааст. Вале боиси зикр аст, ки қисми муайяни гурӯҳҳои аҳолии дар боло зикр гардида барои таъмини зисту зиндагонии худ фаъолияти меҳнатӣ дорад. Бо ҳамин фаъолият онҳо захираҳои меҳнатии давлатро афзоиш медиҳад.

Дар корхонаҳои давлатие, ки дар боло зикр гардидааст сарфи назар аз теъдоди умумии аҳолӣ ба масъалаҳои зерин аҳаммият дода шудааст:

- ташкили бо ҷойҳои кории бехатар, устувор дар минтақа;
- таъмин намудани ҷойи корӣ бо музди кори муносиб;
- ташкил намудани шароит барои касбомӯзӣ;
- такмили ихтисос;
- пешниҳоди кафолати доимӣ барои шуғл;
- дастгирии давлатӣ барои маъюбон дар самти дарёфти ҷойи кор;
- суғурта барои аз даст додани ҷойи корӣ;
- баланд бардоштани даромаднокии ҷойҳои корӣ ва ғайра.

Умуман, манфиатҳои зикргардида муҳимтарин дар ташкили сиёсати давлатӣ оид ба шуғл мебошад. Барои ҳал намудани муаммои камбизоатӣ дар байни одамони қобили меҳнат, ташкил намудани ҷойҳои кории муттамарказии давлатӣ мувофиқи мақсад аст, зеро вақте ки бекорон бо ҷойи кор таъмин мегардад онҳо бо даромад таъмин мешавад. Дар бозор барои фурӯши маҳсулотҳо замина пайдо мегардад, яъне ин самараи мусбии худро дорад. Ин самара аз ҷониби олими машҳури Ҷ.М. Кейнс ҳамчун «самараи мултипликатсионӣ» иброз карда шудааст. Ин чунин маъно дорад, ки вақте ки дар бозор талаботи самаранок пайдо шавад он молистеҳсолкунандагонро ҳавасманд менамояд, ки истеҳсолоти худро афзоиш диҳад. Барои афзоиш додан бошад ҷойҳои кории нав месозад ва ин бевосита ба ҳалли камбизоатӣ таъсири мусбӣ мерасонад. Ин ҳам як равияи сармоягузорӣ мебошад.

Пиршавии аҳолӣ низ дар захираҳои меҳнатӣ таъсироти худро дорад. Масалан, агар ҳиссаи аҳолии калонсолон нисбат ба ҳиссаи аҳолии

ҷавонон зиёд бошад, онгоҳ дар солҳои минбаъда дар бозори меҳнат касоди захираҳои меҳнатӣ пайдо шуданаш мумкин аст. Дар баръакси ҳол бошад, барзиёдатии ҷойҳои корӣ пайдо менамояд. Ҳар ду ҳолат ҳам нигаронкунанда мебошад, яъне бояд танзим карда шавад.

Оид ба масъалаҳои мазкур дар асарҳои худ олими ватанӣ Исломов С.И. чунин гуфтааст, ки: «як қонуни универсалии тамоюли рушди аҳолӣ вуҷуд дорад, ки робитаҳои назаррас, зарурӣ ва такрории сабабгори шумораи одамонро ифода мекунад ва имкониятҳои наҷот ба таври ғайримустақим бо фаъолияти шуури инсон» [44, с. 74].

Дар ҳақиқат дуруст карда шудааст, ки пиршавӣ ин қонуни демографӣ аст. Бо тавассути ҷараёнҳои демографӣ ба он таъсир расонидан мумкин аст. Умуман, пиршавии аҳолӣ дар иқтисодиёт мушкилотҳои гуногунро ба миён меорад. Дар ин ҷода пиршавии аҳолӣ сарбории демографиро афзоиш медиҳад. Илова бар он дар илми иқтисодӣ ақидаҳои гуногун мавҷуд ҳастанд, ки бо афзоиши пиршавӣ ҳосилнокии меҳнат коҳиш меёбад [141, с. 16].

Хусусиятҳои хоси иқтидори меҳнатиро зикр намудан ба мақсад мувофиқ мебошад:

- мураккабии иқтидори меҳнатӣ ҳамчун маҷмӯи унсурҳои гуногуни психофизиологӣ, истеҳсолӣ ва тахассусӣ;

- унсурҳои иқтидори меҳнатӣ гуногунҷанба ва ивазшавандаанд. Ҳар яке аз унсурҳои раванди фаъолият дар замонҳои гуногун, дар ҳолатҳои мухталиф, дар самти худ амал мекунанд. Баҳисобгирии ин хусусияти иқтидори меҳнатӣ имкон медиҳад, ки он дар самти дуруст моделсозӣ, танзим ва таҳия карда шавад;

- мансубият, ки онро ҳамчун тобеияти тамоми низоми иқтидори меҳнатӣ ба интиқолдиҳанда (корманд) муайян кардан мумкин аст;

- мушаххасот ва воқеият, ки ба моликият алоқамандии зич доранд, маънои функсияи иқтидори меҳнатӣ, қобилияти онро барои таъмини иҷрои корҳо дар доираи қобилиятҳои муайян - техникӣ, саноатӣ, иттилоотӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ дорад;

- ҳамбастагии иқтидори меҳнатӣ – ин хусусият қобилияти иқтидори меҳнатро барои пайвастшавӣ бо дигар унсурҳои истеҳсолӣ, мутақобила бо дигар иқтидори истеҳсолӣ инъикос мекунад.

Силсилаи робитаҳои сабабии иқтидорро метавон ба таври зайл муаррифӣ кард: иқтидори меҳнатӣ дар асоси иқтидори илмӣ, техникӣ ва инноватсионӣ ҷойгир аст – дар якҷоягӣ онҳо ба истифодаи самараноки иқтидори истеҳсолӣ ва дар ин асос ба афзоиши сармоягузорӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ оварда мерасонанд [126, с. 76-82].

Дар ин ҷода пастшавии ҳосилнокии меҳнат бо таназзул ёфтани қобилияти ҷисмонии инсон маънидод карда мешавад, вале ин баҳсталаб аст дар иқтисодиёт соҳаҳое ҳастанд, ки бо пиршавии аҳолӣ ҳосилнокии меҳнат афзоиш меёбад.

Объекти асосии муносибатҳо дар бозори меҳнат, чӣ тавре ки ба ҳамагон маълум аст, захираҳои меҳнатӣ ба шумор меравнд. Аз ин лиҳоз, мо тасмим гирифтем, ки сараввал оид ба сохтори захираҳои меҳнатӣ дар вилояти Суғд баррасии иттилоот намоем, ки баъзе факту рақамҳо оид ба масъалаи мазкур дар ҷадвали поёнӣ гирд оварда шудааст.

**Ҷадвали 6**

**Бозори меҳнат, шуғли аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ [8, с. 79].**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Аҳолии вилоят** | **2560,8** | **2608,5** | **2658,4** | **2707,3** | **2783,0** | **2823,9** | **2870,0** | **2917,3** |
| Захираҳои меҳнатӣ, ҳамагӣ | 1569,5 | 1598,7 | 1615,5 | 1669,2 | 1630,8 | 1652,2 | 1675,2 | 1737,8 |
| Ҳиссаи захираҳои меҳнатӣ дар аҳолӣ | 61,2 | 61,2 | 60,7 | 61,6 | 58,5 | 58,5 | 58,3 | 59,5 |
| Аз он ҷумла: аҳолии машғул | 802,0 | 797,5 | 807,7 | 820,1 | 845,0 | 882,8 | 885,1 | 902,7 |
| Бо фоиз аҳолии машғул | 51,1 | 49,9 | 50,0 | 49,1 | 51,8 | 53,4 | 52,8 | 51,9 |
| Бекорони расман эътирофшуда | 10,8 | 9,7 | 8,1 | 8,9 | 7,9 | 7,8 | 7,0 | 6,0 |
| Қувваи кории истифода нашуда | 756,7 | 791,5 | 799,7 | 840,2 | 777,9 | 761,6 | 783,1 | 829,1 |
| Фоиз истифода нашуда | 48,2 | 49,5 | 49,5 | 50,3 | 47,7 | 46,1 | 46,7 | 47,7 |
| Аз он ҷумла хонандагон | 152,2 | 152,9 | 134,5 | 159,6 | 161,6 | 160,4 | 155,4 | 156,8 |

*Давоми ҷадвали 6.*

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Дараҷаи бекорӣ (шумораи расман эътирофшудаи бекорон бо фоиз нисбат ба қувваи корӣ) | 1,3 | 1,2 | 1,0 | 1,1 | 0,9 | 0,9 | 0,8 | 0,7 |

Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд дар иқтисодиёти вилояти Суғд теъдоди захираҳои меҳнатӣ тамоюли рушд дорад. Масалан, агар дар соли 2016 захираҳои меҳнатӣ амалӣ 1569,5 ҳазор нафар бошанд, соли 2023 он ба 1737,8 ҳазор нафар расидааст, ки сатҳи рушд 107,2%-ро ташкил кардааст. Боиси зикр аст, ки нисбат ба аҳолии вилоят ҳиссаи захираҳои меҳнатӣ дар солҳои 2016 – 2023 дар байни 58 - 62% мебошад. Ин нишондиҳандаи хеле хуб аст, зеро қисми зиёди аҳолӣ қобили меҳнат аст. Дар сохтори захираҳои меҳнатӣ ҳиссаи аҳолии машғули кор, яъне ки бо кори доимӣ машғулбуда, на он қадар бузург мебошад. Масалан, соли 2016 аҳолии машғули кор дар вилояти Суғд 51,1% ташкил карда бошад, соли 2023 ҳиссаи аҳолии машғул бо кор ҳамагӣ 51,9% мебошад, ки тағйирот ҷузъӣ аст. Аз ин чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар шаш соли охир созмон додани ҷойҳои кории холӣ ба талабот на он қадар ҷавобгӯ мебошад. Зеро ташаккулёбии ҷойҳои кории нав бо тарзи назаррас дар афзоиши аҳолии машғул инъикос нагардидааст. Дар ин маврид қувваи кории истифоданашуда ҳамчун иқтидори захиравӣ ҳоло дар вилоят хеле бузург аст. Масалан, дар солҳои баррасишаванда ҳиссаи қувваи корие, ки истифода нагардидааст дар солҳои 2021-2023 мутаносибан 46,1%, инчунин 47,7%-ро ташкил кардааст, ки ҳоло ҳам хеле зиёд аст. Дар солҳои қаблӣ низ фоизи истифоданашудаи қувваи корӣ дар атрофи 48-50%-ро ташкил медиҳад. Аз ин бармеояд, ки бояд дар солҳои минбаъда барои таъсиси ҷойҳои кории нав нигоҳ доштани ҷойҳои кории кӯҳна эътибори ҷиддӣ дода шавад. Боиси зикр аст, ки бекорони расман эътирофшуда агар аз рӯи мантиқ назар афканем хеле кам аст, ки сатҳи бекориро дар атрофи 1-2%-ро ташкил мекунаду халос. Сабаби ҳолати мазкур дар он аст, ки дар ин ҷо танҳо шахсоне, ки расман аз қайди шуғли

аҳолӣ чун бекор гузаштааст, гирд оварда мешавад. Вале дар ҳақиқати ҳол қишри зиёди аҳолӣ аз қайди давлатии шуғли аҳолӣ ҳамчун бекор аз қайди давлатӣ намегузарад, зеро гузаштан аз қайди давлатӣ ба бекорон ягон имтиёз намедиҳад, ҳавасмандӣ надорад. Аз ин лиҳоз, аз эътибор холӣ нест, ки бештари шахсон дар ҳақиқати ҳол бекор бошанд ҳам, аз қайди давлатӣ намегузоранд. Бинобар ин чунин ҳолат, яъне бо тарзи расмӣ сатҳи бекориро дар сатҳи паст нишон медиҳанд.

Теъдоди кормандони кироякор яке аз нишондиҳандаҳои асосии бозори меҳнат ба ҳисоб меравад, ки бо воситаи он мавҷудияти ҷойҳои корӣ ва бунёди он аз ҷониби бахши хусусӣ, бахши давлатӣ ё ин ки муассисаҳои хориҷӣ иттилоот гирифтан мумкин аст. Аз тарафи дигар, шумораи кормандони кироякор ҳолати умумии вазъи шуғлро дар шаҳру ноҳияҳо нишон медиҳад. Бинобар ин дар ҷадвали поён (ҷадвали 7) баъзе факту рақамҳо оид ба кормандони кироякор дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд гирд оварда шудааст.

**Ҷадвали 7**

**Шумораи миёнаи солонаи кормандони кироякор дар шаҳру ноҳияҳои вилоят [8, с. 84].**

| | **2016** | | **2019** | | **2020** | | **2021** | | **2022** | | **2023** | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳаз. наф. | % | Ҳаз. наф. | % | Ҳаз. наф. | % | Ҳаз. наф. | % | Ҳаз. наф. | % | Ҳаз. наф. | % |
| **Ҳамагӣ** | **401,9** | **100** | **421,5** | **100** | **432,4** | **100** | **438** | **100** | **438** | **100** | **438,5** | **100** |
| Айнӣ | 18,7 | 4,7 | 18,7 | 4,4 | 18,9 | 4,4 | 19,4 | 4,4 | 19,5 | 4,4 | 20,1 | 4,5 |
| Ашт | 15,7 | 3,9 | 16,4 | 3,9 | 16,9 | 3,9 | 17 | 3,9 | 16,8 | 3,8 | 16,7 | 3,8 |
| Б. Ғафуров | 31 | 7,7 | 32 | 7,6 | 32,1 | 7,4 | 32,5 | 7,4 | 33,1 | 7,6 | 33,7 | 7,6 |
| Бӯстон | 5,6 | 1,4 | 6,9 | 1,6 | 6,4 | 1,5 | 6,6 | 1,5 | 6,6 | 1,5 | 6,6 | 1,5 |
| Гулистон | 10,4 | 2,6 | 11,6 | 2,8 | 12,1 | 2,8 | 12,4 | 2,8 | 11 | 2,5 | 10,2 | 2,3 |
| Деваштич | 25,4 | 6,3 | 26,5 | 6,3 | 30,8 | 7,1 | 31,5 | 7,2 | 30,9 | 7,1 | 30,9 | 7,0 |
| Зафаробод | 16 | 4,0 | 16,3 | 3,9 | 16,3 | 3,8 | 16,7 | 3,8 | 16,7 | 3,8 | 16,9 | 3,8 |
| Истиқлол | 1,4 | 0,3 | 1,4 | 0,3 | 1,4 | 0,3 | 1,4 | 0,3 | 1,2 | 0,3 | 1,2 | 0,3 |
| Истаравшан | 49,4 | 12,3 | 48,6 | 11,5 | 47,9 | 11,1 | 48,4 | 11,1 | 49,6 | 11,3 | 49,9 | 11,3 |
| Исфара | 32,2 | 8,0 | 32,2 | 7,6 | 32,1 | 7,4 | 32,1 | 7,3 | 32 | 7,3 | 31,5 | 7,1 |
| Конибодом | 14,7 | 3,7 | 23,3 | 5,5 | 23,7 | 5,5 | 23,7 | 5,4 | 23,1 | 5,3 | 21,9 | 4,9 |
| Кӯҳ. Мастчоҳ | 8,5 | 2,1 | 8,8 | 2,1 | 9,2 | 2,1 | 9,3 | 2,1 | 9,4 | 2,1 | 9,4 | 2,1 |
| Мастчоҳ | 34,6 | 8,6 | 36,9 | 8,8 | 36,9 | 8,5 | 37 | 8,4 | 37,2 | 8,5 | 37,2 | 8,4 |
| Панҷакент | 47,9 | 11,9 | 49,8 | 11,8 | 50,4 | 11,7 | 51,1 | 11,7 | 51,5 | 11,8 | 51,7 | 11,7 |
| Спитамен | 19,9 | 5,0 | 21,5 | 5,1 | 27,1 | 6,3 | 27,1 | 6,2 | 27,1 | 6,2 | 27,5 | 6,2 |
| Хуҷанд | 40,7 | 10,1 | 39,5 | 9,4 | 38,7 | 9,0 | 39,8 | 9,1 | 40,2 | 9,2 | 40,8 | 9,3 |
| Ҷ. Расулов | 23 | 5,7 | 23,8 | 5,6 | 24,1 | 5,6 | 24,5 | 5,6 | 24,5 | 5,6 | 24,5 | 5,5 |
| Шаҳристон | 6,8 | 1,7 | 7,3 | 1,7 | 7,4 | 1,7 | 7,5 | 1,7 | 7,6 | 1,7 | 7,8 | 1,7 |

Аз ҷадвал бармеояд, ки шумораи миёнасолонаи кормандони кироякор дар вилояти Суғд дар солҳои охири баррасишаванда каме бошад ҳам, афзоиш ёфтааст. Масалан, соли 2023 шумораи онҳо дар умум 438,5 ҳазор нафарро ташкил кардааст, ки нисбат ба соли 2016 (дар соли мазкур ҳамагӣ 401,9 ҳазор нафар буданд) 109,1% зиёд гаштааст, нисбат ба соли 2022 бошад умуман тағйир наёфтааст. Аз рӯи чунин тарзи таҳлил агар сухан ронем, боиси таъкид аст, ки дар мобайни 6 сол 8,9% афзоиши шумораи миёнасолани кормандони кироякор дар вилояти Суғд назаррас намебошад. Зеро чунин ҳолат барои бо кор таъмин намудани аҳолии қобили меҳнат ҷавобгӯ намебошад. Бинобар ин дар ин самт боз фаъолиятро ҷоннок бояд кард. Масъалаи мазкурро тибқи шаҳру ноҳияҳои вилоят баррасӣ намоем, дар ин ҷода шаҳру ноҳияҳое, ки дар самти ташаккули ҷойҳои корӣ сахт ақибмонӣ доранд, муайян намудан мумкин аст. Алалхусус, ба он шаҳру ноҳияҳое, ки дар 6 соли охир дар масъалаи ба вуҷуд овардани ҷойҳои корӣ дар сатҳи рукуд қарор доранд. Масалан, шаҳри Истиқлол соли 2016 шумораи миёнасолонаи кормандони кироякор дар сатҳи умумӣ ҳамагӣ 1,4 ҳазор нафарро ташкил карда бошанд, соли 2023 ин нишондиҳанда аз 1,2 ҳазор нафар иборат аст, ки ба ҷои афзоиш коҳишёбӣ мушоҳида карда мешавад. Чунин нишондиҳанда дар шаҳри Исфара аз 32,2 ҳазор нафари соли 2016 соли 2023 ба 31,5 ҳазор нафарро ташкил кардааст. Дар ноҳияи Шаҳристон аз 6,8 ҳазор нафари соли 2016 ба соли 2023 дар умум 7,8 ҳазор нафар гардидааст, ки афзоиш хеле кам аст. Шаҳру ноҳияҳои мазкур дар нишондиҳандаҳои мутлақ коҳишёбиро нишон додааст, вале бо нишондиҳандаҳои нисбӣ бошад, дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо афзоиши назаррас мушоҳида карда намешаванд. Ҳамагӣ дар 6 сол афзоиши шумораи кормандон дар дигар шаҳру ноҳияҳо дар атрофи 1-3 фоиз мебошад, ки қонеъкунанда намебошад. Ҳатто гуфтан мумкин аст ки дар бештари шаҳру ноҳияҳо бо ҳисоби нисбӣ ба сатҳи умумивилоятӣ ҳиссаи кормандони кироякор кам аст.

Дар байни шаҳру ноҳияҳо, чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, бо тарзи мутлақ афзоиши назарраси кормандони кироякорро дар шаҳру ноҳияҳои зерин мушоҳида кардан мумкин аст. Масалан, дар шаҳри Панҷакент аз 47,9 ҳазор нафари соли 2016 дар соли 2023 теъдоди онҳо ба 51,7 ҳазор нафар расидааст. Ҳаҷми афзоиш 3,8 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Дар ноҳияи Спитамен бошад, соли 2016 ин шумора 19,9 ҳазор нафар ташкил карда бошанд, соли 2023 миқдори онҳо ба 27,5 ҳазор нафар расидааст. Афзоиши мутлақ дар ин ҳолат 7,6 ҳазор нафар мебошад. Дар ноҳияи Деваштич афзоиши мутлақ 4,5 ҳазор нафар мебошад, ки ин фарқияти 25, 4 ҳазор нафари соли 2016 ба 30,9 ҳазор нафари соли 2023 мебошад. Чунин ҳолатро дар шаҳри Конибодом мушоҳида карда мешавад, ки шумораи миёнасолонаи кормандони кироякор соли 2016 14,7 ҳазор нафар бошад, соли 2023 умуман ба 21,9 ҳазор нафар расидааст. Фарқият 7,2 ҳазор нафарро ташкил медиҳад. Дар ҳақиқат шаҳру ноҳияҳои номбаркардашуда дар масъалаи афзоиш додани шумораи кормандони кироякор пешқадам аст, яъне дар умум, чӣ тавре ки таъкид намудем, дар ин самт тамоюли афзоиш на он қадар қаноатбахш мебошад.

Дар ин раванд дар асоси факту рақамҳои оморӣ конъюктураи бозори меҳнати вилояти Суғдро дар умум баррасӣ менамоем, ки он дар ҷадвали 8 инъикос гардидааст.

**Ҷадвали 8**

**Талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ дар бозори меҳнат [8, с. 91].**

| № | | Воҳид | 2016 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ашхосе, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд, кор ҷустуҷӯ доранд | нафар | 15509 | 10305 | 9717 | 9781 | 9243 | 8701 |
| 2. | Аз ҷумла шахсоне, ки мақоми бекориро доранд, ҳамагӣ | нафар | 10809 | 8940 | 7906 | 7823 | 7050 | 6037 |
| - | Инчунин: занон | нафар | 5471 | 4265 | 4009 | 4165 | 3721 | 2907 |
| | | % дар бекор. | 50,6 | 47,7 | 50,7 | 53,2 | 52,8 | 48,2 |
| - | Ҷавонони 15-29 сола | нафар | 7372 | 5870 | 5132 | 4861 | 4563 | 4003 |
| | | % дар бекор | 68,2 | 65,7 | 64,9 | 62,1 | 64,7 | 66,3 |

*Идомаи ҷадвали 8.*

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | Изҳороти корхона дар бораи талабот ба кормандон | нафар | 2019 | 3571 | 3042 | 3428 | 4164 | 4865 |
| | | % дар ҷустуҷ кор | 13,0 | 34,7 | 31,3 | 35,0 | 45,1 | 55,9 |
| 4. | Шумораи бекороне, ки ба як ҷои холии кор талабгоранд | нафар | 7,6 | 2,9 | 3,2 | 2,8 | 2,2 | 1,8 |

Дар иқтисодиёти вилояти Суғд теъдоди ашхосе, ки ба фаъолияти меҳнатӣ машғул нестанд ва кор ҷустуҷӯ доранду дар хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд, тамоюли мухталиф дорад, вале дар умум коҳишёбиро инъикос менамояд. Муаммо дар ин ҷо дигар аст, ки бештари шахсон бекор бошанд ҳам, аз қайди давлатӣ намегузаранд. Дар ин ҷо вазъи ташвишовар дар он аст, ки дар байни шахсоне, ки мақоми бекоронро доранд, ҳиссаи ҷавонони аз 15-29 сола назаррас мебошад. Масалан, ин нишондиҳанда соли 2016 - 68,2%, ва соли 2023 бошад 66,3%-ро ташкил кардааст, ки нисфи зиёди бекоронро ташкил медиҳад. Ҳолати мазкур роҳбарони мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо, роҳбарони мактабҳои олӣ ва дигар муассисаву ташкилотҳорое, ки бо амалишавии сиёсати давлатӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт алоқаманд мебошанд, водор месозад, ки минбаъд таваҷҷуҳи асосиро ба ҷавонон равшан намоянд. Боиси зикр аст, ки дар солҳои баррасишаванда талаботи муассисаҳо, корхонаҳое, ки дар қаламрави вилояти Суғд ҷойгир аст, талабот ба қувваи корӣ рӯ ба афзоиш дорад, ки дар изҳороти онҳо бо ҷойҳои кории холӣ акс ёфтааст. Хурсандиовар аст, ки талаботи корхонаҳо ба кормандон тамоюли афзоишро дорад, ки ин аз натиҷаи амалишавандаи сиёсати ободкориву созандагии ҳукумату давлат далолат медиҳад. Масалан, соли 2023 изҳороти корхонаҳо оид ба ҷойҳои кории холӣ ба 4865 адад расидааст, ки нисбат ба соли 2016 дар умум 2,04 маротиба зиёд буда, нисбат ба соли 2022 бошад, 116,8% зиёд гаштааст, ки натиҷаи мусбат аст. Вале соли 2023 изҳороти корхонаҳо оид ба ҷойҳои кории холӣ ҳамагӣ 55,9 %-и талаботи бекоронро ба ҷойи кор қонеъ мегардонад. Ҳолати мазкур нисбат ба солҳои пештар хуб аст, зеро

дар соли 2016 ин нишондиҳанда ҳамагӣ 13%-ро ташкил карда буд. Ба ин нигоҳ накарда, ҳоло ҳам ба вуҷуд овардани ҷойи корӣ дар сатҳи паст қарор дорад, ки қариб каме аз нисфи зиёди талаботи бекоронро ба ҷойи корӣ қонеъ гардидонида истодаасту халос, яъне тақдири қисми зиёди бекорон ташвишовар мемонад.

Дар солҳои охир новобаста аз он ки муроҷиаткунандагон ба Раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ афзоиш ёфта бошанд ҳам, ҳиссаи аҳолие, ки бо кор машғул нестанд, на он қадар зиёд мебошанд, ки факту рақамҳои оморӣ дар ҷадвали 9 гирд оварда шудааст.

**Ҷадвали 9**

**Шумораи шахсони ба раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ барои кор муроҷиаткарда** ҳазор нафар [8, с. 91].

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ барои кор муроҷиаткардаҳо | 37,7 | 36,4 | 39,8 | 43,2 | 43,1 | 43,1 | 44,1 | 45,3 |
| Бо кор машғул набудагон | 10,9 | 9,7 | 8,1 | 8,9 | 7,9 | 7,8 | 7,0 | 6,0 |
| Ба ҳисоби фоиз аз муроҷиаткардагон | 28,9 | 26,6 | 20,3 | 20,6 | 18,3 | 18,1 | 15,9 | 13,2 |
| Бо кор таъмин шуданд | 10,7 | 13,0 | 16,6 | 19,3 | 20,3 | 20,3 | 20,5 | 20,7 |
| Ба ҳисоби фоиз аз муроҷиаткардагон | 35,2 | 35,7 | 41,7 | 44,7 | 47,1 | 47,1 | 46,5 | 45,7 |

Чӣ тавре ки дар ҷадвал гирд оварда шудааст, теъдоди муроҷиаткардагон оид ба дарёфти ҷойҳои корӣ ба мақомотҳои шуғли аҳолии маҳаллӣ зиёд гаштааст. Масалан, соли 2016 ҳамагӣ шумораи муроҷиаткардагон 37,7 ҳазор нафарро ташкил карда бошанд, соли 2023 теъдоди онҳо ба 45,3 ҳазор расидааст, ки ин афзоиш 120,1 % мебошад.

Ба ақидаи мо, беҳтарин тамоюлот дар он аст, ки аз ҷониби аҳолӣ бекорон ба мақомотҳои Хадамоти шуғли аҳолии давлатӣ боварӣ рӯз ба рӯз зиёд гашта истодааст. Зеро натиҷаи хадамоти мазкур дар маҳалҳо самараи интизориро дода истодааст. Масалан, аз теъдоди умумии муроҷиаткардагон ҳиссаи аҳолии ба кор таъмингашта сол ба сол тамоюли мусбиро дорад. Масалан, дар соли 2016 бо ҳисоби фоиз аз шумораи муроҷиаткардагон 35,2% муроҷиаткунанда бо кор таъмин

гашта бошанд, соли 2023 ин ба 46,5% расидааст. Инчунин дар навбати худ аз мурочиаткардагон ҳиссаи ба кор машғулнабудагон коҳиш дода шудааст, ки агар соли 2016 онҳо 28,9% бошанд, соли 2023 то 13,2% коҳиш дода шудааст. Дар ин радиф боиси таъкид аст, ки афзоиши музди меҳнат барои коргарони кироя дар шаҳру ноҳияҳои вилоят низ ба вазъи бозори меҳнат таъсири худро дорад. Дар асоси сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳар сол баҳри баланд бардоштани некӯаҳволӣ музди меҳнат дар саросари ҷумҳурӣ афзоиш дода мешавад, ки меъёри он дар Паём аниқу дақиқ дода мешавад. Оид ба музди меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд иттилоот дар ҷадвали 10 гирд оварда шудааст.

**Ҷадвали 10**

## Музди меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд [8, с. 115].

| Номгӯи шаҳру ноҳияҳо | 2016 | | 2020 | | 2021 | | 2022 | | 2023 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Сомонӣ | Шохиси муқоиса | Сомонӣ | Шохиси муқоиса | Сомонӣ | Шохиси муқоиса | Сомонӣ | Шохиси муқоиса | Сомонӣ | Шохиси муқоиса |
| Ҳамагӣ | 774,2 | | 1236,26 | | 1418,81 | | 1632,82 | | 1875,73 | |
| Айнӣ | 943,3 | 1,22 | 1576,68 | 1,28 | 1856,18 | 1,31 | 2514,52 | 1,54 | 2947,28 | 1,57 |
| Ашт | 603,9 | 0,78 | 859,95 | 0,70 | 938,67 | 0,66 | 1069,14 | 0,65 | 1278,4 | 0,68 |
| Б.Ғафуров | 805,3 | 1,04 | 1013,5 | 0,82 | 1214,4 | 0,86 | 1402,7 | 0,86 | 1649,0 | 0,87 |
| Бӯстон | 844,1 | 1,09 | 1125,27 | 0,91 | 1220,21 | 0,86 | 1435,14 | 0,88 | 1647,1 | 0,87 |
| Гулистон | 1728,8 | 2,23 | 2075,49 | 1,68 | 2459,55 | 1,73 | 2900,57 | 1,78 | 2947,4 | 1,57 |
| Деваштич | 568,4 | 0,73 | 816,99 | 0,66 | 895,07 | 0,63 | 1020,67 | 0,63 | 1209,41 | 0,64 |
| Зафаробод | 395,3 | 0,51 | 864,91 | 0,70 | 927,52 | 0,65 | 1093,11 | 0,67 | 1280,5 | 0,68 |
| Истиқлол | 824,3 | 1,06 | 1066,74 | 0,86 | 1240,94 | 0,87 | 1289,33 | 0,79 | 1441,0 | 0,76 |
| Истаравшан | 557,4 | 0,72 | 1153,37 | 0,93 | 1250,35 | 0,88 | 1445,42 | 0,89 | 1739,8 | 0,92 |
| Исфара | 766,5 | 0,99 | 1029,03 | 0,83 | 1100,27 | 0,78 | 1264,03 | 0,77 | 1519,7 | 0,81 |
| Конибодом | 666 | 0,86 | 973,7 | 0,79 | 1052,07 | 0,74 | 1216,14 | 0,74 | 1457,6 | 0,77 |
| Куҳ.Мастчоҳ | 268,2 | 0,35 | 847,64 | 0,69 | 871,8 | 0,61 | 1003,91 | 0,61 | 1232,5 | 0,65 |
| Мастчоҳ | 366,1 | 0,47 | 852 | 0,69 | 898,65 | 0,63 | 1008,82 | 0,62 | 1246,5 | 0,66 |
| Панҷакент | 1102,1 | 1,42 | 1630,14 | 1,32 | 2155,71 | 1,52 | 2332,5 | 1,43 | 2505,3 | 1,33 |
| Спитамен | 569,4 | 0,74 | 994,91 | 0,80 | 1103,31 | 0,78 | 1278,35 | 0,78 | 1524,4 | 0,81 |
| Хуҷанд | 1111,8 | 1,44 | 1530,56 | 1,24 | 1686,69 | 1,19 | 1921,84 | 1,18 | 2209,9 | 1,17 |
| Ҷ.Расулов | 542,5 | 0,70 | 1005,09 | 0,81 | 1094,27 | 0,77 | 1244,02 | 0,76 | 1450,1 | 0,77 |
| Шаҳристон | 441,4 | 0,57 | 838,04 | 0,68 | 895,25 | 0,63 | 1041,36 | 0,64 | 1225,1 | 0,65 |

Аз ҷадвали 10 мушоҳида мегардад, ки дар 6 соли охир сатҳи музди меҳнат ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Масалан, ба ҳисоби миёна музди меҳнати номиналии кормандони кироя соли 2016 774,2 сомонро ташкил карда бошад, соли 2023 он ба 1875, 73 сомонӣ расидааст, ки афзоиш зиёда аз 2,4 маротиба мебошад. Ин хеле натиҷаи муҳим ва назаррас аст. Чӣ тавре ки натиҷаҳои ҷадвал нишон медиҳад дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд афзоиши музди меҳнат ба назар мерасад. Масалан, дар ноҳияи Айнӣ соли 2016 музди меҳнати миёнаи номиналии корманди кироя 943,3 сомонӣ бошад, соли 2023 ин нишондиҳанда ба 2947,28 сомонӣ расидааст, ки афзоиш 3,1 маротиба аст. Мутаносибан дар ноҳияи Ашт аз 603,9 сомонӣ ба 1278,4 сомонӣ расидааст, ки афзоиш 2,1 маротиба аст. Чунин тамоюлот дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои боқимондаи вилояти Суғд дида мешавад. Дар ин ҷо мо мехостем бо муқоиса бо сатҳи миёнавилоятии музди меҳнат аз рӯи арзиши пардохти меҳнатӣ шаҳру ноҳияҳоро гурӯҳбандӣ намоем. Дар ин ҷо мо мехостем сатҳи музди меҳнати кормандонро дар шаҳру ноҳияҳо бо нишондиҳандаи миёнавилоятии он гурӯҳбандӣ намоем. Дар ҷараёни гурӯҳбандӣ шаҳру ноҳияҳое, ки музди меҳнати кормандони онҳо аз сатҳи миёнавилоятӣ баланд аст, ба гурӯҳи аввал дохил мешаванд. Ба гурӯҳи дувум бошад шаҳру ноҳияҳое, ки музди меҳнати онҳо дар ҳудуди бо 0,7 - 1,0 сатҳи миёнавилоятӣ мебошад, ворид менамоем, ки онро гурӯҳи сатҳи миёна ҳисобидан мумкин аст. Ба шаҳру ноҳияҳое, ки нишондиҳандаашон аз сатҳи миёнавилоятӣ 0,7 кам аст, ба гурӯҳи ақибмонда дохил мегарданд. Натиҷаи гурӯҳбандӣ дар ҷадвали поёнӣ оварда шудааст.

**Ҷадвали 11**

**Гурӯҳбандии шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд аз рӯи сатҳи музди меҳнат**

| **Гурӯҳ** | **Сол** | **Номгуи шаҳру ноҳияҳо** |
|---|---|---|
| Гурӯҳи пешқадам | 2016 | н.Айнӣ, н.Б.Ғафуров, ш. Бӯстон, ш.Гулистон, ш. Истиқлол, ш.Панҷакент, ш.Хуҷанд |
| | 2020 | н.Айнӣ, ш.Гулистон, ш.Панҷакент, ш.Хуҷанд |
| | 2022 | н.Айнӣ, ш.Гулистон, ш.Панҷакент, ш.Хуҷанд |
| | 2023 | н.Айнӣ, ш.Гулистон, ш.Панҷакент, ш.Хуҷанд |

*Идомаи ҷадвали 11.*

| | | |
|---|---|---|
| Гурӯҳи дар сатҳи миёна | 2016 | н. Ашт, ш. Истаравшан, ш. Исфара, ш. Конибодом, н.Спитамен, н.Ҷ.Расулов |
| | 2020 | н. Ашт, н.Б.Ғафуров, ш. Бӯстон, ш. Истаравшан, н.Зафаробод, ш. Истиқлол, ш. Исфара, ш. Конибодом, н.Спитамен, н.Ҷ.Расулов |
| | 2022 | н.Б.Ғафуров, ш. Бӯстон, ш. Истиқлол, ш. Истаравшан. ш. Исфара, ш. Конибодом, н.Спитамен, н.Ҷ.Расулов |
| | 2023 | н.Б.Ғафуров, ш. Бӯстон, ш. Истиқлол, ш. Истаравшан. ш. Исфара, ш. Конибодом, н.Спитамен, н.Ҷ.Расулов |
| Гурӯҳи ақибмонда | 2016 | н.Зафаробод, н.Кӯҳ.Мастчоҳ, н.Мастчоҳ, н.Шаҳристон |
| | 2020 | н.Деваштич, н.Куҳ.Мастчоҳ, н.Мастчоҳ, н.Шаҳристон |
| | 2022 | н. Ашт, н.Деваштич, н.Зафаробод, н.Кӯҳ.Мастчоҳ, н.Мастчоҳ, н.Шаҳристон |
| | 2023 | н. Ашт, н.Деваштич, н.Зафаробод, н.Кӯҳ.Мастчоҳ, н.Мастчоҳ, н.Шаҳристон |

***Сарчашма:*** натиҷаҳои ҳисоб ва тадқиқотҳои муаллиф

Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, Соли 2023 ба гурӯҳи аввал ноҳияи Айнӣ (1,57), ш. Гулистон (1,57), ш. Панҷакент (1,33), ш. Хуҷанд (1,17) ворид гаштааст, ки аз сатҳи миёнавилоятии музди меҳнат назаррас зиёд аст. Сабаб дар он аст, ки дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳои номбаркардашуда соҳаи саноат бештар тараққӣ кардааст. Боиси таъкид аст, ки дар ноҳияҳои Ашт, Деваштич, Кӯҳистони Мастчоҳ, Мастчоҳ, Шаҳристон нишондиҳандаҳои сатҳи меҳнат аз коэффитсиенти миёнавилоятӣ – 0,7 кам аст. Бинобар ин дар ин ноҳияҳо минбаъд дар коркард ва амалӣ намудани сиёсати даромад ва музди меҳнат барои афзоиши музди меҳнат бояд чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

## 2.2. Арзёбии фаъолияти бозори меҳнат дар иқтисодиёти вилояти Суғд дар шароити муосир

Ҳаракати кормандон дар бозори меҳнат яке аз нишондиҳандаҳои асосии фаъолнокӣ дар бозори меҳнат мебошад. Дар ин самт гардиши қувваи корӣ тибқи меъёри қабул ба кор дар давраи муайян, инчунин гардиши қувваи корӣ аз рӯи аз кор рафтан дар давраи муайян аҳаммияти хосаи худро дорад. Боиси таъкид аст, ки дар ин ҷо сабабҳои аз кор рафтан низ ба инобат гирифта мешавад. Инчунин диққати махсус ба ҳиссаи бо хоҳиши худ аз кор рафтан ё ин ки ба қарори маъмурияти

корхонаҳо барои вайрон кардани тартиботи дохилӣ ё ин ки ихтисори ҷойи корӣ аҳаммияти хоса дода мешавад, ки дар ҳаракати қувваи корӣ дар бозори меҳнат нуқтаҳои муҳим бо коркард ба ҳисоб меравад.

Дар асоси ин нишондиҳандаҳо як гурӯҳи нишондиҳандаҳои нисбӣ ба инобат гирифта мешавад, ки методикаи ҳисобкардаи онҳо дар қисмати назариявии рисолаи мазкур гирд оварда шуда буд. Чунин нишондиҳандаҳои нисбӣ (коэффитсиентҳо) аз зеринҳо иборат аст: - коэффитсиенти гардиш аз рӯи қабул; - коэффитсиенти қабул аз рӯи рафтагон; - коэффитсиенти аз корравии кадрҳо; - коэффитсиенти ивазшавӣ ва коэффитсиенти умумии гардиш. Факту рақамҳо оид ба ҳаракати қувваи корӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар соли 2023 дар асоси сарчашмаҳои иттилоотӣ, ҳамзамон ҳисобу китобҳои зарурӣ оид ба муайян намудани қимати коэффитсиентҳо дар замимаи ҷадвали 1 инъикос гардидааст [8, с. 90].

**Ч**ӣ тавре ки аз ин замимаи ҷадвали 1 бармеояд, коэффитсиентҳои гардиш ҳам аз рӯи қабул ва ҳам аз рӯи аз кор рафтан, коэффитсиенти умумии гардиш, коэффитсиенти аз корравии кадрҳо, коэффитсиенти ивазшавӣ дар намудҳои мухталифи фаъолияти иқтисодӣ мухталифҷабҳа мухталифтамоюл мебошад. Баъзеи онҳоро, ки диққатҷалбкунанда аст мавриди таҳлил қарор медиҳем. Масалан, қувваи корӣ аз рӯйи аз кор рафтан нисбат ба гардиш аз рӯйи қабул баланд аст, ки дар натиҷаи он коэффитсиенти ивазшавӣ, яъне иваз намудани ҷойҳои корие, ки озод шудааст, бо қувваи кории нав дар сатҳи кофӣ таъмин нагардидааст. Аз ҷадвал дида мешавад коэффитсиенти ивазшавӣ ба 72,2% баробар аст. Яъне ҷойҳои кории холӣ, ки дар натиҷаи аз кор рафтани корманд холӣ гаштааст ҳамагӣ, 77,2% бо кормандони нав иваз карда шуда, қисми муайяни он ҳамчун ҷойҳои вакантӣ боқӣ мондааст. Дар ин соҳа коэффитсиенти гардиш аз рӯи қабул, чӣ тавре ки ҳисобу китобҳо дар ҷадвал муайян гаштааст 1,23% ва коэффитсиенти гардиш аз рӯи аз кор рафтан ба 1,60% расидааст. Чунин тамоюлот дар соҳаи саноати истихроҷ низ муайн карда мешавад. Дар ин ҷода коэффитсиенти гардиш аз рӯи

қабул 41,51% аз кор рафтан ба 43,01% баробар аст, ки ҷараёни аз корравӣ нисбат ба қабул зиёд аст. Дар натиҷаи коэффитсиенти ивазшавӣ ба 95,6% баробар гардидааст, ки на ҳамаи ҷойҳои корие, ки дар натиҷаи рафтани корманд холӣ гаштааст, бо кормандони нав иваз гардидааст. Чӣ тавре ки мушоҳида мегардад, ивазшавӣ ба 96,5% баробар аст. Дар соҳаи таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастрасии коркарди дуюмдараҷа низ коэффитсиенти ивазшавӣ ба 84,4% баробар аст. Яъне дар ин ҷода низ коэффитсиенти гардиш аз кор рафтан (25,67%) нисбат ба коэффитсиенти гардиш аз рӯи қабул (21,67%) ба тариқи назаррас зиёд аст. Дар бахши хизматрасонӣ низ чунин тамоюлот мушоҳида карда мешавад. Масалан, дар соҳаи илмӣ ва техникӣ коэффитсиенти ивазшавӣ ба 88,0%, ки дар он коэффитсиенти аз корравии кадрҳо ба 20% баробар аст. Инчунин дар соҳаи тандурустӣ коэффитсиенти гардиши аз корравӣ 13,33% буда, гардиши ба кор қабулкунӣ 12,63% мебошад. Дар натиҷа дар ин соҳа низ на ҳамаи ҷойҳои кории холигашта дар натиҷаи аз кор рафтан бо кормандони нав пурра мегардад, яъне коэффитсиенти ивазшавӣ ба 94,7% баробар аст. Дар соҳаи амалиётҳо ба амволи ғайриманқул низ гардиши аз корравӣ нисбат ба гардиши қабул зиёд буда, коэффитсиенти ивазшавӣ ҳамагӣ 88,0%-ро ташкил кардааст. Чунин тамоюлро дар соҳаи иттилоот ва алоқа низ дидан мумкин аст. Дар соли 2023 дар дигар намудҳои фаъолияти иқтисодӣ коэффитсиенти гардиш аз рӯи қабул нисбат ба коэффитсиенти гардиш аз кор рафтан зиёд буда, коэффитсиенти ивазшавӣ низ баланд аст, яъне ҷойҳои холие, ки дар натиҷаи аз кор рафтани корманд холӣ мегардад, бо тарзи фаврӣ бо кормандони нав иваз мегардад. Тамоюлоти мазкур хуб аст, зеро фаъолнокии иқтисодӣ дар ин соҳаҳо нисбатан нисбӣ мебошад. Новобаста аз он гуфтан ҷоиз аст, ки дар ҳамаи соҳаҳо муътадилии шуғл бартарӣ металабад, зеро дар ҳамаи онҳо коэффитсиенти аз кор рафтани кадрҳо қиматҳои баландро дорад. Бояд дар ин масъала низ дар оянда аҳаммияти ҷиддӣ дода шавад.

Теъдоди аз кор рафтани кормандон дар ҳолати дарёфт накардани кори дигар сафи бекоронро зиёд менамояд. Аз ин лиҳоз, зарур мешуморем, ки теъдоди бекоронро аз рӯи сатҳи маълумотнокӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят баррасӣ намоем. (ҷадвали 12)

**Ҷадвали 12**

**Тақсимоти бекорони дар раёсати агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ба қайд гирифташуда аз рӯи дараҷаи маълумот дар шаҳру ноҳияҳои вилоят [8, с. 100-103].**

**то 1-уми январ**

| Номгуи шаҳру ноҳияҳо | Вохид | 2017 | | | | | 2024 | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | олӣ | миёнаи касбӣ | ибтидои касбӣ | миёнаи умумӣ | ҳамагӣ | Олӣ | миёнаи касбӣ | ибтидои касбӣ | миёнаи умумӣ | ҳамагӣ |
| Айнӣ | Нафар | 88 | 28 | 25 | 30 | 171 | 50 | 40 | 30 | 41 | 161 |
| | бо % | 51,5 | 16,4 | 14,6 | 17,5 | 100 | 31,0 | 24,8 | 18,6 | 25,4 | 100 |
| Ашт | нафар | 76 | 292 | 27 | 538 | 933 | 84 | 58 | 31 | 199 | 372 |
| | бо % | 8,1 | 31,3 | 2,9 | 57,7 | 100 | 22,5 | 15,5 | 83,3 | 53,4 | 100 |
| Б.Ғафуров | нафар | 7 | 4 | - | 474 | 485 | 28 | 30 | 15 | 153 | 226 |
| | бо % | 1,4 | 0,8 | | 97,7 | 100 | 12,3 | 13,2 | 6,6 | 67,6 | 100 |
| Деваштич | нафар | 90 | 440 | 100 | 217 | 847 | 62 | 19 | - | 285 | 366 |
| | бо % | 10,6 | 51,9 | 11,8 | 25,6 | 100 | 16,9 | 5,1 | - | 77,8 | 100 |
| Зафаробод | нафар | 25 | 10 | 75 | 283 | 393 | 21 | 8 | - | 93 | 122 |
| | бо % | 6,4 | 2,5 | 19,1 | 72,0 | 100 | 17,2 | 6,5 | - | 76,2 | 100 |
| Истиқлол | нафар | 6 | 25 | 12 | 95 | 138 | 29 | 31 | 96 | 54 | 210 |
| | бо % | 4,3 | 18,1 | 8,7 | 68,8 | 100 | 13,8 | 14,7 | 45,7 | 25,7 | 100 |
| Истаравшан | нафар | 6 | 11 | 22 | 644 | 683 | 51 | 46 | 4 | 257 | 358 |
| | бо % | 0,9 | 1,6 | 3,2 | 94,3 | 100 | 14,2 | 12,8 | 1,1 | 71,7 | 100 |
| Исфара | нафар | 120 | 335 | 280 | 285 | 1020 | 134 | 99 | 87 | 182 | 502 |
| | бо % | 11,8 | 32,8 | 27,5 | 27,9 | 100 | 26,6 | 19,7 | 17,3 | 36,2 | 100 |
| Конибодом | нафар | 82 | 169 | 75 | 335 | 661 | 17 | 47 | 15 | 289 | 368 |
| | бо % | 12,4 | 25,6 | 11,3 | 50,7 | 100 | 4,6 | 12,7 | 4,0 | 78,5 | 100 |
| Кух.Мастчоҳ | нафар | 10 | 15 | - | 138 | 163 | 16 | 19 | 45 | 64 | 144 |
| | бо % | 6,1 | 9,2 | | 84,7 | 100 | 11,1 | 13,1 | 31,2 | 44,4 | 100 |
| Гулистон | нафар | 79 | 84 | 56 | 263 | 482 | 69 | 41 | 6 | 296 | 412 |
| | бо % | 16,4 | 17,4 | 11,6 | 54,6 | 100 | 16,7 | 9,9 | 1,4 | 71,8 | 100 |
| Мастчоҳ | нафар | 3 | 241 | 261 | 204 | 709 | 38 | 201 | 68 | 48 | 355 |
| | бо % | 0,4 | 34,0 | 36,8 | 28,8 | 100 | 10,7 | 56,6 | 19,1 | 13,5 | 100 |
| Панҷакент | нафар | 26 | 162 | 282 | 574 | 1044 | 65 | 103 | 72 | 355 | 595 |
| | бо % | 2,5 | 15,5 | 27,0 | 55,0 | 100 | 10,9 | 17,3 | 12,1 | 59,6 | 100 |
| Спитамен | нафар | 33 | 45 | 38 | 652 | 768 | - | 12 | 8 | 292 | 312 |
| | бо % | 4,3 | 5,9 | 4,9 | 84,9 | 100 | - | 3,8 | 2,5 | 93,5 | 100 |
| Хуҷанд | нафар | 94 | 160 | 93 | 169 | 516 | 144 | 113 | 153 | 252 | 662 |
| | бо % | 18,2 | 31,0 | 18,0 | 32,8 | 100 | 21,7 | 17,0 | 23,1 | 38,0 | 100 |
| Шаҳристон | нафар | 30 | 127 | 138 | 271 | 566 | 49 | 16 | 150 | 227 | 442 |
| | бо % | 5,3 | 22,4 | 24,4 | 47,9 | 100 | 11,0 | 3,6 | 33,9 | 51,3 | 100 |
| Ҷ.Расулов | нафар | 46 | 98 | 183 | 649 | 976 | 73 | 66 | 43 | 62 | 244 |
| | бо % | 4,7 | 10,0 | 18,8 | 66,5 | 100 | 29,9 | 27,0 | 17,6 | 25,4 | 100 |
| Бустон | нафар | 69 | 68 | 94 | 53 | 284 | 50 | 45 | 50 | 41 | 186 |
| | бо % | 24,3 | 23,9 | 33,1 | 18,7 | 100 | 26,8 | 24,1 | 26,6 | 22,0 | 100 |

Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, таркиби бекорон аз рӯйи дараҷаи маълумот дар шаҳру ноҳияҳои вилоят хеле мухталиф аст ва тули 8 соли охир ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардидааст. Масалан, теъдоди бекорон соли 2017 дар байни шахсони маълумоти олидошта дар ноҳияи Айнӣ 51,5%-ро ташкил карда бошанд, ба санаи 01-уми январи соли 2024 31,0%-ро теъдоди умумии бекорон ташкил кардааст. Ин тамоюлоти хуб аст, вале аз рӯи миқдор бошад, на он қадар қаноатбахш мебошад, зеро ҳиссаи шахсони маълумоти олидошта дар таркиби бекорӣ ҳоло ҳам зиёд аст, яъне ба 31,0%-ро ташкил медиҳад. Дар ноҳияи Ашт бошад, баръакс шахсони маълумоти олии бекор соли 2017 ҳамагӣ 8,1%-ро ташкил карда бошанд, соли 2024 ба 22,5% баробар шудааст. Чунин тамоилот афзоиши шахсони бекори маълумоти олидошта дар н. Деваштич, н. Зафаробод, ш. Истиқлол, ш. Исфара, ш. Гулистон, н. Ҷ. Расулов, ш. Бӯстон мушоҳида карда мешавад. Дар шаҳру ноҳияҳои боқимонда бошад, ғайр аз н. Айнӣ инчунин н. Б. Ғафуров, н. Конибодом, н. Мастчоҳ бекорон дар байни шахсони маълумоти олидошта каме бошад ҳам коҳиш ёфтааст, ки тамоюли хуб аст. Вале новобаста аз ин таъкид кардан ҷоиз аст, ки дар ин самт ҳоло дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо, яъне таъмин намудани шахсони маълумоти олидошта бо кор чораҳои зарурӣ андешида шавад, мувофиқи мақсад мегардад.

Сабаби асосии афзоиши бекорӣ дар байни шахсони маълумоти олидошта ба ақидаи мо муносиб намудани музди маош мебошад, ки дар натиҷа ин гуна шахсон барои дарёфти музди маоши муносиб ба муҳоҷират равона гарданд. Иттилоот оид ба музди маош дар ҷадвали поёнӣ инъикос карда шудааст.

**Ҷадвали 13**

**Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи кори кормандони истеҳсолоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят [8, с. 119].**

| Номгӯи шаҳру ноҳияҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ** | **1509,96** | **1714,19** | **1869,29** | **2031,76** | **2392,40** | **2441,67** | **2818,84** | **3038,63** |
| Айнӣ | 1980,00 | 2215,10 | 2415,33 | 2796,95 | 2940,16 | 3380,08 | 4460,34 | 5111,50 |

*Идомаи ҷадвали 13.*

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ашт | 614,79 | 673,96 | 667,36 | 692,38 | 692,22 | 749,59 | 1059,39 | 1247,80 |
| Б.Ғафуров | 1071,83 | 1188,72 | 1225,69 | 1375,33 | 1331,85 | 1683,13 | 1912,31 | 2342,39 |
| Бӯстон | 756,51 | 883,43 | 2418,53 | 1606,56 | 956,45 | 1023,20 | 1330,30 | 1496,35 |
| Гулистон | 2245,63 | 2606,05 | 2242,10 | 2609,73 | 2422,51 | 2706,32 | 3421,78 | 3456,47 |
| Деваштич | 445,76 | 583,75 | 610,30 | 649,71 | 631,11 | 780,90 | 1243,30 | 1310,00 |
| Зафарабод | 474,86 | 813,72 | 1008,09 | 910,15 | 891,14 | 794,78 | 1157,38 | 1265,86 |
| Истаравшан | 1082,36 | 1478,53 | 1571,70 | 1824,66 | 2015,44 | 2182,15 | 2649,76 | 3119,44 |
| Истиқлол | 970,78 | 968,35 | 1023,48 | 1242,69 | 1181,41 | 1062,90 | 1002,31 | 1148,21 |
| Исфара | 1003,09 | 1126,38 | 1279,66 | 1198,13 | 1282,60 | 1404,95 | 1749,26 | 2109,65 |
| Конибодом | 683,99 | 917,05 | 1026,99 | 1177,99 | 1190,50 | 1235,82 | 1612,58 | 1810,42 |
| Куҳ.Мастчоҳ | 275,34 | 283,33 | 191,04 | 774,50 | 840,00 | 878,48 | 1405,43 | 2020,81 |
| Мастчоҳ | 721,04 | 672,98 | 893,45 | 989,72 | 986,60 | 1033,87 | 1022,51 | 1602,95 |
| Панҷакент | 2929,96 | 3259,36 | 3644,35 | 4303,18 | 4686,12 | 7735,69 | 8071,04 | 6713,34 |
| Спитамен | 770,64 | 800,78 | 771,63 | 940,42 | 994,57 | 1165,49 | 1442,16 | 1696,88 |
| Хуҷанд | 1067,14 | 1265,63 | 1377,80 | 1389,13 | 1574,42 | 1573,57 | 1676,89 | 1834,81 |
| Ҷ.Расулов | 611,50 | 728,48 | 655,20 | 684,69 | 764,03 | 833,31 | 1141,32 | 1288,05 |
| Шаҳристон | 368,45 | 826,51 | 558,25 | 576,40 | 821,28 | 810,41 | 1307,10 | 1438,79 |

Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, дар солҳои баррасишаванда афзоиши музди меҳнати номиналӣ дар умум ва инчунин дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд ба дараҷаи намоён ба назар мерасад. Тамоюли мазкур натиҷаи амалӣ гардонидани сиёсати оқилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ободкорӣ ва созандагӣ мебошад. Чӣ тавре ки ин ҷадвал нишон медиҳад, дар миқёси вилояти Суғд музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи кори кормандони истеҳсолоти саноатӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар умум агар соли 2016 1509,96 сомониро ташкил карда бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 3038,63 сомонӣ расидааст, ки афзоиш 2,0 маротиба зиёдтар мебошад. Ин гуна тамоюлот дар оянда низ аз рӯи равандҳои иқтисодӣ афзоиш ёфта метавонад. Дар масъалаи ҳаҷми музди миёнаи меҳнатӣ дар соҳаи саноат дар байни шаҳру ноҳияҳои вилоят мавқеи пешқадамро шаҳри Панҷакент дорад. Дар ин шаҳр музди миёнаи меҳнати ҳар як корманди соҳаи саноат ба ҳисоби миёна соли 2023 ба 6713,34 сомонӣ баробар гаштааст, ки аз сатҳи миёнавилоятӣ 2,8, яъне қариб 3 маротиба зиёд мебошад. Пас аз шаҳри Панҷакент мавқеи дуюмро ноҳияи Айнӣ ишғол менамояд, ки дар он

музди миёнаи меҳнати корманди саноатӣ соли 2023 ба 5111,50 сомонӣ баробар аст, ки аз меъёри умумивилоятӣ 1,6 маротиба баланд аст. Дар навбати саввум шаҳри Гулистон мебошад, ки музди миёнаи меҳнат дар соҳаи саноат дар соли охир ба 3456,47 сомонӣ рост меояд, ки аз ҳисоби миёнавилоятӣ 1,1 маротиба баланд мебошад. Дар дигар шаҳру ноҳияҳо бошад, нишондиҳандаи мазкур аз ҳисоби миёнавилоятӣ кам бошад ҳам, рӯ ба афзоиш дорад. Дар чорчӯбаи амалӣ гаштани ҳадафи стратегияи давлатӣ “Саноатикунонии босуръат” ва эълон гаштани “Солҳои 2022-2026 солҳои рушди саноат” таваҷҷуҳ ба соҳаи саноат ба ҳамаи шаҳру ноҳияҳо ба мадди аввал гузошта шудааст ва ин имконият медиҳад, ки дар оянда масъалаи ҳавасмандкунии музди меҳнати кормандон боз ҳам афзоиш меёбад. Вале дар соҳаҳои бахши воқеӣ дар соҳаи кишоварзӣ музди меҳнат нисбат ба солҳои қаблӣ афзоиш ёфта бошад ҳам, вале аз рӯи сатҳ хеле ночиз аст, ки иттилоот ба ин дар ҷадвали 14 гирд оварда шудааст.

**Ҷадвали 14**

**Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи кормандони кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят [8, с. 120].**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Ҳамагӣ:** | **274,94** | **531,85** | **544,43** | **584,26** | **598,22** | **695,19** | **798,00** | **895,46** |
| Айнӣ | 241,00 | 427,72 | 440,70 | 470,43 | 418,79 | 456,58 | 511,27 | 511.98 |
| Ашт | 629,09 | 715,35 | 705,13 | 780,91 | 849,08 | 821,40 | 942,00 | 1045,20 |
| Б.Ғафуров | 414,29 | 537,50 | 608,38 | 618,17 | 629,55 | 802,09 | 856,83 | 969,68 |
| Бӯстон | 625,22 | 790,69 | 760,01 | 815,91 | 844,38 | 1042,57 | 1338,15 | 1519,98 |
| Гулистон | 707,82 | 835,78 | 582,97 | 601,03 | 770,35 | 1054,94 | 1052,90 | 1256,65 |
| Деваштич | 347,75 | 442,22 | 419,67 | 497,32 | 525,87 | 614,09 | 689,96 | 755,12 |
| Зафарабод | 258,16 | 544,59 | 547,38 | 538,49 | 583,79 | 608,13 | 684,89 | 849,63 |
| Истиқлол | - | - | - | - | - | - | - | - |
| Истаравшан | 250,00 | 695,35 | 761,67 | 752,92 | 745,78 | 650,59 | 780,68 | 950,66 |
| Исфара | 400,42 | 480,47 | 516,85 | 483,69 | 498,45 | 534,32 | 583,83 | 720,98 |
| Конибодом | 436,94 | 592,24 | 633,69 | 698,16 | 735,28 | 833,48 | 1089,40 | 1503,26 |
| Кух.Мастчоҳ | 162,07 | 407,05 | 477,77 | 518,82 | 534,19 | 568,36 | 626,64 | 785,74 |
| Мастчоҳ | 109,29 | 423,53 | 391,38 | 474,00 | 505,29 | 549,38 | 708,84 | 752,90 |
| Панҷакент | 432,83 | 484,34 | 511,81 | 512,23 | 468,18 | 551,48 | 617,35 | 690,50 |
| Спитамен | 357,86 | 603,25 | 517,82 | 676,54 | 709,00 | 842,39 | 946,08 | 1021,49 |
| Хуҷанд | 475,88 | 517,13 | 567,37 | 605,69 | 649,03 | 904,61 | 943,76 | 1059,61 |
| Шаҳристон | 207,69 | 461,65 | 408,48 | 463,30 | 473,18 | 543,98 | 706,43 | 719,99 |
| Ҷ.Расулов | 293,41 | 533,51 | 492,19 | 555,01 | 594,63 | 712,93 | 753,18 | 844,24 |

Аз ҷадвал бармеояд, ки чун дигар соҳаҳо дар соҳаи хоҷагии халқ дар соҳаи кишоварзӣ низ дар асоси амалишавии ҳадафҳои созандагию ободкорӣ афзоиши музди меҳнат ба назар мерасад. Масалан, музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи кормандони кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят дар умум агар соли 2016 274,94 сомониро ташкил карда бошанд, ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 895,46 сомонӣ расидааст, ки сатҳи рушд 3,2 маротиба мебошанд. Вале боиси таъкид аст, ки музди меҳнат дар соҳаи кишоварзӣ хеле ва хеле кам аст ва оянда бояд ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус дода шавад. Барои исботи он агар музди меҳнати соҳаи кишоварзиро бо музди меҳнати соҳаи саноат муқоиса намоем, чӣ тавре ки дар боло қайд кардем, соли 2023 ба ҳисоби миёна музди меҳнати соҳаи саноат ба 3038,63 сомонӣ баробар аст, кишоварзӣ бошад ба 895,46 сомонӣ баробар аст. Аз ин бармеояд, ки сатҳи музди меҳнат дар кишоварзӣ ҳамагӣ 29,4%-и сатҳи саноатро ташкил медиҳад, ки хеле кам аст. Дар байни шаҳру ноҳияҳои вилоят музди миёнаи меҳнати кормандони кишоварзӣ нахуст дар шаҳри Бӯстон нисбатан баланд аст (1519,98 сомонӣ), яъне он аз сатҳи миёнавилоятӣ қариб 1,6 маротиба зиёд мебошад. Сипас, сатҳи музди меҳнати миёнаи кормандони соҳаи кишоварзӣ аз дараҷаи миёнавилоятӣ баланд дар шаҳри Конибодом мушоҳида карда мешавад (1,6 маротиба), шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Ашт (1,1 маротиба), шаҳри Хуҷанд, ноҳияи Ашт ва Спитамен (1,1 маротиба), ноҳияи Б. Ғафуров (0,7 маротиба) зиёд мебошад. Вале дар дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят музди меҳнати соҳаи кишоварзӣ аз сатҳи умумивилоятӣ низ кам аст, ки бояд дар сиёсати иқтисодии минтақаҳо ба инобат гирифта шаванд.

Бо воситаи баррасии вазъи нишондиҳандаҳои демографӣ оид ба тағйирёбӣ дар бозори меҳнати иқтисодиёти вилояти Суғд хулосабардорӣ кардан мумкин аст. Дар ин раванд вазъи чунин коэффитсиентҳоро таҳлил менамоем, яъне нахуст коэффитсиенти иқтидори ивазнамоӣ. Бо воситаи коэффитсиенти мазкур ба ҳар 1000 нафар шахсони синну соли

қобили меҳнат чӣ қадар шахсони ба синни қобили меҳнат рост меояд, таҳлил карда мешавад. Бо ибораи дигар гӯем, ин нишондиҳанда имконияти такрористеҳсолкунии захираҳои меҳнатиро нишон медиҳад.

Сипас коэффитсиенти сарбории "нафақавӣ", ки ба ҳар 1000 нафар шахсони синни қобили меҳнат чӣ қадар шахсони аз синни қобили меҳнат калонсолтар рост меоянд, нишон медиҳад, дар иқтисодиёти вилояти Суғд ҳисоб менамоем. Пас аз он коэффитсиенти сарбории демографӣ, ки ба ҳар 1000 нафар шахсони синни қобили меҳнат чӣ қадар шахсони синну соли ғайриқобили меҳнат мавҷуд аст, нишон медиҳад. Ҳисобу китобҳои анҷомдода ва иттилооти оморӣ дар ҷадвали 15 гирд оварда шудааст.

**Ҷадвали 15**

**Бозори меҳнат, шуғли аҳолӣ ва захираҳои меҳнатӣ дар вилояти Суғд ба санаи 01-уми январи соли 2023 [2, с. 83, 86, 89, 92, 95 ].**

**(ҳазор нафар)**

| | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| Захираҳои меҳнатӣ (ҳаз.наф.) | 1521,4 | 1630,8 | 1652,2 | 1675,2 | 1708,1 |
| Аҳолии аз қобили меҳнат ҷавонтар (0-14 сола) (ҳаз.наф.) | 811,4 | 900,6 | 951 | 959 | 966,6 |
| Коэффитсиенти ивазшавии иқтидори меҳнатӣ (нафар) | 533,3 | 552,2 | 575,6 | 572,5 | 565,9 |
| Аҳолии аз қобили меҳнат калонсолтар (аз 62 сола калонтар) (ҳаз.наф.) | 138,6 | 186,5 | 190,5 | 202 | 215,9 |
| Коэффитсиенти сарбории нафақа (нафар) | 91,1 | 114,4 | 115,3 | 120,6 | 126,4 |
| Коэффитсиенти сарбории умумии демографӣ (нафар) | 624,4 | 666,6 | 690,9 | 693,1 | 692,3 |

Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, дар иқтисодиёти вилояти Суғд коэффитсиенти иқтидори меҳнатӣ нишондиҳандаи баланд дорад, яъне ба 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат дар соли 2023 565,9 нафар ҷавононе,

ки аз синну соли меҳнатӣ хурд аст, рост меояд. Ин маънои онро дорад, ки ҳиссаи ҷавонон дар таркиби аҳолӣ бештар аст. Ҳолати мазкур имконияти васеи ҷараёни такрористеҳсолкунии захираҳои меҳнатиро нишон медиҳад. Ҳар сол аз ду нафар шахси қобили меҳнат ба як нафар ҷавонон барои иваз намудан дар бозори меҳнат иқтидор мавҷуд аст. Дар ҷадвал дар солҳои баррасишаванда нишондиҳандаи мазкур бо якдигар хеле наздиканд, яъне аз 533-575 нафарро дар умум барои ҳар як 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат рост омаданро нишон дода истодааст.

Нишондиҳандаи дигар коэффитсиенти сарбории нафақавӣ низ ҳисоб карда шудааст, ки дар иқтисодиёти вилояти Суғд дар соли 2015 ба 1000 нафар аҳолӣ 91,1 нафар нафақахӯр рост омада бошанд, соли 2023 ин нишондиҳанда ба 126,4 нафар расидааст, ки рӯ ба афзоиш дорад. Боиси зикр аст, ки солҳои охир шумораи нафақахӯрон дар иқтисодиёти вилояти Суғд низ афзоиш ёфта истодааст, ки ин, бешубҳа, аз ҳисоби зиёдшавии дарозумрии аҳолӣ мебошад.

Дар асоси ин нишондиҳандаҳои ҳисобшуда коэффитсиенти сарбории умумии демографӣ низ муайян карда шудааст. Агар ба 1000 нафар аҳолии қобили меҳнат дар вилоят агар соли 2015 дар умум 624,4 нафар аҳолӣ рост омада бошанд, соли 2023 ин ба 692,3 нафар расидааст, яъне афзоиш дорад. Бо ибораи дигар гӯем, ба ҳар даҳ нафари аҳолии қобили меҳнат зиёда аз 6 нафар аҳолии ғайриқобили меҳнат рост меояд, яъне даҳ нафари корманд ғайр аз худашон дар уҳдаи худ боз нигоҳбинии 6 нафари дигарро дорад.

Категорияи қувваи корӣ ва иқтидори меҳнатӣ якдигарро пуркунанда бошад ҳам аз як нуқтаи назар маънидод кардан мумкин нест. Онҳо категорияи гуногунанд, зеро ҳар яки онҳо хусусияти хосаи худро дорад. Масалан, сухан дар бораи қувваи корӣ меравад қобилиятҳои ақлӣ ва ҷисмонии инсон дар назар дошта мешавад. Иқтидори меҳнатӣ бошад, якумаш дар худ хусусиятҳои қувваи кориро инъикос менамояд, илова бар он сифатҳои шахсӣ, сатҳи касбият, тахассус, истеъдодашро низ инъикос менамояд. Сипас, гуфтан мумкин аст, ки иқтидор ва қувваи

корӣ метавонад самараи синергетикӣ диҳад ва бо ин васила инкишофи иқтидорро мефаҳмонад. Дар илми иқтисодӣ ҳам мафҳуми қувваи корӣ ва ҳам мафҳуми иқтидори меҳнатӣ васеъ истифода мешавад, вале иқтидори меҳнатӣ нисбат ба қувваи корӣ мафҳуми васеъ мебошад. Вале боиси зикр аст, ки ҳам иқтидори меҳнатӣ ва қувваи корӣ унсурҳои асосии захираҳои меҳнатӣ ба ҳисоб меравад ва узви асосии истеҳсолкунандагони ҷамъиятро ташкил медиҳад.

Аз ин суханҳои қайдгардида дар миқёси минтақа барои арзёбӣ намудани сатҳи истифодабарии қувваи корӣ нишондиҳандаҳои маҳсулнокии меҳнатро ҳисоб намуд. Барои амалӣ намудани он услуби абстраксияи илмиро ба асос гирифтем, яъне таъсири дигар омилҳо, шарту шароитҳо, муҳитро ба инобат нагирифтем. Факту рақамҳои оморӣ ва ҳисобу китобҳо дар ҷадвали 16 гирд оварда шудааст.

**Ҷадвали 16**

**Нишондиҳандаҳои маҳсулнокии меҳнат дар иқтисодиёти вилояти Суғд [8, с. 11, 79].**

| | 2016 | 2018 | 2020 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| МММ (млн.сомонӣ) | 14654,8 | 17510,7 | 21621,9 | 31939,2 | 35177,4 |
| Аҳолии шуғлдошта (ҳаз. нафар) | 802 | 807,7 | 845 | 885,1 | 902,7 |
| Маҳсулнокии меҳнат (сомонӣ) | 18272,8 | 21679,7 | 25588,0 | 36085,4 | 38969,0 |
| Меҳнатғунҷоиш (сомонӣ) | 0,055 | 0,046 | 0,039 | 0,028 | 0,025 |

Ҳар ду нишондиҳандаи маҳсулнокии меҳнат, яъне нишондиҳандаи мустақим маҳсулнокии меҳнат (ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба ҳар як нафар корманд), инчунин нишондиҳандаи баръакси он меҳнатғунҷоиш (нишондиҳандаи сатҳи хароҷоти меҳнат ба як воҳиди маҳсулот) дар солҳои баррасишаванда мухталиф аст. Вале бояд зикр кард, ки ҳар ду нишондиҳанда мусбат арзёбӣ карда мешавад. Масалан, агар соли 2016 маҳсулнокии меҳнат ба ҳар сари аҳолии машғул дар ҳаҷми 18272,8 сомонӣ рост омада бошад, дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 38969,0 сомонӣ расидааст, ки сатҳи рушд қариб ду маротибаро ташкил медиҳад.

Дар навбати худ баланд гардидани маҳсулнокии меҳнат ба нишондиҳандаи меҳнатғунҷоиш таъсири мусбат расонидааст. Инчунин сатҳи меҳнатғунҷоиши истеҳсоли маҳсулот дар солҳои баррасишаванда назаррас коҳиш ёфтааст, ки ин хеле хуб мебошад. Масалан, истеҳсоли як воҳиди маҳсулот соли 2016 агар 0,055 сомонӣ меҳнатталабӣ дошта бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2023 дар умум 0,025 сомониро ташкил кардааст, ки заҳматталабии истеҳсолот кам гаштааст. Умуман дар солҳои қаблӣ низ чунин тамоюлот мушоҳида карда мешавад, ки ин бевосита дар камшавии арзиши аслии маҳсулот инъикос мегардад.

Дар илми иқтисодӣ бозори меҳнатро ҳамчун яке аз унсури инфрасохтори бозор низ ҳисоб мекунад, ки ин мантиқан дуруст аст, зеро танҳо дар иқтисодиёти бозор бозори меҳнат ҳамчун ниҳоди алоҳида эътироф карда мешавад. Дар он ҳамчун ниҳоди ҷудонашавандаи инфрасохтори бозорӣ захираҳои меҳнатӣ объекти асосии таваҷҷуҳ мебошад. Бо воситаи бозори меҳнат пешниҳоди захираҳои меҳнатӣ, талабот ба он, нархи меҳнат ташаккул меёбад. Аз ҳама муҳим дар бозори меҳнат ҷанбаҳои сифатӣ (сармояи инсонӣ) низ муайян мегардад ва барои таъмини рушди минбаъдаи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳам ҷумҳурӣ ва ҳам минтақа мусоидат менамояд.

### 2.3. Хусусиятҳои минтақавии бозори меҳнат ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти вилояти Суғд

Дар ташаккули қобилиятҳои кории захираҳои меҳнатӣ дар ҳар як минтақа бозори меҳнат нақши хосаи худро дорад, яъне дар бозори меҳнат талабот ба нисбати қобилияти ҷисмонӣ, зеҳнӣ, ақлӣ ва тавоноии захираҳои меҳнатӣ ташаккул меёбад. Бо ибораи дигар гӯем аз ҷониби кордиҳандагон чӣ гуна талаботҳо ба ҷойи корӣ мавҷуд аст дар бозори меҳнат пешниҳод мегардад ва ҷавобан бар он қувваи корӣ қобилиятҳои худро мутобиқ мегардонад. Ҷараёни мутобиқгардонӣ бо тавассути муассисаҳои таълимии касбӣ, такмили ихтисос ё ин ки таҷрибаомӯзӣ ба

амал ҷорӣ карда мешавад. Аз ин лиҳоз гуфтан ҷоиз аст, ки бозори меҳнат дар иқтисодиёти минтақа низ ҳамчун як ниҳоди муҳиме, ки дар ташаккули неруи инсонӣ мавқеи махсусро дорад, баромад менамояд. Зеро дар он ҷо манфиатҳои кордиҳандагон (корхона, муассиса, ташкилот, сохторҳои соҳибкорӣ) бо манфиати қувваи корӣ мутобиқат гардонида мешавад. Хусусан дар шароити иқтисодиёти бозор ин ниҳод, ки бо неруи инсонӣ вобастагӣ дорад аҳаммияти ҷиддӣ дорад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он муносибатҳои иқтисодиёти бозор дар таърихи он маротибаи аввал амалӣ шуда истодааст, яъне низоми нави иқтисодӣ, ки ба муносибатҳои бозорӣ асосёфта ҷорӣ шуда истодааст ниҳоди бозори меҳнат ҳоло пурра вазифаи худро иҷро накарда истодааст. Дар ин ҷо дигар сабабҳои объективӣ низ дорад. Яке аз он бuҳрони иқтисодӣ мебошад, ки бо ҷараёни трансфарматсионӣ гузариш ба иқтисодиёти бозор алоқаманд аст. Вале дар ду даҳсолаи охир вазъият куллан тағйир ёфта дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва умуман дар кишвар бозори меҳнат ҳамчун ниҳоди алоҳидаи инфрасохтори бозор инкишоф ёфта истодааст, ки онро бо далелҳои зерин метавон мудаллал сохт. Алалхусус, чӣ тавре ки факту рақамҳои оморӣ шаҳодат медиҳад, афзоиши миёнасолонаи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2010-2023 дар умум 2,3%-ро ташкил кардааст. Дар навбати худ афзоиши теъдоди аҳолии қобили меҳнат бошад, ба ҳисоби миёна 2,6%-ро ташкил кардааст. [9, с. 8-11]. Тамоюлотҳои мазкур дар ҳудуди вилояти Суғд бошад мутобиқан 2,0% 1,9%-ро ташкил кардааст [8, с. 14, 79]. Ҳолати мазкур маънои онро дорад, ки ҳар сол бозори меҳнат дар вилояти Суғд бо қувваи кории нав ғанӣ гардонида мешавад. Ин ҳолат аз бозори меҳнати давлатҳои мутараққӣ куллан фарқ мекунад, яъне дар бештари мамлакатҳои минтақаи Аврупо, Амрико ҳолати баръакс яъне камшавии аҳолӣ мушоҳида мешавад. Бинобар ин дар бозори меҳнати вилояти Суғд низ афзоиши пешниҳоди қувваи корӣ дар назар аст. Агар ба болои тенденсияи тамоюли мазкур муҳоҷирати меҳнатие, ки дар кишварҳои хориҷӣ агар баргардад дар

бозори меҳнат боз шадидии муҳит пайдо мегардад. Дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он солҳои охир бо амалӣ намудани ҳадафҳои созандагию ободкорӣ баланд бардоштани фаъолнокии истеҳсолӣ талабот ба қувваи корӣ низ афзоиш дорад. Хусусан таҷдиди корҳои сохтмонӣ (асосан сохтмони манзил) ва дар натиҷаи афзоиши самараи мултипликатии он талабот ба қувваи корӣ зиёд шуда истодааст. Масалан, дар вилояти Суғд солҳои охир: биноҳои истиқоматӣ, мактабҳо, муассисаҳо ва ғайраҳо сохта шуда истодааст. Вале ба ин нигоҳ накарда ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат, ки бо шуғл машғул нестанд ҳол ҳам зиёд мебошанд. Масалан, чӣ тавре ки факту рақамҳои оморӣ нишон медиҳад, аз теъдоди умумии аҳолии қобили меҳнат дар вилояти Суғд 38,7% бо шуғл таъмин нестанд. [8, с. 79]. Аз ин бармеояд, ки вазъи барқарор намудани ҷойҳои корӣ, ба шуғл ҷалб кардани қувваи корӣ ҳоло низ ба талабот ҷавобгӯ намебошад. Ҳолати мазкур аз он гувоҳӣ медиҳад, ки барзиёдатии захираҳои меҳнатӣ нисбат ба ҷойҳои корӣи барқароршаванда дар иқтисодиёти вилояти Суғд низ мушоҳида мегардад. Тибқи муқарраротҳои назарияи омилҳои истеҳсолот номувозинатӣ дар бозори меҳнат ҳоло ҳам мавҷуд аст, ки ин сабаби афзоиши муҳоҷират мебошад. Модели бозори меҳнате, ки бо барзиёдатии қувваи корӣ тавсиф карда мешавад дар назарияи неоклассикон ҳамаҷониба баррасӣ карда шудааст. Хусусан дар корҳои илмӣ - таҳқиқотии олими хориҷа Уилям Артур Люис, ки барандаи ҷоизаи Нобел мебошад модели барзиёдатии қувваи корӣ дар бозори меҳнат коркард ва пешниҳод гардидааст. Мундариҷаи модели мазкур чунин аст: ҳамчун модели бахшҳои дугона маъруф буда, рушди иқтисодии кишварҳои сусттараққикардаро тавсиф менамояд, ки дар он ҷо қувваи корӣ дар бахши анъанавӣ (масалан, кишоварзӣ) ва талабот ба қувваи корӣ дар бахши муосир (масалан, саноат) мавҷуд аст. Ӯ дар модели худ боварӣ дошт, ки рушди иқтисодӣ тавассути ҷараёни қувваи корӣ аз бахши анъанавӣ ба муосир ба амал меояд, зеро охирин сармояро ҷамъ мекунад ва талаботи онро ба меҳнат афзоиш медиҳад [83, с. 510].

Ба ҳамагон маълум аст, ки тибқи муқарраротҳои назариявӣ унсурҳои асосии муайянкунандаи талабот ба қувваи корӣ зеринҳо мебошад:

- вазъи баамаломадаи сатҳи рушди иқтисодиёт;
- сатҳи фаъолнокии аҳолӣ оид ба сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ;
- сатҳи механизатсияи ҷараёни истеҳсолот;
- сатҳи автоматикунонии ҷараёни истеҳсолот;
- таъминнокии минтақа бо захираҳои табиӣ;
- арзиши меҳнат дар бозор.

Дар навбати худ пешниҳоди қувваи корӣ низ аз унсурҳои зерин вобастагӣ дорад:

- теъдоди умумии аҳолӣ;
- афзоиши табиии аҳолӣ;
- теъдоди аҳолии қобили меҳнат;
- ҳиссаи ҷавонон дар сохтори захираҳои меҳнатӣ;
- сатҳи маълумотнокии қуаваи корӣ;
- сохтори касбият;
- андозаи музди меҳнат;
- хусусияти минталитети аҳолӣ ва ғайра.

Дар шароити имрӯза, ки муносибатҳои бозорӣ ҳаматарафа паҳн гаштааст дар бозори меҳнат ҳам аз нуқтаи назари талабот ва ҳам нуқтаи назари пешниҳод омили асосие, ки башаклгирии онҳо таъсир мерасонад, ин музди меҳнат аст. Маълумотҳои оморӣ оид ба музди меҳнат дар ҷумҳурӣ ва дигар баъзе кишварҳои хориҷӣ дар ҷадвали 17 оварда шудааст.

**Ҷадвали 17**

**Музди миёнаи меҳнатии моҳонаи коргарони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ дар солҳои 2010-2023 [166].**

| | **2010** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2023** | **2023 нисбат ба 2010 (маротиб)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. Ҷумҳурии Тоҷикистон:<br>А) музди миёнаи ҳармоҳаи | 354,4 | 878,9 | 962,1 | 1144,1 | 1233,8 | 2154,9 | 6,09 |

*Идомаи ҷадвали 6.*

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| меҳнати коргарон, сомонӣ<br>Б) бо доллари ИМА | 80,9 | 142,6 | 122,8 | 133,8 | 134,8 | 203,3 | 2,5 |
| 2. Федератсияи Россия:<br>А) музди миёнаи ҳармоҳаи меҳнати коргарон бо доллари ИМА | 681,5 | 551 | 656 | 605 | 620 | 730,4 | 1,2 |
| 3. Озорбойҷон<br>А) музди миёнаи ҳармоҳаи меҳнати коргарон бо доллари ИМА | 400,1 | 452,9 | 313,3 | 306,7 | 355 | 544,1 | 1,3 |
| 4. Қазоқистон<br>А) музди миёнаи ҳармоҳаи меҳнати коргарон бо доллари ИМА | 585,9 | 568,4 | 417,6 | 459,1 | 481 | 718,0 | 1,2 |
| 5. Қирғизистон<br>А) музди миёнаи ҳармоҳаи меҳнати коргарон бо доллари ИМА | 190,7 | 209,2 | 212,4 | 216,3 | 225 | 372,0 | 1,9 |

Аз ҷадвал бармеояд, ки дар байни кишварҳое, ки баррасигардида нисбатан музди меҳнати баланд дар иқтисодиёти Федератсияи Россия мушоҳида карда мешавад. Бо тарзи умум бояд қайд кард, ки дар байни кишварҳои ИДМ дар ҳақиқат Федератсияи Россия мавқеи аввалро дорад. Ба ақидаи мо ин ҳолат яке аз омили муайянкунандаи афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ ба Федератсияи Россия аз дигар кишварҳои ИДМ мебошад. Муқоисаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия нишон медиҳад, ки дар соли 2023 ҳаҷми музди меҳнат бо доллари амрикоӣ дар Федератсияи Россия нисбат ба сатҳи Тоҷикистон 3,6 маротиба зиёд аст. Вале дар ин ҷода як нуқтаро бояд таъкид кард, яъне нисбат ба солҳои қаблӣ музди меҳнати миёна ба ҳисоби миёна дар иқтисодиёти миллӣ соли 2023 дар умум ба 203,3 доллар расидааст, ки нисбат ба соли 2010 2,5 маротиба баланд мебошад. Чунин тамоюлот ҳадафи хуб аст, вале аз рӯи талаботи бозори истеъмолӣ барои фаъолият нокифоягӣ дорад. Чунин нишондиҳандаи музди меҳнати миёнаи моҳона дар Федератсияи Россия соли 2023 ба ҳисоби миёна 730,4 долларро ташкил кардааст. Пас аз Федаратсияи Россия мавқеи дуюмро Қазоқистон дорад, яъне дар он ҷо музди меҳнати миёнаи коргарон дар соли 2023 818 долларро ташкил кардааст, ки нисбат ба соли 2010 1,2 маротиба зиёд гаштааст. Дар ҳақиқат муҳоҷирони меҳнатӣ аз Қазоқистон нисбат ба давлатҳои ИДМ хеле кам аст.

Аз ҷадвали 17 маълум аст, ки дар Федератсияи Россия сатҳи музди меҳнат нисбат ба кишвари мо хеле бештар аст ва ин ангезае барои рафтани аҳолии қобили меҳнати мо ба он ҷо мешавад. Маълумоти оморӣ нишон медиҳад, ки дар Тоҷикистон сатҳи музди меҳнат бо вуҷуди тамоюл ба афзоиш доштан, дар муқоиса бо музди меҳнат дар Федератсияи Россия дар сатҳи паст боқӣ мемонад. Агар соли 2009 музди меҳнат 68,8 доллари ИМА-ро ташкил дода бошад, пас дар соли 2018 ин нишондиҳанда ба 129,3 доллар баробар шудааст. Музди миёнаи меҳнати моҳона дар Федератсияи Россия дар ҳамин давра аз 284,3 доллари соли 2009, дар соли 2018 то 620 доллар расидааст. Дигар давлатҳоро низ дар хусуси сатҳи музди меҳнат ва тағйирёбиашон дар солҳои мухталиф аз ҷадвали мазкур дидан мумкин аст. Ҳамин тариқ, хулоса баровардан мумкин аст, ки ангезаи асосии фаъолнокии аҳолӣ дар муҳоҷират фарқият дар музди меҳнат аст, ки барои ба кор рафтани шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳои хориҷа, махсусан ба Федератсияи Россия мусоидат мекунад.

Имрӯз кӯшиши ҳама субъектони хоҷагидорӣ барои истифодабарии оқилонаи захираҳои инсонӣ, пеш аз ҳама захираҳои меҳнатӣ нигаронида шудааст. Дар ин ҷода ба маҳсулнокии меҳнат ва баланд намудани он диққати зиёд зоҳир карда мешавад. Зеро маҳз ба шарофати баланд намудани маҳсулнокии меҳнат инкишофи бомуваффақияти корхонаҳо ва баланд намудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ таъмин карда мешавад. Пӯшида нест, ки аз тарафи ҳама субъектони хоҷагидорӣ нақши калидии ҳосилнокии меҳнат эътироф гардидааст, ки ба тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат таъсир расонида, ба шарофати он истифодабарии оқилонаи захираҳои маҳдуд таъмин карда мешавад. Аз дигар тараф баланд шудани ҳосилнокии меҳнат дар соҳаҳои мухталиф азнавкунии таҷҳизоти хӯрдашуда ва васеъшавии имкониятҳои истеҳсолиро тақозо менамояд. Табиатан маҳсулнокии меҳнат ҳамчун нишондоди зарурии

иқтисодӣ баромад мекунад, ки натиҷагирии фаъолияти захираҳои меҳнатиро дар истеҳсоли неъматҳои моддӣ ва маънавӣ ифода менамояд. Маҳсулнокии меҳнат аз бисёр омилҳо вобастагӣ дорад, ки самтҳои гуногуни фаъолият ва дараҷаи таъсири онҳоро ба ин нишондиҳанда инъикос менамоянд. Бинобар ҳамин ҳангоми таҳқиқи самтҳои баланд намудани маҳсулнокии меҳнат, омӯзиши омилҳои ба тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъсиррасонанда зарур арзёбӣ карда мешаванд. Зеро амал намудани ин омилҳо ҳамавақт дар шароитҳои муайян ба миён меоянд, ки бо вазъияти гуногуни табиӣ, моддӣ-техникӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ алоқаманд буда, ба истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба воситаи маҳсулнокии меҳнат таъсир мерасонанд. Дар назария ва таҷрибаи хоҷагидорӣ таснифоти гуногуни омилҳои ба баландшавии маҳсулнокии меҳнат таъсиррасонанда мавҷуданд. Ин омилҳо пеш аз ҳама низомҳоро ифода мекунанд, ки дорои хусусияти баҳамтаъсиррасонӣ, инчунин баҳамвобастагии як омилҳо аз дигар омилҳоро ифода менамоянд.

Боиси зикр аст, ки афзоиши музди меҳнат дар бозори меҳнати минтақа маънои аз афзоиши арзиши меҳнатро мефаҳмонад, ки бо маҳсулнокии меҳнат, баланд бардоштани сифати меҳнат, илмталабии меҳнат вобаста аст. Вале арзиши меҳнат аз соҳаҳои иқтисодиёт вобастагӣ дорад, яъне соҳаҳо ҳастанд, ки арзиши баланд дорад, дар навбати худ соҳахое ҳастанд, ки дар худ арзиши пастро дорад. Ҳолати мазкур аз зеринҳо вобастагӣ дорад:

- аз сатҳи меҳнатталабии кору фаъолият;
- аз сатҳи илмғунҷоиши истеҳсоли молу маҳсулот;
- аз сатҳи даромаднокии соҳа;
- аз сатҳи гардишнокии захираҳои молиявӣ
- аз сатҳи талаби омӯзиши махсуси корманд ва амсоли онҳо.

Масалан гирем дар соҳаи хизматрасонии молиявӣ, ки даромаднокӣ баланд аст, ё ин ки дар соҳаи алоқа музди меҳнат нисбатан баланд аст. Баръакс дар соҳаи кишоварзӣ бошад, ки меҳнати дастӣ хеле зиёд

истифода бурда мешавад дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнат хеле кам аст. Инчунин муайянкунандаи пасти музди меҳнат омилҳои зерин низ шуда метавонанд:

- норасоии сармоякунонӣ;
- сатҳи фарсудашавии фондҳои истеҳсолӣ;
- рақобатпазир набудани молҳои истеҳсолшаванда;
- менеҷменти ноуҳдабарории корхона ва ғайраҳо.

Бо ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар сохтори шуғли аҳолӣ аз рӯи шаклҳои моликият низ тағйироти куллӣ ба амал омад. Чунин тамоюлот дар бозори меҳнати вилояти Суғд низ инъикос мегардад. Дар ҳақиқат, ин аз мазмун ва мундариҷаи амалишавии ислоҳоти бозорӣ бармеояд ва қонун объективӣ мебошад, зеро ташаккули моликияти хусусӣ ва паҳн намудани он яке аз механизми асосии иқтисодиёти бозор мебошад. Дар оғози солҳои соҳибистиқлолӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ инчунин дар минтақаҳои он ҷараёни хусусигардонӣ ва ғайридавлатигардонии моликият тибқи барномаҳои давлатии махсус амалӣ гардид. Ҳадафи асосӣ аз он ташаккули моликияти хусусӣ буд, ки он пойгоҳи асосии иқтисодиёти бозор мебошад. Вале аз ҷониби олимон, сиёсатмадорон, коркунони давлатӣ ба ҷараёни хусусигардонии моликият баҳоҳои хеле мухталиф гузошта шудааст. Яъне аз ғайр аз арзёбии манфӣ, танқидӣ ва инчунин арзёбии мусбӣ низ мавҷуд буд. Дар ҳақиқат дар ин раванд ба баъзе мавридҳо хатоҳои ҷиддӣ роҳ дода шуда буд. Инчунин муаммоҳо, монеаҳо низ мавҷуд буданд. Дар ин самт як-ду нуқтаи назари олимони ватаниро оид ба арзёбии ҷараёни хусусигардонӣ мехостем, қайд намоем. Дар ин самт академики АМИТ Раҳимов Рашид Каримович чунин қайд кардааст: “... хусусигардонии объектҳои саноатӣ, ки дар барномаи ислоҳот ҳадафи онҳо қарор гирифта буд, қатъ шудааст. Сабабҳои асосӣ инҳоянд:

1.Ҷолиб набудани объектҳо аз сабаби мураккабии расонидани ашёи хом ва содироти маҳсулот (ё баръакс);

2.Зарурати дастурамали ҷиддии корхонаҳои хусусигардонидашуда. Бозсозӣ ду хел маҳоратро талаб мекунад: қобилият ва дониши ҳақиқии бозори оянда ва қобилияти тартиб додани нақшаи молиявӣ ва таъмин намудани назорат. Имрӯз ҳар ду малакаҳо бо пешгӯии вазъият мураккабанд;

3. Аҳаммияти боҷи давлатӣ ҳангоми бақайдгирии шартномаҳои хариду фурӯш ва набудани тартиби иштироки сармоягузорони хориҷӣ дар хусусигардонии амволи давлатӣ;

4. Кӯмаки сусти ҳукуматҳои маҳаллӣ ба ҷараёни хусусигардонӣ аз сабаби нокифояи ҳавасмандии моддӣ;

5. Огоҳии нокифояи аҳолӣ ва сармоягузорони хориҷӣ аз имкониятҳои ояндадори корхонаҳои хусусигардонидашуда” [83, с. 96].

Олими ватании дигар доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризоқулов Т.Р. таъкид кардааст, ки: “ ... хусусигардонӣ ва ғайридавлатӣ, ки ба фароҳам овардани шароити муҳимми ташаккули бозор – моликияти хусусӣ нигаронида шуда буд, ки ҳадаф аз он баланд бардоштани самаранокии иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ тавассути фароҳам овардани муҳити солими рақобат буд ва дар амал натиҷаи дилхоҳ дод. Масалан, қисми зиёди корхонаҳои хусусигардонидашуда ба таври сунъӣ ба бисёр корхонаҳои хурд, асосан вобастагӣ тақсим карда шуданд, ки ин аввалан ба баланд шудани нархи молу хизматрасониҳои ин ташкилот оварда расонд, дуюм, фурӯши минбаъдаи воситаҳои асосӣ ба амал омад, ки фарқияти байни тавозуни онҳо ва арзиши бозорӣ мувофиқ карда шавад” [84, с. 105].

Новобаста аз он амалишавии барномаҳои давлатӣ, хусусигардонӣ ва ғайридавлатикунонӣ натиҷаҳои муайянро дод, ки дар иқтисодиёти миллӣ институти моликияти хусусӣ пайдо гардид ва он имрӯз бомуваффақият фаъолият дошта истодааст. Тағйироти сохторӣ дар моликият бевосита ба сохтори шуғли аҳолӣ низ таъсири худро

расонидааст, ки баъзе факту рақамҳо дар ҷадвали 18 гирд оварда шудааст.

**Ҷадвали 18**

**Аҳолии машғули кор аз рӯи шаклҳои моликият [8, с. 79].**

**ба ҳисоби фоиз**

| | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ дар иқтисодиёт машғул | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| Аз он ҷумла аз рӯи шаклҳои моликият: | | | | | | | | |
| Давлатӣ | 16,3 | 16,9 | 16,9 | 17,0 | 16,6 | 16,0 | 15,5 | 15,0 |
| Хусусӣ | 52,0 | 50,2 | 49,9 | 73,5 | 74,0 | 74,7 | 74,9 | 75,2 |
| Коллективӣ | 31,1 | 32,0 | 32,3 | 9,0 | 8,9 | 8,8 | 9,1 | 9,3 |
| Омехта бо иштироки хориҷиён | 0,6 | 0,9 | 0,9 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 |

Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, аҳолии машғули кор дар бахши хусусӣ, яъне ки дар субъектҳои моликияти хусусидошта рӯ ба афзоиш дорад. Чӣ тавре ки мушоҳида карда мешавад, агар соли 2016 аҳолии машғули кор дар бахши хусусӣ 52%-ро ташкил карда бошанд, ин нишондиҳанда дар соли 2023 ба 75,2% расидааст. Ин чунин маъно дорад, ки корхонаҳои дар асоси моликияти хусусӣ ташаккулёфта сол ба сол афзоиш ёфта, дар ҷалби қувваи корӣ саҳми назаррасро пайдо намуда истодааст. Дар навбати худ шуғли аҳолии дар бахши корхонаҳои давлатӣ сол ба сол коҳиш ёфта истодааст. Масалан, соли 2023 ин нишондиҳанда ҳамагӣ 15,0%-и аҳолии шуғлдошта дар корхонаҳое, ки ба моликияти давлатӣ асосёфта фаъолият доранд. Дар ин маврид боиси таъкид аст, ки корхонаҳое, ки ба моликияти коллективӣ асосёфта қадам ба қадам мавқеи худро дар бозори меҳнат гум карда истодааст. Масалан, шуғли аҳолӣ дар соли 2016 дар корхонаҳои коллективӣ 31,1%-ро ташкил карда бошанд, дар соли 2023 ин нишондиҳанда ба 9,3% расидааст. Аз ин бармеояд, ки корхонаҳое, ки ба моликияти коллективӣ асосёфта дар иқтисодиёти вилояти Суғд рӯ ба коҳишёбӣ дорад, ки дар натиҷа теъдоди шуғли аҳолӣ дар ин гуна корхонаҳо рӯ ба камшавӣ дорад. Умуман дар вилояти Суғд аз нуқтаи назари соҳаҳо ҳиссаи коргарони кироякор хеле

гуногун аст, ки хусусияти бозори меҳнати вилоят инъикос гардида дар навбати худ дар рушди иқтисодӣ-иҷтимоии вилоят низ инъикос мегардад. Боиси зикр аст, ки аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ кормандони кироякор ба фаъолияти меҳнатӣ ҷалб карда мешавад. Агар дар ин ё он намуди фаъолияти иқтисодӣ ҷойҳои холии корӣ мавҷуд бошад, музди меҳнат муносиб бошад, қувваи кории истифоданашуда хоҳиш пайдо менамояд, ки дар ин раванд бо ин кор машғул бошад. Факту рақамҳои оморӣ оид ба сохтори таркибии кормандони кироякор тибқи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар ҷадвали 19 гирд оварда шудааст.

**Ҷадвали 19**

**Тақсимоти шумораи миёнаи солонаи кормандони кироякор аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ. (ҳазор нафар) [8, с. 81, 83].**

| | 2016 | | 2020 | | 2021 | | 2022 | | 2023 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Ҳаз. Нафар** | % | **Ҳаз. нафар** | % | **Ҳаз. нафар** | % | **Ҳаз. нафар** | % | **Ҳаз. нафар** | % |
| Ҳамаи намудҳои фаъолият | 401,9 | 100 | 432,4 | 100 | 438 | 100 | 438 | 100 | 438,5 | 100 |
| Бахши воқеӣ | 254,5 | 63,3 | 281,7 | 65,1 | 283,6 | 64,7 | 286,4 | 65,4 | 287,3 | 65,5 |
| Саноат | 34,7 | 8,6 | 38,2 | 8,8 | 37,8 | 8,5 | 37,5 | 8,6 | 38,7 | 8,8 |
| Кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ | 215,7 | 53,7 | 239,5 | 55,4 | 241,6 | 55,2 | 244,5 | 55,8 | 243,9 | 55,6 |
| Сохтмон | 4,1 | 1,0 | 4 | 0,9 | 4,2 | 1,0 | 4,4 | 1,0 | 4,7 | 1,1 |
| Бахши ҳизматрасонӣ | 147,4 | 36,7 | 150,7 | 34,9 | 154,4 | 35,3 | 151,6 | 34,6 | 151,2 | 34,5 |
| Савдои яклухт ва чакана, таъмир | 8,3 | 2,1 | 6,5 | 1,5 | 7,2 | 1,6 | 7,5 | 1,7 | 7,8 | 1,8 |
| Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 1,5 | 0,4 | 1,5 | 0,3 | 1,4 | 0,3 | 1,9 | 0,4 | 2,6 | 0,6 |
| Нақлиёт ва хоҷагии анбор | 4 | 1,0 | 3,2 | 0,7 | 3,2 | 0,7 | 3,1 | 0,7 | 3,0 | 0,7 |
| Миёнаравиҳои молиявӣ ва суғурта | 7 | 1,7 | 6,5 | 1,5 | 5,7 | 1,3 | 5,8 | 1,3 | 6,0 | 1,4 |
| Мақомоти давлатӣ, мудофиа; суғурта | 6,3 | 1,6 | 10,9 | 2,5 | 11,6 | 2,6 | 11,2 | 2,6 | 6,0 | 2,5 |
| Маориф | 70,2 | 17,5 | 73,6 | 17,0 | 75,1 | 17,1 | 73 | 16,7 | 72,3 | 16,5 |
| Тандурустӣ ва хизм. иҷтимоӣ | 33,5 | 8,3 | 34,5 | 8,0 | 35,1 | 8,0 | 34,2 | 7,8 | 34,1 | 7,8 |
| Дигар хизматрасониҳо | 11,4 | 2,8 | 2,7 | 0,6 | 3 | 0,7 | 2,9 | 0,7 | 2,9 | 0,6 |
| Фаъолияти ташк. экстерриториалӣ | - | - | 3,3 | 0,8 | 3,1 | 0,7 | 3,3 | 0,8 | 3,5 | 0,8 |

Аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ҷалби кормандони кироякор дар вилояти Суғд мухталиф мебошад. Вале дар солҳои охири баррасишаванда дар умум тамоюли ҳиссаи кормандони кироякор тағйирёбии назаррасро надорад. Масалан, агар соли 2016 ҳиссаи кормандони кироякор дар бахши воқеӣ 63,3%-ро ташкил карда бошанд, ки дар ин соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ 53,7%-ро ташкил менамояд. Дар соли 2023 нишондиҳандаҳои мазкур 65,5% ба 55,6%-ро ташкил кардааст. Аз ин бармеояд, ки ҳиссаи бахши хизматрасонӣ дар соли 2016 36,7% ва соли 2023 34,5%-ро ташкил кардааст. Ин маънои онро дорад, ки яке аз унсурҳои асосии пасоиндустриалӣ ҳиссаи бахши хизматрасонӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд ҳоло ҳам на он қадар қаноатбахш арзёбӣ мегардад. Баръакс баъзе нишондиҳандаҳои интизорӣ дар соҳаҳои алоҳида ба ҷои афзоиш ба қафомонӣ рӯ овардааст. Масалан, дар бахши воқеӣ баланд будани ҳиссаи кормандони кироякорро чунин маънидод кардан мумкин аст:

1. иқтисодиёти вилоят ҳоло ҳам унсурҳои иқтисодиёти аграриро ҳаллу фасл накардааст ва ҳол он ки дар ҷумҳурӣ сиёсати гузаштан аз иқтисодиёти аграрӣ ба индустиралӣ ба иқтисодиёти индустриалӣ ба аграрӣ тибқи супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гашта истодааст;

2. зиёд будани ҳиссаи кормандони кироя дар соҳаи аграрӣ ҳоло ҳам оид ба барзиёдатии истифодабарии меҳнати дастӣ нисбат ба меҳнати ақлӣ шаҳодат медиҳад. Дар ин радиф чӣ тавре ки мушоҳида карда мешавад новобаста аз он ки аз соли 2018 инҷониб ҳадафи стратегӣ оид ба саноатикунонии босуръат дар амал аст дар ҷалби қувваи корӣ дар ин соҳа натиҷаҳои назаррас мушоҳида намегардад. Масалан, соли 2016 кормандони кироя аз теъдоди умум ҳамагӣ 8,8%-ро ташкил карда бошанд, дар соли 2023 низ ба нишондиҳандаи нисбӣ боз 8,8%-ро ташкил медиҳад, яъне тағйирот вуҷуд надорад. Бинобар ин гуфтан мумкин аст, ки дар асоси амалӣ намудани ҳадафи саноатикунонии босуръат шумораи

корхонаҳои саноатӣ рӯ ба афзоиш ёфта бошанд ҳам, дар ҷалби қувваҳои корӣ ин тамоюлот на он қадар инъикос мегардад. Инро чунин тасаввур намудан мумкин аст, ки корхонаҳои саноатии эҳёгардида корхонаҳои хурд мебошад, ки дар ҷалби қувваи корӣ такони назаррасро надорад.

Дар бахши хизматрасонӣ бошад, дар соҳаи савдои яклухт, таъмир, нақлиёт ва хоҷагии анбор, миёнаравиҳои молиявӣ ва суғурта шумораи кормандони кироякор дар соли 2023 бо тарзи миқдории мутлақ низ коҳиш ёфтааст. Масалан, дар соҳаи савдои яклухт ва чакана, таъмир дар соли 2016 8,3 ҳазор нафар аҳолӣ машғули кор бошанд, соли 2023 он 7,8 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ки коҳишёбӣ мушоҳида мегардад. Дар соҳаи нақлиёт ва хоҷагии анбор бошад дар солҳои мазкур аз 4 ҳазор то 3,0 ҳазор нафар, миёнаравиҳои молиявӣ ва суғурта аз 7 ҳазор то 6,0 ҳазор нафар кам гаштааст. Танҳо дар соҳаи мақомоти давлатӣ, мудофиа, суғурта, маориф ва тандурустӣ афзоиш мушоҳида карда мешавад. Масалан, дар соҳаи мақомоти давлатӣ, мудофиа, суғурта аз 6,3 ҳазор то 6,0 ҳазор нафар, дар соҳаи маориф аз 70,2 ҳазор то 72,3 ҳазор нафар ва дар соҳаи тандурустӣ аз 33,5 ҳазор то 34,1 ҳазор нафар афзоиш ёфтааст. Аз ин бармеояд, ки оянда бояд ҳиссаи хизматрасониро дар ҷалби қувваи корӣ афзоиш додан зарур аст, зеро бо ин роҳ дар истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти минтақа бахши хизматрасонӣ афзоиш хоҳад ёфт.

Дар бозори меҳнати минтақа дар қатори теъдоди кормандони кироякор боз як масъалаи дигар вазъият оид ба андозаи музди меҳнати пардохтшуда аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ аҳаммияти муҳим дорад. Бинобар ин дар ин ҷо мехостем, андозаи музди меҳнатро тибқи соҳаҳои иқтисодиёт дар охири соли 2023 баррасӣ намоем:

Дар бозори меҳнати минтақа дар қатори теъдоди кормандони кироякор боз як масъалаи дигар вазъият оид ба андозаи музди меҳнати пардохташуда аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ аҳаммияти муҳим дорад. Бинобар ин дар ин ҷо мо мехостем, андозаи музди меҳнатро тибқи соҳаҳои иқтисодиёт дар охири соли 2023 баррасӣ намоем:

**Ҷадвали 20**

**Тақсимоти шумораи кормандони корхонаю ташкилотҳо аз рӯи андозаи музди меҳнати пардохташудашуда аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар моҳи декабри соли 2023 (бо фоиз) [8, с. 116, 117].**

| Намудҳои фаъолият | Кормандоне, ки моҳи пурра кор карданд | Аз 3000 сомонӣ камтар | Аз 3000 то 9000 сомонӣ | Аз 9000 то 15000 сомонӣ | Аз 15000 сомонӣ баландтар |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамаи намудҳои фаъолият | 100,0 | 88,9 | 10,2 | 0,6 | 0,3 |
| Дар бахши воқеӣ | 100,0 | 77,5 | 20,8 | 1,1 | 0,6 |
| Кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳипарварӣ | 100,0 | 99,5 | 0,5 | 0,0 | 0,0 |
| Истихроҷи канданиҳои фоиданок | 100,0 | 47,5 | 46,5 | 3,7 | 2,3 |
| Истеҳсоли коркард | 100,0 | 80,7 | 18,4 | 0,7 | 0,2 |
| Таъмини нерӯи барқ, газ, буғ ва хунукунии ҳаво | 100,0 | 35,8 | 62,3 | 1,5 | 0,4 |
| Таъминоти об, тозакунӣ, коркарди дуюмдараҷа | 100,0 | 99,2 | 0,8 | 0,0 | 0,0 |
| Сохтмон | 100,0 | 88,5 | 11,0 | 0,1 | 0,4 |
| Бахши хизматрасонӣ | 100,0 | 92,7 | 6,6 | 0,4 | 0,3 |
| Савдои яклухт ва чакана,таъмири нақлиёти автомобилӣ | 100,0 | 96,2 | 3,6 | 0,2 | 0,0 |
| Нақлиёт ва хоҷагии анбор | 100,0 | 97,5 | 2,5 | 0,0 | 0,0 |
| Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 100,0 | 97,2 | 2,8 | 0,0 | 0,0 |
| Иттилоот ва алоқа | 100,0 | 85,9 | 13,0 | 0,4 | 0,7 |
| Миёнаравиҳои молиявӣ ва суғурта | 100,0 | 45,1 | 43,8 | 7,5 | 3,6 |
| Амалиётҳо бо амволи ғайриманқул | 100,0 | 88,2 | 11,5 | 0,3 | 0,0 |
| Фаъолияти касбӣ, илмӣ ва техникӣ | 100,0 | 87,5 | 12,2 | 0,3 | 0,0 |
| Фаъолияти идоракунӣ ва ёрирасон | 100,0 | 97,7 | 2,3 | 0,0 | 0,0 |
| Идоракунии давлатӣ, мудофиа, тамини амният ва суғурта | 100,0 | 96,5 | 3,4 | 0,1 | 0,0 |
| Маориф | 100,0 | 94,8 | 5,0 | 0,1 | 0,1 |
| Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 100,0 | 95,2 | 4,8 | 0,0 | 0,0 |
| Фаъолият дар соҳаи санъат, ташкили чорабиниҳои хушдилкунанда ва истироҳат | 100,0 | 95,8 | 3,5 | 0,7 | 0,0 |
| Дигар хизматрасониҳо | 100,0 | 86,7 | 11,0 | 1,3 | 1,0 |

.

Аз ҷадвал бармеояд, ки дар намудҳои мухталифи фаъолияти иқтисодӣ андозаи музди меҳнати пардохташуда аз рӯи ҳаҷми маблағ хеле мухталиф мебошад. Вале боиси таъкид аст, ки тамоюл дар умум тағйироти ҷиддӣ (ғайр аз соҳаи миёнаравиҳои молиявӣ ва суғурта) надорад. Дар ин ҷо боиси таъкид аст, ки андозаи музди меҳнат аз рӯи пардохташ ба 4 гурӯҳ тақсим карда шудааст. Шахсоне, ки музди меҳнаташон то 3000 сомонӣ мебошад ба гурӯҳи алоҳида ворид карда шудааст, ки ҳиссаи онҳо қариб дар ҳама намудҳои фаъолият хеле баланд аст. Масалан, дар соҳаи кишоварзӣ, хоҷагии ҷангал ва моҳипарварӣ ҳиссаи кормандоне, ки музди меҳнаташон то 3000 сомонӣ мебошад, 99,5%-ро ташкил медиҳад, ки қариб 100% мебошад. Дар ин соҳа шахсоне, ки аз 3000 сомонӣ боло то 9000 сомонӣ маош мегиранд, соли 2023 ҳамагӣ 0,5%-ро ташкил кардааст, ки хеле кам аст. Дар ин соҳа шахсоне, ки ба дигар гурӯҳҳои ҷудогардида, яъне шахсоне, ки аз музди меҳнати аз 9000 сомонӣ боло ва 15 000 сомонӣ баландтар музди меҳнатдошта умуман мушоҳида карда намешавад, яъне мавҷуд нест.

Вале дар соҳаи саноат вазъият каме дигар аст. Мушоҳида мегардад, ки дар саноати коркард 80,7%-и корманд то 3000 сомонӣ маош гирад, маоши 18,4%-и корманд аз 3000 сомонӣ то 9000 сомонӣ мебошад. Инчунин, 0,7%-и кормандони дар ин соҳа фаъолиятдошта аз 9 то 15 ҳазор сомонӣ маош мегиранд ва танҳо 0,2%-и корманд зиёда аз 15 000 сомонӣ баландтар маош доранд. Боиси таъкид аст, ки дар бахши воқеӣ вазъи мазкур танҳо дар соҳаи саноату истихроҷ нишондиҳандаи хубтарро инъикос менамояд. Чӣ тавре ки дида мешавад, дар соҳаи истихроҷ 47,5% корманд то 3000 сомонӣ, 46,5% корманд аз 3000 то 9000 сомонӣ, 3,7%-и корманд аз 9000 сомонӣ то 15000 сомонӣ ва 2,3%-и корманд аз 15000 сомонӣ баландтар маош мегиранд. Ин нишондиҳанда дар бахши воқеӣ хеле нишондиҳандаи хуб маҳсуб мегардад.

Дар бахши хизматрасонӣ бошад, танҳо соҳаи миёнаравиҳои молиявӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ бартарӣ дорад. Инчунин, дар ин соҳа 45,1%-и кормандон маоши то 3000 сомонӣ дорад, музди меҳнати 43,8%-и

кормандон аз 3000 то 9000 сомонӣ, 7,5%-и кормандон аз 9000 то 15 000 сомонӣ, 3,6% -и кормандон аз 15000 сомонӣ баландтар мебошад. Дар дигар соҳаҳо бошад ин нишондиҳанда хеле кам аст.

Боиси зикр аст, ки дар умум вазъ аз рӯи андозаи музди меҳнати пардохташуда дар вилоят на он қадар хуб аст, яъне зиёда аз 90%-и кормандони кироякор музди меҳнати то 3000 сомона дорад, ки дар бештари ҳолатҳо барои таъмини зисту зиндагонӣ норасоӣ мегардад ва аз ин лиҳоз, яке аз сабабҳои асосии муҳоҷирати меҳнатӣ баҳри дарёфти музди маоши муносиб мегардад. Бинобар ин ҳар сол бо имконият баҳри баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ бо тавассути баланд бардоштани музди меҳнат пайваста бояд кӯшиш кунем.

Даромад ба ҳар нафар аҳолие, ки дар сарчашмаҳои оморӣ дарҷ гардидааст, барои баррасӣ дар ҷадвали 21 инъикос гардидааст.

**Ҷадвали 21**

## Сатҳи зиндагии аҳолӣ

## Ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоботи миёна [8, с. 123].

| | 2016 | | 2019 | | 2020 | | 2021 | | 2022 | | 2023 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | бо сомонӣ | бо ҳисоби % | бо сомонӣ | бо ҳисоби % | бо сомонӣ | бо ҳисоби % | бо сомонӣ | бо ҳисоби % | бо сомонӣ | бо ҳисоби % | бо сомонӣ | бо ҳисоби % |
| Ҳамагӣ- аз он ҷумла: | 418,52 | 100,0 | 543,11 | 100,0 | 671,05 | 100,0 | 854,22 | 100,0 | 1014,63 | 100,0 | 1142,56 | 100,0 |
| Даромадҳои меҳнатӣ | 244,80 | 58,5 | 306,26 | 56,4 | 305,68 | 45,5 | 386,82 | 45,3 | 405,67 | 40,0 | 419,89 | 36,1 |
| Нафақа, ёрдампулӣ, стипендия, пардохтҳои ҷубронӣ, аз он ҷумла кӯмаки башардӯстона | 22,74 | 5,4 | 33,41 | 6,2 | 49,47 | 7,4 | 71,06 | 8,3 | 73,81 | 7,3 | 83,1 | 7,3 |
| Даромад аз моликият ва фурӯши мулки ғайриманқул | 0,83 | 0,2 | 0,62 | 0,1 | 25,47 | 3,8 | 36,94 | 4,3 | 40,79 | 4,0 | 20,14 | 1,8 |
| Даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ | 51,18 | 12,2 | 51,12 | 9,4 | 74,34 | 11,1 | 91,04 | 10,7 | 88,34 | 8,7 | 109,98 | 9,6 |
| Дигар даромадҳои пулӣ (аз ҷумла даромад ва фаъолияти тиҷоратӣ ва фаъолияти мустақилонаи касбӣ) | 98,97 | 23,7 | 151,70 | 27,9 | 216,09 | 32,2 | 268,36 | 31,4 | 406,02 | 40,0 | 516,45 | 45,2 |

Дар ҷадвал сарчашмаҳои даромади меҳнатӣ, аз он ҷумла даромадҳои меҳнатӣ, нафақа, ёрдампулӣ, идрорпулӣ, пардохтҳои ҷубронӣ, аз он ҷумла кӯмаки башардӯстона, даромад аз моликият ва фурӯши мулки ғайриманқул, даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ, даромад ва фаъолияти тиҷоратӣ ва фаъолияти мустақилонаи касбӣ инъикос гардидааст. Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, сарчашмаҳои даромад ба ҳар нафар аҳолӣ дар солҳои баррасишаванда равишҳои сохтории мухталифро дорад. Масалан, даромадҳои меҳнатӣ агар соли 2016 (ин асосан музди меҳнат) 58,5%-ро ташкил карда бошанд, дар солҳои минбаъда коҳиш ёфта, соли 2023 ҳиссаи он ҳамагӣ 36,1%-ро ташкил кардааст. Даромад аз хоҷагиҳои ёрирасон низ чунин тамоюлотро ташкил медиҳад, яъне аз 12,2%-и соли 2016 ба 9,6% дар соли 2023 кам гардидааст. Баръакси он сарчашмаҳои дигар каме бошад ҳам, афзоиш ёфтааст. Масалан, ҳиссаи нафақа, ёрдампулӣ ва идрорпулиҳо аз 5,4%-и соли 2016 ба 7,3% дар соли 2023 баланд гаштааст. Инчунин даромад аз моликият ва фурӯши мулки ғайриманқул аз 0,2%-и соли 2016 ба 1,8% ба соли 2023 расидааст. Боиси зикр аст, ки афзоиши назаррас дар ҳиссаи даромад аз фаъолияти тиҷоратӣ ва фаъолияти касбӣ нишон медиҳад, яъне соли 2016 ҳиссаи он ҳамагӣ дар даромади аҳолӣ 23,7% буд ва соли 2023 бошад он ба 45,2% расидааст, ки афзоиши баланд ба ҳисоб меравад.

Боиси қаноатмандӣ аст, ки дар ин самт аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар паём қотеъона меъёри фоизи баланд бардоштани музди меҳнат ишора мегардад ва он дар амал ҷорӣ карда мешавад. Алалхусус дар паёми соли 2023 оид ба масъалаи мазкур чунин омадааст: "Дар баробари ин, ҷиҳати идома додани ғамхории давлат ва Ҳукумати мамлакат ба мардуми кишвар, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии сокинон ва тақвият бахшидани ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ супориш медиҳам: ... –аз 1-уми июли соли 2024 маоши вазифаи кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, дигар ташкилотҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ ва буҷетӣ, инчунин,

идрорпулиҳо 40 фоиз зиёд карда шаванд ... Ҳамзамон бо ин, аз 1-уми июли соли 2024 ҳадди ақали музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба андозаи 800 сомонӣ дар як моҳ муқаррар карда шавад. Ба Ҳукумати мамлакат, аз ҷумла Вазорати молия ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки ҷиҳати амалӣ намудани иқдоми зикршуда тадбирҳои зарурӣ андешанд" [162, с. 49].

Чунин иқдомҳои Ҷаноби Олӣ бевосита дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ инъикос мегардад, ки онро дар ҳаёти аҳолии кишвари азизамон Тоҷикистони соҳибистиқлол, яъне дар ҳалли минтақаҳои он низ дар солҳои охир мушоҳида карда истодаем. Дар ин радиф, дигар нишондиҳандаи сатҳи зиндагии аҳолие, ки ҳамчун даромад ба ҳар нафар аҳолӣ мебошад, дида мебароем, зеро музди меҳнат низ яке аз унсурҳои таркибии даромади меҳнатӣ ҳисоб меёбад. Ин нишондиҳанда дар маводҳои оморӣ бо тарзи пурсиш ва интихобӣ гузаронида мешавад, ки он ба ҳамагон маълум аст.

# БОБИ III. ТАКМИЛИ ТАНЗИМИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚА

## 3.1. Идоракунии омилҳои рушди бозори меҳнати минтақа ва таъмини ҳамгироӣ бо таҳсилоти олӣ

Дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ ҳиссаи минтақаҳои таркибии он нақши муҳимме дорад, зеро муваффақияти ҷумҳурӣ аз муваффақиятҳое, ки дар минтақаҳо дастрас мегардад, ташаккул меёбад. Вале мутаассифона, дар кулли минтақаҳо дар як вақт ба рушди мутавозини иқтисодиёти минтақаҳо ноил гардидан хеле душвор аст, зеро дар ҳар яки он ҷараёни маҳсулнокии меҳнат, иқтидори истеҳсолӣ, шароити табиӣ-иқлимӣ ва иқтидори меҳнатӣ гуногун аст. Илова бар он гуногунҷабҳагии минтақавӣ дар сатҳи фаъолнокии иқтисодӣ, сохтори шуғл, теъдоди бекорӣ, талабот ба қувваи корӣ, хусусиятҳои гендерӣ, минталитети аҳолӣ инъикос меёбад. Аз андешаҳои қайдгардида бармеояд, ки бозори меҳнат дар низоми бозорҳои минтақавӣ унсури таркибии асосӣ мебошад. Инро бо он мудаллал намудан мумкин аст, ки бозори меҳнати минтақа ба тағйиротҳои гуногун, дар назар дошта мешавад тағйиротҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ хеле ҳассос вокуниш нишон медиҳад. Аз ин лиҳоз, танзими бозори меҳнат дар сатҳи минтақа бояд мундариҷаи омилҳои мустақим ва ғайримустақиме, ки дар умум шароити рушди бозори меҳнати минтақаро муайян менамояд бояд, ба инобат гирифта шавад. Бо ибораи дигар гӯем, омилҳое, ки дар натиҷаи таъсираш ҷараёни ташаккулёбӣ ва рушди бозори меҳнати минтақа ҳиссаи назаррас дорад, бояд доимо объекти танзим бошад.

Дар илми иқтисодӣ нуқтаи назари гуногун оид ба мундариҷаи омилҳои таъсиррасон ба рушди бозори меҳнати минтақа мавҷуд мебошад. Масалан, дар яке аз сарчашмаҳои иқтисодӣ омилҳои зерин гурӯҳбандӣ карда шудааст: «омилҳои сиёсӣ-ҷуғрофӣ; демографӣ; молиявӣ-иқтисодӣ; иҷтимоӣ-сиёсӣ» [131, с. 22].

Дар дигар сарчашма бошад, ба номгӯи омилҳое, ки ба рушди бозори меҳнати минтақа таъсир мерасонад, зеринҳо ворид карда шудааст: «омили сохторӣ; табиию захиравӣ; ҳудудӣ; иқтисодӣ; иҷтимоӣ» [99, с. 22-23].

Солҳои истиқлолият аз ҷониби олимони ватанӣ низ тадқиқотҳо роҷеъ ба омӯзиши таъсири омилҳо ва танзими он амалӣ карда шудааст. Дар ин ҷо мехостем як-ду нуқтаи назари олимони ватаниро ибрози ақида намоем.

Яке аз олими тоҷик Исмаилов Абуали Махмадалиевич дар мақолаи хеш роҷеъ ба нишондиҳандаҳои рушди минтақавии бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд менамояд, ки “... рушди бозори меҳнати дохилӣ ва баланд бардоштани шуғли аҳолӣ аз чунин омилҳо вобаста аст:

1.Омилҳои асосии рушди бозори меҳнат, пеш аз ҳама, хусусиятҳои демографии аҳолӣ, шуғл дар бахши ғайрирасмии иқтисодиёт мебошанд.

2. Дар сохтори бахши воқеӣ иқтисодиёти минтақаҳои дорои сатҳи шуғлнокии баланди аҳолӣ мебошанд (вилоятҳои Суғд ва Хатлон) ҳиссаи меҳнати кишоварзӣ ва маоши пасттарин зиёд аст. Баръакс, минтақаҳои дорои сатҳи бекории баланд (ВМКБ, ШНТҶ) маҳз дар бахши воқеии иқтисодиёт сатҳи пасти шуғлнокӣ доранд.

3. Бояд иқрор шуд, ки тибқи маълумоти расмӣ 73,9 фоизи ҷойҳои холии эълоншуда корхонаҳои давлатӣ мебошанд, ки маъмулан маоши миёнаашон паст аст. Тафовути маош дар Тоҷикистон афзоиши муҳоҷирати кории хориҷиро, асосан ба Федератсияи Россия ва дигар кишварҳои ИДМ таҳрик менамояд. Масалан, назар ба коргарони Тоҷикистон музди миёнаи якмоҳаи номиналии ҳисобшудаи коргарон дар Федератсияи Россия 7,4 баробар, дар Қазоқистон 5,8 баробар зиёд аст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ мусоидат намуда, ҷойҳои нави корӣ бо маоши ҷолибтар таъсис дода шаванд [116, с. 386-390].

Ё ин ки олими дигари тоҷик Кармышева Майсара Назруллоевна дар мақолаи хеш роҷеъ ба роҳҳои баланд намудани ҳосилнокии меҳнат дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин қайд кардааст: “... вобаста аз таҷрибаи хоҷагидорӣ мумкин аст чор гурӯҳи омилҳои муайянкунандаи маҳсулнокии

меҳнат ҷудо карда шаванд: илмӣ-техникӣ (инноватсионӣ), ташкилӣ, сохторӣ ва иҷтимоӣ" [119, с. 222-230]. Омилҳои номбаркардашуда ба субъектони хоҷагидорӣ нақши калидии ҳосилнокии меҳнат буда, он ба тараққиёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат таъсир мерасонад. Ҳамзамон, баланд шудани ҳосилнокии меҳнат дар соҳаҳои мухталиф азнавкунии таҷҳизоти хӯрдашуда ва васеъшавии имкониятҳои истеҳсолиро тақозо менамояд. Масалан, ӯ иброз менамояд, ки "омилҳои иҷтимоӣ ба онҳо пеш аз ҳама такомули ташкили ҷараёни меҳнат бавоситаи ҷорӣ намудани коркардҳои нави ҷаҳонӣ ва истифодабарии таҷрибаи ҷаҳонӣ дохил мешаванд. Ба шумораи усулҳои ташкили ҷараёни меҳнат, ки дар зери назари доимии ҷамъият қарор дорад унсурҳои зерин дохил мешаванд: - васеъшавии уҳдадориҳои касбӣ, ваколатҳо ва имкониятҳои коргарон дар қабули қарори идоракунӣ; - иваз намудани ҷои корӣ ва вазифаҳо дар давоми рӯз ва ё ҳафтаи корӣ; - васеъшавии ҳаҷми амалиётҳои иҷро мекарда ва иҷрои вазифаҳои нисбатан мураккаб; - ташкили озодонаи реҷаи корӣ бо дарназардошти тағйирёбандаи рӯзи корӣ; - ҷойивазкунии касбии давра ба давра ва ҳамгироии касбҳои якҷинса." [119, с. 226-230].

Чунин гуна ақидаҳо хеле зиёданд. Инчунин ақидаҳои нишондиҳандаашуда аз ақидаҳои изҳоргардида бисёрҷанбагии нуктаҳои илмиро оид ба гуногунии омилҳо исбот менамояд ва дар ин ҷо басанда мебошад. Зеро дар ин ҷо ҳадафи асосии мо на инъикоси ақидаҳо, балки арзёбии сатҳи таъсири омилҳо мебошад. Дар ҳақиқат, олимони иқтисоддон, мутахассисон, сиёсатмадорон дуруст қайд менамоянд, ки дар ташаккули сифатӣ ва амалӣ намудани оптималии бозорҳои минтақавии меҳнат ғеҷишҳои сохторӣ (структура сдвиг) нақши доминантӣ дорад. Ҳамчун омили муҳим ғеҷиши сохторӣ дар бозори меҳнат муаммоҳои шуғлро нишон медиҳад. Зеро дар сохтори шуғл дар натиҷаи тағйиротҳо дар иқтисодиёти минтақа ғеҷиши шуғл дар соҳаҳои иқтисодиёт ба амал меояд, яъне тамоюли тағйироти қувваи корӣ аз кишоварзӣ ба саноат ё ин ки аз соҳаи саноат ба соҳаи хизматрасонӣ, аз соҳаи маориф ба соҳаи савдо ва ғайраро мушоҳида кардан мумкин аст. Дар

асоси маводҳо аз иқтисодиёти вилояти Суғд вазъи омили сохториро мехостем, баррасӣ намоем. Боиси зикр аст, ки нишондиҳандаҳое, ки ғеҷиши сохториро арзёбӣ намудан истифода бурда мешавад, хеле зиёд аст. Вале дар ин ҷо барои дастрас намудани мақсади гузошташуда мо мехостем, яке аз аз усуле, ки бештар паҳн гаштааст, истифода намоем. Чӣ тавре ки маълум аст ин нишондиҳандаи мутлақи ғеҷишҳои сохторӣ мебошад. Чӣ тавре ки маълум аст, ин нишондиҳанда нишондиҳандаи ғеҷиши сохтории мутлақ, ки дар он ягон (сол, давра) муайян ҳамчун асоси муқоиса интихоб карда мешавад ва ҳамаи дигар нишондиҳандаҳо бо он муқоиса карда мешавад. Дар сарчашмаҳои илми иқтисодӣ онро бо чунин формула инъикос менамоянд: [120, с. 64].

$$J_d = \frac{d_i}{d_o}$$

Дар ин ҷо $d_i$ – ҳиссаи нишондиҳанда дар гурӯҳ дар давраи $i$;

$d_o$ – ҳиссаи нишондиҳанда дар гурӯҳ дар даврае, ки ҳамчун асоси муқоисавӣ интихоб гардидааст.

Дар асоси истифодабарии услуби мазкур ғеҷишҳои сохториро дар иқтисодиёти вилояти Суғд ҳисоб менамоем, ки натиҷаи он дар ҷадвали 22 инъикос гардидааст.

**Ҷадвали 22**

**Ғеҷишҳои сохторӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд аз рӯи нишондиҳандаҳои сохтори аҳолӣ [8, с. 83].**

| Соҳаҳои хоҷагии халқ | 2010 $d_o$ | 2015 | | 2020 | | 2021 | | 2022 | | 2023 | | Ҳисоби миёна $j_d$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | $d_i$ | $j_d$ | $d_i$ | $j_d$ | $d_i$ | $j_d$ | $d_i$ | $j_d$ | $d_i$ | $j_d$ | |
| Кишоварзӣ хоҷагии ҷангал ва моҳипарварӣ | 57,3 | 53,8 | 0,94 | 55,4 | 0,97 | 55,2 | 0,96 | 55,8 | 0,97 | 55,6 | 0,97 | 0,96 |
| Истихроҷи канданиҳои фоиданок | 1,3 | 1,9 | 1,46 | 2,1 | 1,62 | 2,1 | 1,62 | 2,1 | 1,62 | 2,1 | 1,62 | 1,58 |
| Истеҳсоли коркард | 6,8 | 5,8 | 0,85 | 5,2 | 0,76 | 5,1 | 0,75 | 5,1 | 0,75 | 5,4 | 0,79 | 0,78 |

*Идомаи ҷадвали 6.*

| | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Таъмини нерӯи барқ, газ, буғ ва хунуккунии ҳаво | 0,8 | 1,2 | 1,50 | 0,7 | 0,88 | 0,7 | 0,88 | 0,7 | 0,88 | 0,6 | 0,75 | 0,98 |
| Таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастрасии коркарди дуюмдарача | 0,8 | 1,2 | 1,50 | 0,8 | 1,00 | 0,7 | 0,88 | 0,7 | 0,88 | 0,7 | 0,88 | 1,03 |
| Сохтмон | 1,3 | 1,1 | 0,85 | 0,9 | 0,69 | 0,9 | 0,69 | 1 | 0,77 | 1,1 | 0,85 | 0,77 |
| Савдои яклухт ва чакана, таъмири нақлиёти автомобилӣ ва мотосиклҳо | 2 | 2,2 | 1,10 | 1,5 | 0,75 | 1,7 | 0,85 | 1,7 | 0,85 | 1,8 | 0,90 | 0,89 |
| Нақлиёт ва хоҷагии анбор | 1,2 | 1,3 | 1,08 | 0,7 | 0,58 | 0,7 | 0,58 | 0,7 | 0,58 | 0,7 | 0,58 | 0,68 |
| Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 0,2 | 0,4 | 2,00 | 0,3 | 1,50 | 0,3 | 1,50 | 0,4 | 2,00 | 0,6 | 3,00 | 2,00 |
| Иттилоот ва алоқа | 0,5 | 0,2 | 0,40 | 0,4 | 0,80 | 0,4 | 0,80 | 0,3 | 0,60 | 0,3 | 0,60 | 0,64 |
| Миёнаравиҳои молиявӣ ва суғурта | 1 | 2 | 2,00 | 1,5 | 1,50 | 1,3 | 1,30 | 1,3 | 1,30 | 1,4 | 1,40 | 1,50 |
| Амалиётҳо бо амволи ғайриманқул | 0,4 | 1 | 2,50 | 0,4 | 1,00 | 0,4 | 1,00 | 0,4 | 1,00 | 0,4 | 1,00 | 1,30 |
| Идоракунии давлатӣ, мудофиа, таъмини амният ва суғуртаи иҷтимоӣ | 1,7 | 1,5 | 0,88 | 2,5 | 1,47 | 2,7 | 1,59 | 2,6 | 1,53 | 2,5 | 1,47 | 1,39 |
| Маориф | 15,4 | 16,9 | 1,10 | 17 | 1,10 | 17,1 | 1,11 | 16,7 | 1,08 | 16,5 | 1,07 | 1,09 |
| Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 7,2 | 8 | 1,11 | 8 | 1,11 | 8 | 1,11 | 7,8 | 1,08 | 7,8 | 1,08 | 1,10 |
| Дигар хизматрасониҳо | 3 | 2,9 | 0,97 | 0,8 | 0,27 | 0,7 | 0,23 | 0,8 | 0,27 | 0,8 | 0,27 | 0,40 |

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал бармеояд, ки бо густариш ва рушди муносибатҳои бозорӣ ғеҷишҳои сохторӣ дар соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғд бо тарзи доимӣ роҳандозӣ мегардад. Ин тамоюлот қонуни объективӣ дорад, яъне бо рушди муносибатҳои бозоргонӣ конъюктураи бозор тағйир ёфта, нисбат ба баъзе соҳаҳои иқтисодиёт талабот афзоиш меёбад, нисбати дигараш коҳиш мегардад ё бетағйир мемонад. Он соҳаҳое, ки нисбат ба маҳсулоташ талабот зиёд аст, фаъолнокии иқтисодӣ афзоиш меёбад. Соҳаҳое,

ки таваҷҷуҳ коҳиш меёбад дар навбати худ фаъолнокии иқтисодӣ низ рӯ ба коҳиш мениҳад.

Натиҷаҳои ҷадвал шаҳодат медиҳад, ки дар 13 соли охире, ки мавриди баррасӣ қарор дода шудааст, ин аз соли 2010 то соли 2023 дар соҳаи кишоварзӣ ғеҷиши сохторӣ ба самти манфӣ тамоюл доштааст, ки ба ҷои афзоиш, фаъолнокӣ дар ин соҳа нисбат ба соли 2010 рӯ ба коҳишёбӣ дорад. Яъне ба ҳисоби миёна шохиси ғеҷиши сохторӣ 0,96 баробар гаштааст, ки маънои камшавии шуғли аҳолиро дар ин соҳа инъикос менамояд. Айнан чунин гуна тамоюлотҳои коҳиши шуғлнокӣ дар сохторҳои зерин низ мушоҳида мегардад: - таъмини нерӯи барқ, газ, буғ ва хунуккунии ҳаво, шохиси ғеҷиши сохторӣ ба ҳисоби миёна ба 0,98 баробар аст; - савдои яклухт ва чакана, таъмири нақлиёти автомобилӣ ва мотосиклҳо, шохиси ғеҷиши сохторӣ ба ҳисоби миёна ба 0,89 баробар аст; - коэффитсиенти мазкур дар нақлиёт ва хоҷагии анбор бошад, ба 0,68; - дар соҳаи иттилоот ва алоқа – 0,64 баробар гаштааст, ки оид ба камшавии шуғли аҳолиро дар ин соҳаҳо инъикос менамояд.

Дар навбати худ шохиси ғеҷиши сохторӣ нишон медиҳад, ки дар солҳои баррасишаванда фаъолнокии иқтисодӣ дар соҳаҳои зерини иқтисодиёт афзоиш ёфтааст, ки шуғлнокии аҳолӣ дар онҳо рӯ ба рушд дорад. Алалхусус, соҳаи саноати истихроҷи канданиҳои фоиданок шохиси ғеҷиши сохторӣ ба ҳисоби миёна нисбат ба соли 2010 1,58 баробар гаштааст, ки афзоиши назарраси шуғли ин соҳаро дар бозори меҳнат инъикос менамояд. Дар байни соҳаҳо ғеҷиши сохтории мусбӣ дар соҳаи хизматрасонии меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо мушоҳида мегардад, ки шохиси мазкур ба 2,00 баробар аст, яъне гуфтан мумкин аст, ки шуғлнокӣ дар ин ҷо 2,0 маротиба зиёд гаштааст. Ҳолати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки дар бозори меҳнат талабот ба мутахассисону кормандони соҳаи мазкур афзоиш дорад. Ин гуна тамоюлоти мусбии ғеҷиши сохторӣ дар соҳаи таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастрасии коркарди дуюмдараҷа ба 1,03, миёнаравиҳои молиявӣ ва суғурта – 1,50, амалиёт ба амволи ғайриманқул ба 1,30,  идоракунии давлатӣ, мудофиа,

таъмини амният ва суғуртаи иҷтимоӣ ба 1,39, маориф ба 1,09, тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ ба 1,10 баробар аст.

Аз ин чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки минбаъд дар бозори меҳнати минтақа талаботи кор ба соҳаҳои мазкур афзоиш ёбад.

Шуғл нишондиҳандаи муҳимми бозори меҳнат ба шумор рафта, дараҷаи истифодабарии самараноки қувваи кориро ифода мекунад. Шуғл нишондиҳандаи иқтисодӣ буда, дараҷаи он аз шароит ва имконоти дигар соҳаҳо вобастагӣ дорад. Ба андешаи мо, дар шароити муосир, сатҳи шуғл дар зери таъсири омилҳои гуногун метавонад тағйир ёбад, ки ба ин омилҳои зерин: иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, демографӣ ва муҳити географии минтақавӣ дохил мешаванд.

Омилҳои иқтисодии шуғл бо хусусиятҳои тақсимот ва рушди қувваҳои истеҳсолкунанда алоқаманданд.

Омилҳои иҷтимоии шуғл аз сабаби хусусиятҳои ташаккули шароити фаъолияти меҳнатии аҳолӣ, сифати низоми тандурустӣ, сатҳи маълумотнокии аҳолӣ ва ғайра иборат мебошанд.

Омилҳои сиёсӣ дар худ муҳити ороми барои кор мусоидро инъикос мекунанд, ки ба шуғли аҳолӣ таъсири мусбат мерасонанд.

Омилҳои демографии шуғл ба хусусиятҳои бозтавлиди аҳолӣ вобастаанд. Ба онҳо сохтори гендерӣ ва синну сол, суръати афзоиши шумораи аҳолӣ, шумораи қувваи корӣ, сатҳи таваллуд, фавт ва муҳоҷирати аҳолӣ дохил мешаванд.

Омилҳои ҷуғрофӣ, имкониятҳои захиравии муҳити зисти аҳолиро тавсиф мекунанд. Ҳамзамон, инфрасохтори минтақа метавонад ба шуғли аҳолӣ таъсири мусбӣ ва манфӣ расонад. Чунончи, аз ҳисоби зиёд будани корхонаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ дар вилояти Суғд ва шаҳри Душанбе, ҳиссаи шуғли аҳолӣ нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ бештар гардидааст .

Дар шароити муосири рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ яке аз заминаи асосӣ барои рушди бозори меҳнати минтақавӣ омили сиёсӣ мебошад. Мундариҷаи омили мазкур дар мавҷудияти сулҳу субот, иродаи қавии роҳбарияти давлат дар

масъалаи таъмини ҳифзи манфиатҳои шаҳрвандон, амният инъикос мегардад. Дар ин масъала хеле хурсандиовар аст, ки аз соли 1997 инҷониб дар ҳамаи минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сулҳу суботи қавӣ ҳукмфармо мебошад, ки натиҷаи сиёсати оқилонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва хиради бузурги халқи Тоҷикистон ба даст гирифта шудааст.

Дар Конститутсия алоҳида таъкид карда шудааст, ки волоияти қонун дар ҷумҳурӣ яке аз арзишҳои олии ҳуқуқӣ мебошад, ки аз ҷониби ҷомеаи кишвари азизамон боиси ифтихор, боиси эътибор мебошад. Дар ҳақиқат ин ҳадаф дар ташаккули иқтисодиёти конститутсионӣ замина мегузорад. Инчунин дар моддаи якуми Конститутсия муқаррар гардид, ки “Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад” [4, с. 2]. Шаҳрвандони кишвари азизамон аз ин ҳуқуқҳои худ бархурдор мебошад. Илова бар он аз рӯзҳои аввали давлатдорӣ дар мурочиатнома, дастуру супоришҳои худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид менамояд, ки ҳадафи асосии стратегияи давлатӣ ин таъмини сатҳи зиндагии шоиста, баланд бардоштани некуаҳволии сокинони ҷумҳурӣ мебошад. Бинобар ин дар барномаҳо, стратегия ва консепсияи коркардгардида дар асоси гузаронидани таҳлилҳои аниқу дақиқ чораҳои мушаххас оид ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар асоси беҳтар намудани некуаҳволии аҳолӣ коркард ва пешниҳод мегардад. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ, ки соли ҷорӣ 34-солагӣ дар назар аст дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо корҳои ободкорию созандагӣ идома дорад. Дар ин радиф боиси зикр аст, ки Тоҷикистон узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ аст ва дар зери таъсири ҷаҳонишавӣ қарор дорад. Бинобар ин дар ташаккули муносибатҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнат бояд ҷараёнҳое, ки дар бозори меҳнати ҷаҳон тамоюлотҳои рушд дорад ба инобат гирифтан зарур аст, зеро торафт афзоиши ҷаҳонишавӣ воридшавии ҷумҳурӣ ба ҳар гуна ташкилотҳои байналхалқӣ бо тарзи объективона дар бозори меҳнати минтақаҳо тағйиротҳои ҷиддиро талаб менамояд. Зеро бо тавассути гузаронидани дарҳои кушод робитаҳои бахши

хусусии ватанӣ (корхонаву муассисаҳо) бо бахши хусусии кишварҳои хориҷа робитаҳоро густариш медиҳад. Ин гуна густариши робитаҳо дар навбати аввал таъминнокии кадриро ба миён мегузорад, ки аз вазъи бозори меҳнат вобаста аст.

Омили дигар, ин мавқеи ҷуғрофии минтақа мебошад, ки дар ташаккули бозори меҳнат таъсири худро дорад. Дар ин ҷо масъалаи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, яъне ҳамсарҳадӣ бо дигар минтақаҳои кишварҳои хориҷӣ муҳити чӣ гуна дорад, шароити иқлимӣ, яъне истеҳсоли кадом маҳсулотҳои мусоидаткунанда, мавҷудият ва таркиби захираҳои табиӣ, сохтори соҳавии иқтисодиёт дар назар мебошад. Ҳоло оид ба якчанд нуқтаи қайдгардида нисбат ба иқтисодиёти вилояти Суғд истода мегузарем.

**Ҷадвали 23**

**Таркиби сохтори соҳавии иқтисодиёти вилояти Суғд [8, с. 10-12].**

бо ҳисоби фоиз

| | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| Маҳсулоти умумии минтақавӣ | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |
| Маҳсулоти саноатӣ | 29,8 | 43,2 | 43,8 | 44,1 | 45,4 |
| Маҳсулоти кишоварзӣ | 52,1 | 47,0 | 48,3 | 48,1 | 47,1 |
| Дигар соҳаҳо | 18,1 | 9,8 | 7,9 | 7,7 | 7,5 |

Нисбат ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ба вилояти Суғд аз иқтисоди собиқ Шуравӣ мероси хуб дар соҳаи саноат боқӣ мондааст, яъне бо ибораи дигар дар давраи иқтисодиёти сотсиалистӣ ҳам вилояти Суғд ҳамчун минтақаи саноатӣ ба ҳисоб мерафт. Бинобар ин таъсири он дар солҳои соҳибистиқлолӣ боқӣ мондааст, ки дар нишондиҳандаҳои сохтори соҳавии вилоят инъикос мегардад. Масалан, аз ҷадвал бармеояд, ки ҳиссаи соҳаи саноат соли 2015 агар 29,8 фоизро ташкил карда бошад, ки ин ҳам дар миқёси дигари ҷумҳурӣ нишондиҳандаи баланд буд, пас аз эълон гаштани ҳадафи саноатикунонии босуръат (аз соли 2018) боз соҳаи саноат афзоиш ёфта, соли 2023 ҳиссаи он дар МММ-и вилоят 45,4%-ро ташкил кардааст, ки рӯ ба афзоиш дорад. Новобаста аз ин ҳиссаи соҳаи кишоварзӣ ҳоло ҳам дар соҳаи кишоварзӣ дар истеҳсоли МММ назаррас аст. Бинобар ин, дар соҳаи меҳнат, шуғли аҳолӣ дар соҳаи кишоварзӣ ҳоло ҳам зиёд аст.

Дар солҳои охир масъалаи тағйирёбии иқлим таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифтааст. Зеро тағйирёбии иқлим ба муҳити зист низ таъсири манфии худро мерасонад. Иқлими кишвари мо - Тоҷикистонро асосан гарму хушк, континенталии шадид бо зимистону кӯтоҳи мулоим ва тобистони тӯлонӣ муаррифӣ кардаанд. Иқлими вилояти Суғд низ континенталӣ буда, ҳарорати миёнаи моҳи январ (дар водӣ) - 1°С, моҳи июл + 28°С, дар баландии 1000 м бошад мутобиқан – 4°С ва +26°С ташкил медиҳад. Боришот 150 – 400 мм дар як солро ташкил медиҳад. Азбаски вилояти Суғд дар қисми тангнои водии Фарғона ҷойгир шудааст, ин ҷо ҳамеша иваз шудани ҳаво бо вазидани шамолҳо, махсусан дар резишгоҳи дарёи Сир ва обанбори Қайроққум ба назар мерасад [154].

Чун узви ҷудонашавандаи ҷумҳурӣ Тоҷикистон, вилояти Суғд низ минтақаи сайёҳӣ шуда метавонад, зеро дар ин ҷо хеле зиёд мавзеъҳои таърихӣ ҷойгир аст, ки метавонад ҳамчун объекти сайёҳӣ баромад кунад. Баъзеи онҳоро номбар менамоем: шаҳри қадимаи Саразм (зиёда аз 5500 сол), шаҳри Истаравшан (зиёда аз 2500 сол), шаҳри Хуҷанд (2700 сол), кӯҳҳои Фон, Ҳафткӯл дар шаҳри Панҷакент, Искандаркӯл, шаҳри Конибодом, шаҳри Бунҷикат (дар ноҳияи Шаҳристон) ва садҳо чунин дигар объектҳоро номбар кардан мумкин аст. Барои рушди сайёҳӣ дар вилоят солҳои охир кӯшиш дода шуда истодааст, ки инфрасохтори сайёҳиро эҳё намояд. Ҳоло дар вилоят зиёда аз 43 - истироҳатгоҳ, 5 – осорхона, 33 – зиёратгоҳ, 19 – боғҳои истироҳатӣ, 13 – осоишгоҳ, 7- минтақаи шикор, 191- тарабхона, 30 – ҳавзи моҳигирӣ, 49 - меҳмонхона аз ҷумлаи онҳост [154].

Дар қаламрави вилоят барои рушди соҳаи саноати коркард иктидорҳои зиёд мавҷуд аст. Масалан, вилоят дорои чунин гуна металҳои қиматбаҳо: сурма, руҳ, мис, бор, фтор, намаки сангӣ, фолфрам, оҳан ва ғайраро мебошад. Илова бар он рушди соҳаи саноати сохтмон низ имкониятҳо васеъ мебошад. Аз рӯи баъзе сарчашмаҳо дар вилояти Суғд зиёда аз 400 конҳои маданӣ, 214 конҳои металҳои қиматбаҳо кашф карда шудааст. Дар асоси ин захираҳои

табиӣ теъдоди корхонаҳои саноатӣ имрӯз дар вилояти Суғд рӯ ба афзоиш дорад.

Дар харитаи географии ҷаҳон вилояти Суғд минтақаи шимолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муаррифӣ ёфтааст. Ҳудуди вилоятро асосан кӯҳҳо ташкил медиҳад. Дар шимол каторкуҳҳои Қурама (баландиаш 3769 м) ва Муғул (1624 м) ҷойгир шудааст, ки ба силсилаи кӯҳҳои Тиёншон дохил мешавад. Самти ҷанубӣ бо силсилакӯҳҳои Туркистон (5509 м), Зарафшон (5489 м) ва Ҳисор банд мебошад, ки ба силсилаи кӯҳҳои Ҳисору Олой мансуб аст. Байни силсилакӯҳҳои Қурама ва Туркистон, қисми ғарбии водии Фарғона мавқеъ дорад, ки аз он дарёи Сир мегузарад. Қаторкӯҳҳои Туркистон ва Зарафшонро водии Фарғона аз ҳам ҷудо мекунад [8, с. 7].

Вилояти Суғд – вилояти маъмурӣ дар таркиби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таърихи қадим ва мавқеи ҷуғрофӣ мебошад. Аз лиҳози ҷойгиршавии мусоиди худ, вилояти Суғд ҳамчун дарвозаи тиҷоратии шимолии Тоҷикистон ва дурдонаи водии Фарғона машҳур аст. Аз ҳудуди вилояти Суғд ҳамаи системаҳои ҳаётбахшандаи водии Фарғона мегузарад. Инҳо роҳҳои оҳан, шабакаи газии байниҷумҳуриявӣ, хатҳои баландшиддати барқӣ ва роҳҳои автомобилгарди аҳаммияти байналмилалидошта мебошанд. Вилояти Суғд дар иқтисодиёти Тоҷикистон нақши муҳимро мебозад. Нуфузу иқтидори саноатӣ ва аграрии ҷумҳурӣ дар ҳамин вилоят баланд аст.

Дар вилояти Суғд саноати коркарди кӯҳӣ, махсусан коркарди металҳои ранга ва камёб рушд ёфтааст. Дар вилоят корхонаҳои коркарди тилло, нуқра, сурб, руҳ, ангишт, санги хоро, мармар, гач, қуми кварсдор ва дигар манбаъҳои табиӣ мавҷуданд.

Ҳамаи инҳо имконият медиҳад, ки вобаста аз омилҳои номбаркардашуда ба аҳолӣ ҷойҳои корӣ дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёти вилояти Суғд рӯз аз рӯз муҳайё гардида истодааст.

Дар байни омилҳо дар ташаккули бозори меҳнати минтақавӣ омилҳои иҷтимоӣ бештар аҳаммият дорад. Зеро вақте ки сухан дар бораи омилҳои

иҷтимоӣ меравад, сатҳи зиндагии аҳолии минтақа, ҳадди ақали зиндагӣ дар минтақа, сатҳи бекорӣ дар назар аст. Вазъи баъзеи онҳоро баррасӣ менамоем.

**Ҷадвали 24**

**Ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна [8, с. 123].**

(аз рӯи маълумоти тадқиқоти интихобии хонаводаҳо)

моҳе ба як аъзои хонавода

| | Солҳо | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | 2015 | | 2020 | | 2023 | |
| | бо сомонӣ | бо ҳисоби фоиз % | бо сомонӣ | бо ҳисоби фоиз % | бо сомонӣ | бо ҳисоби фоиз % |
| Ҳамагӣ, аз ҷумла: | 380,01 | 100,0 | 671,05 | 100,0 | 1142,56 | 100,0 |
| даромадҳои меҳнатӣ | 196,96 | 51,8 | 305,68 | 45,5 | 419,89 | 36,1 |
| нафақа, стипендия, пардохтҳои ҷубронӣ, | 20,30 | 5,3 | 49,47 | 7,4 | 83,1 | 7,3 |
| даромад аз моликият ва мулки ғайриманқул | 0,01 | - | 25,47 | 3,8 | 20,14 | 1,8 |
| даромад аз хоҷагии ёрирасони шахсӣ | 70,62 | 18,6 | 74,34 | 11,1 | 109,98 | 9,6 |
| дигар даромадҳои пулӣ (аз фаъолияти тиҷоратӣ, мустақили касбӣ) | 92,12 | 24,3 | 216,09 | 32,2 | 516,45 | 45,2 |

Чӣ тавре ки аз ҷадвал бармеояд, бо тарзи мутлақ ҳаҷми даромад ба ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна ҳоло ҳам нокифоя аст. Масалан, соли 2023 ҳаҷми он ба 1142,56 сомониро ташкил кардааст, ки барои таъмини зисти муносиб на он қадар басанда аст. Агар ба сохтори он нигоҳ кунем, ҳиссаи даромадҳои меҳнатӣ дар солҳои баррасишаванда рӯ ба коҳишёбӣ дорад. Масалан, агар соли 2015 даромадҳои меҳнатӣ 51,8%-и даромадҳои умумиро ташкил карда бошанд, соли 2023 ин нишондиҳанда ба 36,1% поён рафтааст. Дар навбати худ даромад аз фаъолияти тиҷоратӣ афзоиш ёфтааст, яъне аз 24,3%-и соли 2015 ба 45,2% дар соли 2023 расидааст. Ин ҳамааш аз тағйирот дар бозори меҳнатӣ шаҳодат медиҳад.

Омили дигаре, ки дар рушди бозори минтақавии меҳнат саҳми назаррас дорад, ин омилҳои демографӣ аст. Дар ин ҷода шумораи аҳолии минтақа бо назардошти аҳолии деҳот ва шаҳр, афзоиши табии аҳолӣ ва мигратсия таъсири бевосита барои рушди иқтисодиёти бозори меҳнати минтақа дорад.

Аз ин номгӯ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар минтақаҳои он унсурҳои аввал таъкиддошта таъсироти мусбӣ дорад. Зеро ҳоло дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он алалхусус дар вилояти Суғд афзоиши табиии аҳолӣ, гарчанде ки нисбат дар солҳои пешин кам бошад ҳам, бо рақамҳои мусбӣ арзёбӣ мегардад. Танҳо муҳоҷирати аҳолӣ бошад дар солҳои соҳибистиқлолӣ то ҳол ба кишварҳои хориҷа таъсири манфӣ дорад.

Дар ҷадвали 25 иттилоот оид ба баъзеи нишондиҳандаҳои омили демографӣ истода мегузарем.

**Ҷадвали 25**

**Нишондиҳандаҳои асосии демографии вилояти Суғд, ҳаз. нафар [8, с. 9-39].**

| | Воҳид | Солҳо | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
| Шумораи аҳолии доимӣ | ҳаз.нафар | 2707,3 | 2793 | 2823,9 | 2870 | 2917,3 |
| | Рушди ҷорӣ % | - | 103,2 | 101,1 | 101,6 | 101,6 |
| Аз он ҷумла | | | | | | |
| Мардон | ҳаз.нафар | 1366,6 | 1387,8 | 1426,5 | 1449,3 | 1474,8 |
| | Рушди ҷорӣ % | - | 101,6 | 102,8 | 101,6 | 101,8 |
| занон | ҳаз.нафар | 1340,7 | 1365,3 | 1397,4 | 1420,7 | 1442,5 |
| | Рушди ҷорӣ % | - | 101,8 | 102,4 | 101,7 | 101,5 |
| Афзоиши табии аҳолӣ | ҳаз.нафар | 52,2 | 48,9 | 42,4 | 48 | 48,9 |
| | Рушди ҷорӣ % | - | 93,7 | 86,7 | 113,2 | 101,9 |
| Мухоҷирати аҳолӣ | ҳаз.нафар | 11153 | 9394 | 9225 | 8711 | 7600 |
| | Рушди ҷорӣ % | - | 84,2 | 98,2 | 94,4 | 87,2 |

Аз ҷадвал бармеояд, ки ҳамаи нишондиҳандаҳои демографӣ рӯ ба афзоиш дорад, ки тамоюли хуб аст. Масалан, шумораи аҳолии доимӣ дар вилоят соли 2023 нисбат ба соли 2019 тақрибан 107,8% нисбат ба соли қаблӣ бошад 101,6% афзоиш ёфтааст. Шумораи мардон, инчунин занон низ нисбати солҳои қаблӣ афзоиш дорад. Масалан, шумораи мардон соли 2023 нисбат ба соли 2019 ва 2022 мутаносибан 107,9% ва 101,8%-ро ташкил кардааст. Занон бошад дар ҳамон давра 107,6% ва 101,5% мебошад. Вале нишондиҳандаи афзоиши табиии аҳолӣ новобаста аз он ки нисбати солҳои қаблӣ тамоюли гуногун дорад, дар умум нишондиҳандаи мусбӣ аст ва дар умум афзоиши аҳолиро инъикос менамояд.

Дар рушди бозори меҳнати минтақа аҳаммияти хосаро омилҳои молиявӣ низ дорад. Дар ин ҷода ҳиссаи корхонаҳои зарароввар дар теъдоди умумӣ,

қарзҳои пардохти корхонаҳо, ҷараёнҳои фондтаъминкунӣ, фондмусаллаҳӣ ва боздиҳии онҳо дар соҳаҳои алоҳидаи минтақа инъикос мегардад. Дар ин ҷода мехостем, аввал ба вазъи муфлисшавии корхонаҳои ватанӣ истода гузарем, зеро ин яке аз сабабҳои асосӣ ба афзоиши бекорон дар бозори меҳнати минтақа мегардад.

**Ҷадвали 26**

**Корхона ва ташкилотҳое, ки зарар диданд [8, с. 365].**

| | воҳид | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноат | теъд. корх. | 114 | 147 | 152 | 116 | 91 |
| | ҳисса (%) | 18,4 | 23,4 | 29,2 | 18,4 | 21,1 |
| Кишоварзӣ | теъд. корх. | 189 | 140 | 119 | 250 | 144 |
| | ҳисса (%) | 30,5 | 22,3 | 22,8 | 39,6 | 33,4 |
| Сохтмон | теъд. корх. | 42 | 40 | 32 | 30 | 19 |
| | ҳисса (%) | 6,8 | 6,4 | 6,1 | 4,7 | 4,4 |
| Нақлиёт ва алоқа | теъд. корх. | 21 | 26 | 21 | 27 | 16 |
| | ҳисса (%) | 3,4 | 4,1 | 4,0 | 4,3 | 3,7 |
| Савдо | теъд. корх. | 85 | 82 | 51 | 45 | 44 |
| | ҳисса (%) | 13,7 | 13,0 | 9,8 | 7,1 | 10,2 |
| Дигар соҳаҳо | теъд. корх. | 168 | 194 | 146 | 164 | 117 |
| | ҳисса (%) | 27,1 | 30,8 | 28,0 | 25,9 | 27,1 |
| Ҳамагӣ | теъд. корх. | 619 | 629 | 521 | 632 | 431 |
| | ҳисса (%) | 100 | 100 | 100 | 100 | 100 |

Аз ҷадвал бармеояд, ки новобаста аз он ки теъдоди корхонаҳое, ки фаъолияти худро бо зарари иқтисодӣ ҷамъбаст намудаанд, дар солҳои баррасишаванда суръати рӯ ба коҳишёбӣ дошта бошад ҳам, аз рӯи нишондиҳандаҳои нисбӣ калон аст. Чӣ тавре ки дида мешавад, дар байни соҳаҳои иқтисодиёти вилоят ҳиссаи муфлисшавии корхонаҳо дар соҳаи кишоварзӣ нисбатан баланд аст. Масалан, соли 2023 33,4%-и корхонаҳои муфлисгашта ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд. Сипас, корхонаҳои соҳаи соҳаи саноат низ сатҳи муфлисшавиашон назаррас аст. Масалан, 21,1% дар теъдоди умумии муфлисшавӣ қарор дорад. Ҳолати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки дар бозори меҳнати минтақа шуғл гардидан дар соҳаи кишоварзӣ ва саноат ноустувор аст, яъне бо зарар ҷамъбаст намудан, оқибаташ аз байн рафтани ҷои корӣ, шуғли аҳолӣ ва афзоиши бекоронро дорад.

Барои арзёбӣ намудани таъсири омилҳои иқтисодии мухталиф ба бозори меҳнат аз усули иқтисодии риёзӣ бо тавассути коркарди амсилаи математикӣ

мувофиқи мақсад аст. Барои ин дар навбати аввал нишондиҳандаҳои интизорӣ ва омилиро бояд муайян кард. Аз нуқтаи муқаррароти назариявӣ ҳадафи асосӣ дар бозори меҳнат ин баланд бардоштани сатҳи шуғлнокии аҳолӣ мебошад. Аз ин рӯ, ин нишондиҳандаро ҳамчун натиҷаи интизорӣ ба инобат мегирем. Зумраи нишондиҳандаҳои омилӣ бошад, хеле зиёд аст ва пурра онҳоро ба инобат гирифтан душвор аст. Бинобар ин дар ин раванд мо якчанд самти онҳоро, ки дар таъмини сатҳи шуғлнокӣ таъсир дорад ва қиматҳои миқдории онҳо дар омори расмӣ ба нашр мерасад, ба риштаи таҳқиқ кашидем. Дар мисолҳои интихобкардаи мо, нишондиҳандаҳои омилӣ аз инҳо иборат аст:

- Сатҳи рушди маҷмуи маҳсулоти минтақа (МММ) бо фоиз;
- Ҳаҷми сармоягузорӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд (ҳазор сомонӣ);
- Музди меҳнати минималӣ (сомонӣ);
- Сатҳи рушди соҳаи саноат (фоиз);
- Сатҳи рушди соҳаи кишоварзӣ (фоиз);
- Музди меҳнати миёнасолонаи кормандони кироякор (сомонӣ).

Ҳамчун давраи таҳқиқот аз ҷониби мо давраи аз соли 2010 то инҷониб ба инобат гирифта шудааст, зеро махсусан дар ин давра марҳилаи ободкориву созандагӣ бо суръати баланд идома дорад. Сарчашмаи натиҷаҳои оморӣ нашрияҳои расмии мақомотҳои омории вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва асарҳои чопгардидаи олимони ватанӣ мебошад. Натиҷаҳои оморӣ оид ба ин нишондиҳандаҳо дар ҷадвали 27 таҳлил ва маълумоти муфассал зикр гардидааст:

**Ҷадвали 27**

**Нишондиҳандаҳои интизорӣ ва омилӣ оид ба таъсир ба бозори меҳнат ба иқтисодиёти вилояти Суғд**

| Солҳо | Шумораи аҳолии машғул ($\gamma$) | Сатҳи рушди МММ $x_1$ | Индекси сармоягузорӣ $x_2$ | Музди меҳнати минималӣ $x_3$ | Рушди соҳаи саноат $x_4$ | Рушди соҳаи кишоварзӣ $x_5$ | Музди меҳнати миёна $x_6$ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2010 | 771,1 | 107,1 | 430,5 | 80,00 | 122,8 | 124,2 | 258,79 |
| 2011 | 774,7 | 108,1 | 517,6 | 80,00 | 123,8 | 102,7 | 331,26 |

*Идомаи ҷадвали 27.*

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 2012 | 774,5 | 108,1 | 1372,2 | 200,00 | 115,7 | 109,4 | 429,53 |
| 2013 | 791,5 | 107,9 | 855,6 | 250,00 | 110,5 | 105,9 | 552,82 |
| 2014 | 804,8 | 106,6 | 621,8 | 250,00 | 129,7 | 104,4 | 645,72 |
| 2015 | 801,2 | 106,0 | 1247,3 | 250,00 | 117,7 | 103,3 | 696,80 |
| 2016 | 802,0 | 106,9 | 1360,5 | 400,00 | 135,3 | 109,1 | 774,23 |
| 2017 | 797,5 | 107,1 | 1457,6 | 400,00 | 131,5 | 107,0 | 1012,87 |
| 2018 | 807,7 | 106,9 | 1118,6 | 400,00 | 105,9 | 105,2 | 1072,28 |
| 2019 | 820,1 | 107,3 | 804,4 | 400,00 | 111,2 | 108,1 | 1182,77 |
| 2020 | 845,0 | 104,5 | 1093,9 | 400,00 | 116,1 | 110,5 | 1236,26 |
| 2021 | 882,8 | 109,1 | 1028,5 | 400,00 | 129,9 | 107,1 | 1418,81 |
| 2022 | 885,1 | 108,1 | 1343,1 | 600,00 | 114,3 | 112,0 | 1632,82 |
| 2023 | 902,7 | 108,3 | 1435,2 | 600,00 | 107,8 | 115,1 | 1875,73 |

Дар асоси баргузор намудани ҳисобу китобҳои зарурӣ тавассути истифодабарии барномаи махсуси компютерӣ сатҳи таъсиррасонии ҳар як нишондиҳандаи омилӣ бо натиҷаи интизорӣ муайян карда шудааст. Боиси зикр аст, ки нишондиҳандаҳои омилиро сатҳи таъсиррасониаш бо нишондиҳандаҳои ҳисобӣ навишта шудааст. Натиҷаи бадастовардашуда аз рӯи ҳисобу китобҳои барномаҳои компютерӣ буда, дар поён дарҷ гардидааст.



ВЫВОД ИТОГОВ

| Регрессионная статистика | |
|---|---|
| Множественный I | 0,965079 |
| R-квадрат | 0,931378 |
| Нормированный I | 0,872559 |
| Стандартная ошиб | 15,50127 |
| Наблюдения | 14 |

Дисперсионный анализ

| | df | SS | MS | F | ачимость F |
|---|---|---|---|---|---|
| Регрессия | 6 | 22829,34 | 3804,89 | 15,83461 | 0,000939 |
| Остаток | 7 | 1682,026 | 240,2895 | | |
| Итого | 13 | 24511,36 | | | |

| | Коэффициен | артная статисти | t-Значени | ижние 95% | ерхние 95% | жние 95,0 | рхние 95,0% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Y-пересечение | 363,9206 | 422,2572 | 0,861846 | 0,417316 | -634,559 | 1362,4 | -634,559 | 1362,4 |
| Переменная X 1 | 2,779944 | 3,861154 | 0,719977 | 0,49487 | -6,35024 | 11,91012 | -6,35024 | 11,91012 |
| Переменная X 2 | 0,005532 | 0,01903 | -0,29068 | 0,779722 | -0,05053 | 0,039467 | -0,05053 | 0,039467 |
| Переменная X 3 | 0,095937 | 0,107913 | -0,88902 | 0,403506 | -0,35111 | 0,159237 | -0,35111 | 0,159237 |
| Переменная X 4 | 0,385066 | 0,479923 | 0,802351 | 0,448728 | -0,74977 | 1,519903 | -0,74977 | 1,519903 |
| Переменная X 5 | 0,368408 | 0,7855 | 0,469011 | 0,653318 | -1,489 | 2,225819 | -1,489 | 2,225819 |
| Переменная X 6 | 0,115701 | 0,031053 | 3,725877 | 0,007399 | 0,042272 | 0,189131 | 0,042272 | 0,189131 |

ВЫВОД ВЕРОЯТНОСТИ

| Персентиль | Y |
|---|---|
| 3,571428571 | 771,1 |
| 10,71428571 | 774,5 |
| 17,85714286 | 774,7 |
| 25 | 791,5 |
| 32,14285714 | 797,5 |
| 39,28571429 | 801,2 |
| 46,42857143 | 802 |
| 53,57142857 | 804,8 |
| 60,71428571 | 807,7 |
| 67,85714286 | 820,1 |
| 75 | 845 |
| 82,14285714 | 882,8 |



Аз рӯйи натиҷаҳои ҳисобкардашуда коэффитсиентҳои чандирнокии ҳар як нишондиҳандаи омилиро, ки сатҳи таъсиррасониро ба натиҷаи интизорӣ

нишон медиҳад, яъне дар мисоли мо ба сатҳи шуғли аҳолӣ мебошад, дар шакли муодилаи бисёромилаи регрессионӣ инъикос менамоем.

$$У = 363,92 + 2,7799 X_1 + 0,0055 X_2 + 0,0959 X_3 + 0,3850 X_4 + 0,3684 X_5 + 0,11157 X_6$$

Хулоса баровардан мумкин аст, ки ба натиҷаи интизорӣ, яъне афзоиши шуғли аҳолӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд, ҳассоснокии аз ҳама баландро сатҳи рушди маҷмуи маҳсулоти дохилӣ дорад, зеро нишондиҳандаи он аз дигар нишондиҳандаҳо хеле баланд аст. Сипас, ҳассосии таъсироти нисбатан баланд ба омили сатҳи рушди соҳаи саноат, пас аз он сатҳи рушди соҳаи кишоварзӣ ва музди меҳнати миёнасолонаи кормандони кироякор рост меояд. Дар асоси ин коэффитсиенти чандирнокӣ метавонем, мавқеи ҳар як омилро аз рӯи сатҳи таъсиррасониаш дар ҷадвал инъикос намоем.

**Ҷадвали 29**

**Коэффитсиенти чандирнокии омилҳо**

| **Мавқеи таъсир** | **Номгӯи омил** |
|---|---|
| 1. | Сатҳи рушди маҷмуи маҳсулоти минтақа (ММM) |
| 2. | Сатҳи рушди соҳаи саноат |
| 3. | Сатҳи рушди соҳаи кишоварзӣ |
| 4. | Музди меҳнати миёнасолонаи кормандони кироякор |
| 5. | Музди меҳнати минималӣ |
| 6. | Ҳаҷми сармоягузорӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд |

Байни натиҷаи интизорӣ ва маҷмуаи нишондиҳандаҳои омилӣ, ки ба модели регрессионӣ ворид гаридааст, чӣ тавре ки таҳлилҳои илмӣ нишон медиҳанд, робитаи хеле зич мавҷуд аст, зеро коэффитсиенти коррелятсия дар амсилаи коркардаи мазкур ба R = 0,9650 баробар аст, яъне коэффитсиенти мазкур аз 0,7 баландтар мебошад. Аз рӯйи чунин ҳисобҳо маълум гардид, ки тағйирёбии натиҷаи интизорӣ, яъне сатҳи рушди шуғли аҳолӣ аз омилҳое, ки ба амсила ворид гардидааст дар шароити муосир дар ҳаҷми 93,1% вобастагӣ дорад. Ин аз он бармеояд, ки коэффитсиенти детерминатсия дар амсилаи ҳисобкардаи мо ба 0,9313 баробар мебошад. Эътимоднокии амсилаи коркард

оиди ба амал мутобиқшавиро нишон медиҳад, ки чӣ тавре ки ҳисобу китобҳо нишон медиҳад коэффитсиенти Фишер ҳисобӣ аз коэффитсиенти Фишери номиналӣ баланд мебошад ($F_{амал}>F_{номинал}$). Дар асоси гузоштани факту рақамҳо оид ба қиматҳои нишондиҳандаҳои омилӣ метавонем дурнамои тағйирёбии нишондиҳандаи интизориро барои давраи оянда ҳисоб намоем. Дар ин ҷода қиматҳои нишондиҳандаи омилӣ бо истифодабарии усули экстраполятсионӣ метавон муайян карда шавад.

Дар асоси суханҳои зикргардида ҳамчун хулоса таъкид намудан мумкин аст, ки омилҳои таъсиррасон ба ташаккулёбӣ ва рушди бозори меҳнати минтақа хеле зиёд аст. Агар як қисми онҳо таъсироти манфӣ дошта бошад, қисми дигар баръакс мебошад. Новобаста аз тамоюлоти таъсиррасонӣ омилҳо бояд зери танзим гирифта шавад, ки он барои таъмини самаранок идора намудани талабот ва таклифот дар бозори минтақавии меҳнат мусоидат менамояд. Дар амалӣ намудани ин ҳадаф ташаккули ҷанбаҳои институтсионалии рушди бозори меҳнати минтақа нақши назаррас дорад. Бо ибораи дигар, дар қатори қонун, стратегия, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, танзими бозори минтақавии меҳнат, коркард ва амалӣ намудани барномаҳои мақсаднок дар ҳар як шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд оид ба эҳёи ҷойҳои корӣ, тағйироти сохтории соҳаи иқтисодиёт ва тайёр кардани кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи муосир мувофиқи мақсад аст.

## 3.2. Авлавият дар механизми тайёр намудани сармояи инсонӣ дар бозори меҳнати минтақа

Имрӯз дар шароите, ки интегратсияи Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ афзоиш дорад дар иқтисодиёти дохилии кишвар барои истеҳсоли маҳсулотҳои ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазшаванда, таъмни амнияти озуқаворӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, истиқлолияти энергетикӣ, саноатикунонии босуръат амалӣ шуда истодааст, талабот ба қувваи корӣ аз ҳама муҳим сармояи инсонӣ бо тарзи доимӣ афзоиш дорад. Бинобар ин тайёр кардани сармояи инсонӣ, яъне қувваи корие, ки қобилияти

сатҳи баланди илмӣ, ақлӣ, ҷисмонӣ тавонои иҷрои корҳои эҷодӣ хеле масъалаи мубрам на танҳо дар ҷумҳурӣ ва ҳар минтақаи он мебошад. Илова бар он ба кишвари сайёҳон табдил додани ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, ҷалби сармояи хориҷӣ барои ташкили истеҳсолот барои ҳамаи хоҷагии халқ, масъалаи Роҳи бузурги Абрешим барои роҳ надодан ба ақибмонӣ дар ҷалби техника ва технологияи инноватсионӣ дар навбати аввал таъминнокии кадрро ба миён мегузорад. Ин равияи калидии густариши рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он мебошад. Бо ибораи дигар ҳамаи ин ҳадафҳо танҳо дар мавҷудияти захираҳои меҳнатӣ, сармояи инсонӣ имконпазир аст. Бинобар ин дар масъалаи ташаккул ва истифодабарии сармояи инсонӣ дар бозори меҳнати минтақа масъалаи мубрам боқӣ мемонад ва таҳқиқи махсусро талаб менамояд. Аз ин лиҳоз ташаккул ва самаранок истифодабарии сармояи инсонӣ дар сиёсати минтақавии иқтисодӣ бояд мавқеи стратегӣ дошта бошад. Ин нуқтаро нисбат ба иқтисодиёти вилояти Суғд низ гуфта метавонем. Зеро дар вилоят ҳоло гузариш ба ҳадафҳои рушди устувор, интегратсия ба кишварҳои ҳамсоя оид ба ташаккули марказҳои истеҳсолӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ (ташкили корхонаҳои муштарак), ба амал овардани истеҳсоли молҳои инноватсионӣ дар МОИ Суғд дар назар ва дар амал аст, ки ҳамаи он кадрҳои маҳаллиро бо донишу малакаи хуб доштаро таъмин менамояд. Чун хулоса қайд кардан зарур аст, ки барои ташаккули низоми иқтисодии дар боло зикргардида зарурати коркарди сиёсати махсус оид ба тайёр кардани сармояи инсонӣ дар минтақа зарур мебошад. Ба ақидаи мо дар ин раванд нахуст иҷроиши вазифаҳои зеринро ба назар гирифтан зарур аст, яъне онҳо чунин аст:

- бо мақсади беҳтар намудани вазъ оид ба шуғли аҳолӣ бояд барномаҳои махсуси таъмини шуғл дар ҳар як шаҳру ноҳияҳои вилоят коркард карда шавад;

- вазъи бозори меҳнати минтақа бояд бо тарзи доимӣ дар зери мониторинг қарор дода шавад;

- механизми ҳавасмандгардонии ташкилоту корхонаҳо, соҳибкорон дар самти барқарор кардани ҷойҳои кории нав барои афзоиши шуғли аҳолӣ;

- ҳавасмандгардонии муассисаҳои соҳаи инфрасохтори иҷтимоӣ, ки дар баланд бардоштани иқтидори меҳнатӣ саҳми назаррас дорад;

- танзими муҳоҷирати меҳнатӣ бо тавассути фишангҳои иқтисодӣ;

- беҳтар намудани муҳити мусоид дар масъалаи ташаккули корхонаҳои нав;

- андешидани чораҳо оид ба ташаккули корхонаҳои азиме, ки афзоиши шуғли аҳолиро таъмин менамояд.

Ба ақидаи мо амалишавии ҳадафҳои мазкур бо тавассути дохил намудан ба мундариҷаи сиёсати иқтисодии минтақавӣ барои ҳалли мушкилоти бекорӣ мусоидат намуда, ҳамзамон масъалаи тайёр намудани сармояи инсониро таъкид месозад. Азбаски тағйиротҳои муносибатҳои бозорӣ дар иқтисодиёти миллӣ бо бозори меҳнат алоқамандии мустақим дорад, коркарди механизмҳои тайёр намудани сармояи инсонӣ гуфтан мумкин аст, ки ҳоло талаботи замон аст. Боиси зикр аст, ки дар бештари хеле зиёди барномаҳои давлатӣ, стратегияю консепсияҳо, санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ масъалаи тайёр намудани сармояи инсонӣ пешбинӣ гардидааст. Масалан, дар СМР ҶТ барои то давраи соли 2030 як банд махсус бо номи «Сармояи инсонӣ» дарҷ гардидааст, яъне боби 4. Рушди сармояи инсонӣ бахшида шудааст [11, с. 41].

Бинобар ин гуфта метавонем, ки ҳар як коре, ки барои тайёр намудани сармояи инсонӣ дар корхонаву ташкилотҳои истеҳсолӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ғайра амалӣ гардонида мешавад таҳкурсии ҳуқуқиро дорад.

Чун дар дигар минтақаҳо вилояти Суғд низ ба масъалаи мазкур мушкилотҳо мавҷуд аст. Ҳоло бо тавассути рушди соҳаи саноат манфиатҳои иқтисодии давлат қонеъ гардонида шавад, вале ин дигар масъаларо ин масъалаи экологиро метавон шадид гардонад. Бинобар ин таъмини рушди соҳаи саноат, яъне саноати соҳаи вазнин мошинсозӣ, химиявӣ ва ғайра хусусиятҳои нигоҳ доштани муҳити экологӣ дар вилояти Суғд нигоҳ дошта шавад. Барои ин бошад мутахассисони соҳибкасб, баландихтисос, ки технологияи сарфаи энергия, технологияи муосир, ки таъсири манфии экологӣ дорад бояд истифода намояд.

Барои самаранок танзим намудани сармояи инсонӣ муҳоҷирати меҳнатӣ низ дар бозор меҳнат нақши муассирро мебозад. Зеро қисми фисади зиёди аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва инчунин вилояти Суғд дар давлатҳои хориҷӣ бо ҷойи корӣ доимӣ таъмин гардидан муҳоҷират менамоянд.

Мураккабӣ тамоми маҷмуи таъсири давлатро ба бозори меҳнати дохилӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ дар вилояти Суғд дар назар дорад, инҳоро дар бар мегиранд:

- дар соҳаи сиёсати сохторӣ: ташкили ҷойҳои нави корӣ бо назардошти талабот ва даромаднокии онҳо;

- дар соҳаи маориф: зиёд кардани шумораи квотаҳо барои ихтисосҳои рушди иқтисодиёт муҳим аст.

Дар назарияи сармояи инсонӣ дар шароити муосир масъалаи таъмини рушди устувор низ эътироф менамояд. Аз ин лиҳоз, дар ҷараёни сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ амалишавии унсурҳои инноватсионӣ дар madди назар аст, зеро сармояи инсонӣ ин кафолати таъмини рақобатпазириро дар сатҳи микро, макро ва мегаиқтисодиро диҳад. Фишер С. сармояи инсониро чунин шарҳ додааст: «... сармояи инсонӣ ин ченаки қобилияти ба даст овардани даромад, ки он дар инсон таҷассум ёфтааст. Вай қобилияту маҳорати ҳангоми ба олами ҳастӣ омадан ва инчунин, донишу тахассуси бадастовардаро дар бар мегирад» [103, с. 143].

Боиси зикр аст, ки солҳои охир олимон, иқтисодчиён, сиёсатмадорон амалишавии ҳадафҳои сармояи инсониро дар натиҷаи гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ таъкид менамояд [104, с. 208].

Дар айни замон, сармояи инсонӣ на фақат дарки сифати омили инсонӣ, балки бештар аз он аст, зеро он ҳам қувваи пешбаранда ва ҳам объекти таъсиррасонӣ мебошад [165, с. 58].

Сармояи инсонии минтақавӣ дар бозори меҳнат – мафҳуми васеъ ва мухталифҷанба мебошад, аз ин рӯ идора кардани мухталифии умумии хусусиятҳои сифатии сармояи инсонии минтақавӣ зарур аст.




**Расми 2. Ташаккул ва татбиқи сармояи инсонии минтақавӣ [21, с. 87].**

Минтақа дорои сармояи инсонии дохилӣ - сармояи инсонии захиравӣ ва сармояи инсонии берунӣ мебошад. Ҳар ду намуд дар бозори меҳнати минтақа фурӯхта мешаванд. Вазифаи сиёсати минтақавӣ аз ташкил намудани механизми марҳилавии идоракунии захираҳо ва ҷараёни муҳоҷирати сармояи инсонӣ иборат мебошад. Ба ҷанбаи захиравӣ таваҷҷуҳ намоем. Барои таҳлили сармояи инсонии минтақа зарур аст, ки иқтидори захиравии минтақа, инчунин дараҷаи таъминот бо ин захираҳо баҳо дода шавад.

Дар Паёми худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд кардаанд: «Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад» [162, с. 42].

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки яке аз ҳуҷҷатҳои асосӣ ба ҳисоб меравад, ба ғайр аз масъалаҳои таҳдид ва имкониятҳо барои рушд, бо таҳкими иқтидори институтсионалии кишвар, сифати рушди иқтисодӣ ва самаранокии бахши воқеии иқтисодиёт, ба масъалаҳои рушди сармояи инсонӣ диққати махсус зоҳир карда шудааст. Дар он чунин омадааст: «Сармояи инсонӣ омили муҳимми рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт маҳсуб меёбад, ки аз сифати он пешрафти тамоми соҳаҳо

вобастагӣ дорад. Он дар байни омилҳои дарозмуҳлати рушди минбаъдаи иқтисодиёт ҷойи аввал (дар муқоиса бо захираҳои табиӣ, сармояи воқеӣ ва молиявӣ)-ро ишғол мекунад. Аз ин рӯ, рушди сармояи инсонӣ дар кишвар ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян гардидааст» [11, с. 64].

Масъалаҳои афзалиятнокии маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ, таъсири сармояи инсонӣ ба рушди устувор ва рақобатпазирӣ ҳамчун вазифаҳои асосии замони муосир тули зиёда аз 10 сол дар назди сохторҳои мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта шудааст ва он ҳамаҷониба баррасӣ мегардад. Боиси зикр аст, ки дар ин самт хеле зиёд санадҳои ҳуқуқию меъёрӣ қабул карда шудааст, ки онҳоро номбар менамоем. Вале дар ин ҷо танҳо якчанди онҳо гирд оварда шудааст, зеро ин кифоя аст барои таъкид намудани ташаккулёбии асосҳои институтсионалии рушди сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: - Консепсияи мақсадноки миллии илмию таҳқиқотӣ оид ба масъалаҳои рушди инсон, таъмини минбаъдаи принсипҳои демократӣ ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ барои солҳои 2013-2028 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми июли соли 2013, № 288); - Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, № 636); - Барномаи рушди неру ва моликияти зеҳнии инсон дар давраи то соли 2020 (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2012, № 687).

Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ҳама гуна амалҳое, ки тахассуси касбиро мебардоранд ва қобилияти истеҳсолии инсон, инчунин маҳсулнокии кории шахс мебошад, аст. Мусоидат ба хароҷот такмили фаъолияти инсонро ҳамчун сармоягузорӣ, хароҷоти ҷорӣ, ки онҳо чандин маротиба аз тарафи маблағи даромад дар оянда ҷуброн карда мешаванд, метавон баррасӣ кард.

Дар тамаддуни муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ исбот карда шудааст, ки прогресси илмӣ-техникиро муайянкунанда ин сармояи инсонӣ мебошад. Оид ба масъалаи мазкур дар сарчашмаҳо, яъне дар маводҳои таҳлилии Бонки

ҷаҳонӣ дар асоси таҳлили иқтисодиёти 192 давлати дунё чунин қайд карда шудааст: ҳиссаи сармояи ҷисмонӣ (бино, таҷҳизот ва ғайра) ба рушди иқтисодӣ 16% бошад, ҳиссаи сармояи табиӣ бошад (сарватҳои табиӣ) 20%, ҳиссаи сармояи инсонӣ қисми боқимондаи рушди иқтисодӣ, яъне 84%-ро ташкил менамояд [128, с. 55-60].

Боиси зикр аст, ки дар илми иқтисодӣ дар назарияи сармояи инсонӣ дар асри гузашта асосан пас аз солҳои 50-ум пайдо гардидааст. Мафҳуми мазкур бо олимони иқтисоддони мактаби неоклассикӣ Т. Шултс, Г. Беккер алоқаманд аст. Онҳо аввалин маротиба захираҳои меҳнатиро ҳамчун сармоя агар дар ҳолати доштани савияи баланди донишу малака, маҳорат баррасӣ намудаанд [73, с. 136-138]. Дар асарҳои намояндагони мактаби неоклассикӣ сармояи инсонӣ чун категорияи иқтисодӣ ҳамчун маҷмӯаи қобилияти илмӣ, саломатии баланди ҷисмонӣ, савияи баланди дониш дар самти бадастории фоида маънидод карда шудааст. Онҳо аз нуқтаи назари он ки кадом унсури тарикибаш ҳамчун масъалаи баррасишаванда баромад мекунад дар сармояи инсонӣ унсурҳои зеринро алоҳида таъкид менамоянд, яъне сармояи тандурустӣ, сармояи маърифатнокӣ, сармояи фарҳангӣ ва ғайра.

Дар асоси суханҳои қайдгардида дар илми иқтисодӣ хусусиятҳои зеринро алоҳида нишон дода шудааст:

- барои ба сармоя табдил гаштан захираҳои меҳнатӣ ниёз ба хароҷотҳои молию пулӣ дорад;

- ҳамчун дигар намудҳои сармоя хусусияти андӯхт (ҷамъ шудан)-ро дорад;

- чун дигар сармояҳои ҷисмонӣ сармояи инсонӣ низ хусусияти фарсудашавиро дорад;

- унсури асосии муайянкунандаи сармояи инсонӣ худи захираи меҳнатӣ, яъне инсон мебошад;

- бидуни дигар сармояҳо, ки аз ҷониби дигар субъектҳо идора карда мешавад, соҳиби идораи сармояи инсонӣ худи инсон мебошад.

Дар асоси хусусиятҳои номбаркардашуда дар бозори меҳнат хусусан дар шароити муосир, ки гузариш ба иқтисодиёти инноватсионии индустриалӣ, алалхусус ба иқтисодиёти рақамӣ амалӣ шуда истодааст, сармояи инсонӣ

нақши калидӣ дорад. Зеро имрӯз дар навбати аввал қобилияти эҷодкории маҳоратӣ, донишу инсон дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ ҳаракаткунандаи ғояҳои инноватсионӣ мебошад. Ба ғайр аз ин барои идора намудан ба амал овардани истеҳсолот инсон бояд техника ва технологияи навро идора карда тавонад. Барои идора кардан аз рӯи мантиқ меҳнати оддӣ не, балки меҳнати мураккаб бо донишу малака ғанӣ гардида зарур аст. Аз ин лиҳоз, барои омода намудани сармояи инсонӣ маблағгузориҳои зарурӣ талаб карда мешавад. Одатан ин маблағгузориҳоро дар илми иқтисодӣ ба гурӯҳҳо ҷудо менамоянд:

- маблағгузорӣ барои таҳсилоти миёна ва миёнаи махсус;

- хароҷотҳо барои тайёр кардани кадрҳо бо маълумоти олӣ ва гузаронидани такмили ихтисос;

- маблағгузориҳо барои саломатии захираҳои инсонӣ (хароҷотҳои тандурустӣ);

- хароҷотҳо барои муҳайё намудани шароити мусоиди зист дар маҳалҳо;

- хароҷотҳо барои баланд бардоштани малакаи қувваи корӣ (омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ дар корхона).

Умуман, хароҷот барои тайёр намудани сармояи инсонӣ хеле муҳим буда, бояд тамоми умри захираҳои меҳнатиро дарбар гирад. Боиси тазаккур аст, ки маблағгузорӣ ба сармояи инсонӣ дар давраи фаъолияти меҳнатӣ дар даромаднокии он ифода меёбад. Вале боиси зикр аст, ки сармоягузорӣ ба он донишҳое, ки ба ҷамъият фоидаовар аст равона карда шавад. Ба донишҳои баръакс (ҷинояткорӣ) бошад, мумкин нест, зеро он зараровар мебошад. Бинобар ин дар бештари субъектҳои хоҷагидорӣ ҳоло масъалаи тайёр кардани захираҳои меҳнатӣ чун сармояи инсонӣ ба масъалаҳои мубрам табдил гаштааст.

Хусусияти хоси инкишофи идоракунӣ дар афзудани нақш ва мавқеи одам дар низоми истеҳсолӣ ба шумор меравад.

Дар шароити афзоиши навовариҳои техникӣ, тезу тунд шудани рақобати бозор, ҷаҳонишавии иқтисодӣ, маҳз дониш, малака, эҷодкорӣ ва қобилияти соҳибкории одамон ҳамчун захираи асосии баланд бардоштани самаранокӣ ва

бартарии рақобати инкишофи стратегӣ дар бозори ҷаҳонӣ ҳисоб мегардад. Ҷараёни иҷтимоию иқтисодие, ки имрӯзҳо дар тамоми чаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистон ба вуқуъ омада истодааст, зарурати онро ба миён овардааст, ки усулҳои анъанавии методологии муносибатҳо ба низоми идоракунии меҳнат тағйир дода шаванд. Бо мақсади истифодаи пурраи иқтидори кадрӣ ва қобилияти кориҷрокунии кормандон консепсияи нави менеҷменти кормандӣ зарур мебошад [30, с. 184].

Консепсияи "захираҳои инсонӣ" акси вазъияти назариявӣ ба ҳисоб мерафт дар ҳоле, ки омили ҳалкунандаи рақобатпазирӣ дар бисёрии соҳаҳои аз ҳисоби технология ғанӣ бо ҳайати ихтисосманд, сатҳи ҳавасмандгардонии он, шаклҳои ташкилотӣ ва дигар омилҳое, ки самаранок истифода бурдани ҳайатро муайян месохтанд, дар бозори меҳнат таъмин мегаштанд. Бинобар ин, дар аксари ташкилотҳое, ки муносибат бо кори захираҳои инсонӣ бо дар назардошти кам намудани хароҷот ташкил шуда буд, он заифу нодор буд.

Яке аз мутахассисони машҳури соҳаи идоракунии захираҳои инсонӣ Шейн Э. ба вазифаҳои навбатии "идоракунии низомии захираҳои инсонӣ" ишора намуд:

1. Гузаронидани таҳлили масъалаҳои меҳнат, ташкили меҳнат ва баҳодиҳии иқтидори имкониятҳои кормандон; амалӣ намудани интихоб, қабули ҳайат ва ташкили ҳайати корӣ.

2. Роҳбарии бевосита дар равандҳои меҳнатӣ: баҳодиҳии иҷрои вазифаҳо, мукофотонидан ба тариқи моддӣ, пешбарӣ ва ҷойивазкунии ҳайат, банақшагирии касбӣ, таъмини имконияти баланд бардоштани тахассус.

3. Такмили ташкил ва идоракунии равандҳои меҳнатӣ, таҳияи имкониятҳои интихоби иҷрои корҳо бо мукофотонии муайян.

4. Пешгӯӣ намудани тағйироти соҳаи меҳнат, дар ҳолати зарурӣ амалӣ намудани барнома доир ба бозомӯзии ҳайат, амалӣ намудани тағйироти сифатнок дар низоми идоракунии меҳнатӣ.

Моҳияти асосии консепсияи муосири захираҳои инсонӣ ин эътирофи сармоягузории мақсадноки иқтисодӣ ба ҷалби ҳаёт, дастгирии қобилиятнокии меҳнатии он, таҳсил ва баланд бардоштани тахассус, фароҳам овардани шароит барои боз ҳам зиёдтар зоҳир гаштани имкониятҳо ва қобилияте, ки дар шахсият мавҷуд аст, ба ҳисоб меравад. Бо кормандони кироя ҳамчун захираи калидӣ назар намудан ва рад кардани тасаввурот ҷиҳати қувваи корӣ ҳамчун бойгарии ройгоне, ки ба кор андохтанаш аз ҷониби кордиҳанда саъю кӯшиши ташкилотчигӣ ва маблағҳои пулиро талаб намекунад, далели асосии назариявии консепсияҳо мебошад.

Сармоягузорӣ ба захираҳои меҳнатӣ ҳадафи асосиаш баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат, сифати кори корманд бо тавассути беҳтар намудани тахассуснокии коргар мебошад. Мусоидат ба хароҷот такмили фаъолияти инсонро метавон баррасӣ кард, ҳамчун сармоягузорӣ, ҳамчун хароҷоти ҷорӣ, ки онҳо чандин маротиба аз ҷониби маблаҷи ҷараёни даромад дар оянда ҷуброн карда мешаванд.

Ҳамин тавр, ҳамаи намудҳои хароҷот, ки метавонанд бо пул ҳисоб карда шаванд дар ин ё он шакл, ки афзоиши минбаъдаи ҳосилнокӣ ва даромади кормандон дар бозори меҳнат мусоидат мекунад, сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ ҳисобида мешаванд.

Хусусиятҳое мавҷуданд, ки онҳоро аз дигар намудҳои сармоягузорӣ фарқ мекунанд.

**Расми 3**

**Хусусиятҳои сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ дар бозори меҳнат [76, с. 55].**




**Аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст аз рӯи маводҳои таҳқиқотӣ**

**1. Вақт то ба итмом расидани давраи қобили меҳнатии ҳаёти инсон.** Бозгашти сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ аз муҳлати истифода вобаста аст, яъне он бо вақт муайян карда мешавад, боқимонда то охири давраи қобили меҳнат. Сармоягузориҳои босифат ва дарозмуддат одатан таъсири бузургтар ва дарозмуддатро меоранд.

**2. Даромаднокии сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ дар муқоиса ба сармоягузориҳо ба шаклҳои дигари сармоя.** Сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ, ба гуфтаи бисёр иқтисоддонон на танҳо барои шахс, балки инчунин ба тамоми ҷомеа фоидаовар аст.

3. **Хусусиятҳои таърихӣ, фарҳангӣ, анъанаҳо, урфу одат.** Хусусият, миқёс ва намудҳои сармоягузорӣ ба шахс бо хусусиятҳои таърихӣ, миллӣ, фарҳангӣ муайян карда мешаванд, инчунин анъанаҳои ҷомеа ва урфу одатҳои мардум. Масалан, сатҳи таълим ва интихоби касб аз ҷониби фарзандон бештар аз анъанаҳои оила, касб ва сатҳи таҳсилоти волидони онҳо вобаста аст.

**4. Хусусиятҳои фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавии сармояи инсонӣ** низ мавҷуданд. Он, аввалан, дараҷаи пиршавии табиии ҷисми инсон ва вазифаҳои психофизиологии хоси он ва дуюм, дараҷаи иқтисодӣ муайян карда мешавад.

Хусусияти фарсудашавӣ бо сабаби фарсудашавии дониш ё коҳиши нисбии арзиши маълумоти гирифташуда. Сармояи инсонӣ далели он аст, ки дар ҷараёни истифодаи он на танҳо фарсуда мешавад, балки инчунин шахс аз ҷониби шахси дорои таҷрибаи касбӣ ҳатто бе сармоягузории махсус бойтар мегардад. Аз ин рӯ, фарсудашавии сармояи инсонӣ хеле сусттар аст. Агар дар рафти истифодаи сармояи инсонӣ, сармоягузориҳои иловагӣ ба таври доимӣ маориф, тандурустӣ ва ғайра, пас хусусиятҳои сифатӣ ва миқдори он тақрибан метавонанд ҳаёти инсонро беҳтар намоянд.

**5. Марҳилаҳои сармоягузорӣ** хеле назаррас аст, нисбат ба сармояи инсонӣ кӯтоҳтар. Масалан, давраи сармоягузории чунин шакли сармоягузорӣ ба инсон ба монанди маориф, яъне давомнокии омӯзиш метавонад аз 12 то 20 солро дарбар гирад.

**6. Фаъолияти сармояи инсонӣ,** баргардонидани он арзишҳо бо хоҳиши шахсе муайян карда мешаванд, ки манфиат ва афзалиятҳои инфиродии ӯ, ҳавасмандӣ, масъулият, ҷаҳонбинӣ ва сатҳи умумии фарҳанг. Аз ин рӯ, дараҷаи хатар ва номуайянӣ дар сармоягузорӣ ба шахс нисбат ба сармоягузориҳои муқаррарӣ зиёдтар аст ва тағйирот дар ҳаҷми сармояи инсонӣ вобаста ба ҳисоб кардани хароҷот бо саҳеҳӣ комилан ғайриимкон аст, нисбат ба сармояи ҷисмонӣ.

**7. Самаранокии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ.** Бояд қайд кард, ки на ҳама сармоягузориро ба шахс эътироф кардан мумкин аст, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ камхарҷ ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ муфид бошанд. Баъзеҳо бояд барои ҷомеа аз ҷиҳати иҷтимоӣ номатлуб ва аз ҷиҳати иқтисодӣ бесамар гурӯҳбандӣ карда шаванд. Масалан, хароҷоти вобаста ба таълим дар фаъолияти ҷиноӣ, тарбияи хислатҳои антисотсиалистӣ ба сармояи инсонӣ эътироф карда шаванд, зеро онҳо ба ҷамъият зарар мерасонанд ва дар рушди фаъолияти инсонӣ саҳм гузошта наметавонанд.

Дар айни замон якчанд таснифоти сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ мавҷуданд.

Олими сатҳи байналмилалӣ Беккер Г. сармоягузориро ба сармояи инсонӣ ба хароҷот тақсим кард:[169].

1. гирифтани таҳсил;

2. хизматрасонии тиббӣ;

3. зудҳаракатӣ, ҷустуҷӯи кор;

4. падару модар;

5. ҷустуҷӯи маълумот оид ба нарх, даромад, музди меҳнат.

Иқтисодшинос Кендрик Ҷ. ин намуди сармоягузориро чунин тавсиф кард:

- оид ба мавод (дар одам таҷассум ва татбиқ карда нашудааст);

- хароҷоти марбут ба ташаккул ва рушди ҷисмонии шахс;

- ғайримоддӣ – арзиши таҳсилоти умумӣ, таълими махсус, хизматрасонии тиббӣ, ҳаракати меҳнат.

Ғайр аз он, аз рӯи хулосаи ниҳоӣ ба гуфтаи Кендрик Ҷ. хусусият дошт, дар «табиати ғайримоддӣ» ва афзоиш додани «дониш ва таҷрибаи одамоне, ки дар баланд бардоштани ҳосилнокии сармоягузорӣ ва сармояи инсонӣ саҳм мегузоранд» [50, с. 63].

Олимон Макконнелл К.ва Брю С. се намуди сармоягузории сармояи инсониро баррасӣ менамоянд:[60, с. 234].

1.  арзиши таҳсил, аз ҷумла умумӣ ва махсус, бозомӯзӣ дар корхона;

2. хизматрасонии тиббӣ, аз ҷумла арзиши пешгирӣ, хизматрасонии тиббӣ, ғизои парҳезӣ, ободонии манзил;

3. дар бораи рафтуомади муҳоҷирон аз ҷои кор ҳосилнокии нисбатан паст дар ҷойҳое, ки маҳсулнокии баландтар ва мутобиқан бо маоши баландтар.

Бо дарназардошти аҳамияти соҳаи саноат дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, боз ҳам тақвият бахшидан ба дастгирии давлатии соҳибкорони ватанӣ, ки фаъолияти босамари онҳо сарчашмаи рушду шукуфоии давлату меҳан маҳсуб меёбад, дар мамлакат саноатикунонии босуръати кишвар - ҳадафи чоруми миллӣ эълон гардида, солҳои 2022-2026 солҳои рушди саноат эълон гардидааст. Саноатикунонии

иқтисоди ҷумҳурӣ омилҳои зиёди таъсир ба рушди иқтисодию иҷтимоии кишварро дорост. Дар навбати аввал он боиси фароҳам омадани ҷойҳои нави корӣ гардида, мушкилоти бекориро коҳиш медиҳад. Инчунин, ҳолати вобастагӣ аз маҳсулоти воридотиро аз байн мебарад, барои баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат ва рақобатнокии он заминаи амиқ мегузорад. Гузашта аз ин, пояи иҷтимоии давлат аз ҳисоби коргарони саноатӣ мустаҳкамтар шуда, бо ин роҳ сафи мутахассисони баландпояи соҳаи саноат меафзояд. Саноатикунонии босуръати мамлакат, яъне бунёди корхонаҳои саноатӣ ва инфрасохтори соҳа барои боз ҳам баланд шудани некуаҳволии шаҳрвандон шароити воқеӣ фароҳам меорад. Дар суръати ноил гардидан ба ҳадафи мазкур ҳиссаи аҳолии дар соҳаи саноат машғулбуда афзоиш ёфта, шуғли пурмаҳсул таъмин мегардад. Таъмини шуғли пурмаҳсул дар соҳаҳои ба содирот нигаронидашуда метавонанд ба дигар соҳаҳо ва умуман, ба иқтисодиёт таъсири назарраси афзоишёбанда расонад. Дар баробари ин, таъкид бояд кард, ки дар ин марҳила, барои расидан ба ҳадафи гузошташуда нақши инсон дар иқтисодиёт назар ба пештара муҳимтар арзёбӣ мегардад ва инсон на ҳамчун омили истеҳсолот, балки ҳамчун қувваи ҳаракатдиҳандаи рушди иқтисодӣ дида баромада мешавад. Ҳамзамон истеҳсолот на ҳамчун ҳадафи ниҳоӣ, балки василаи беҳтар кардани сатҳи сифати зиндагии аҳолӣ баррасӣ мегардад. Таҳқиқоти аксарияти иқтисоддонҳо ва бевосита таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳанд, ки дар давраи саноатикунонии босуботи кишвар омили муҳимтарини рақобатпазирии корхонаҳо, минтақаҳо ва умуман иқтисоди миллӣ нерӯи инсонӣ ба ҳисоб меравад. Инсон, бо нерӯи эҷодӣ, дониш, қобилият ва малакаҳои касбии азхудкардаи худ барои расидан ба рушди устувори иқтисодӣ ҳамчун захираи стратегӣ арзёбӣ гардидааст.

Дар айни замон, гурӯҳбандии васеътари сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ таҳия шудааст.

Сармоягузории муҳимтарин дар бозори меҳнат барои одамон метавонад, арзиши таҳсилот ва саломатӣ дониста шавад. Инҳо ду ҷузъи асосии

ҷамъкунии сармояи инсонӣ мебошанд. Маълумот сифатро беҳтар мекунад, сатҳ ва захираи дониши инсонро тақвият мебахшад ва ба ин васила ҳаҷм ва сифати инсонро баланд мебардорад.

Дар асри XX дар саросари ҷаҳон афзоиши якбораи сатҳи маълумот ба назар мерасад. Таносуби шахсони дорои маълумоти олӣ якбора боло рафт, ки масъалаи тайёр намудани сармояи инсониро ба миён гузошт. Коргарони дорои маълумоти миёна ба ивази мутахассисони дорои маълумоти олӣ иваз карда шуданд. Ҳангоми сармоягузорӣ ба таълими коргарон, бояд дар хотир дошт, ки ин сармоягузориҳо ба дигар омилҳои истеҳсолӣ чандин маротиба самараноктар мебошанд.

Гурӯҳи махсуси сармоягузорӣ соҳаи маориф маҳсуб меёбад. Ба гуфти олимон, дар ҳама гуна лоиҳаҳои омӯзишӣ, 80%- и омӯзиши донишҳо мустақил мебошанд. Ин алалхусус ба касбҳои мутахассисон омӯзгорон, тадқиқотчиён, муҳандисон пайваста мебошад, зеро ин гуна соҳибони касб дар навбати аввал бо тарзи мустақилона бояд донишҳои худро такмил диҳад. Дар акси ҳол мавқеи худро дар бозор гум мекунад. Умуман, қобилиятҳои кории ҷисмонӣ, ақлӣ, эҷодӣ ва ғайраро ҳамчун унсурҳои таркибии сармояи инсонӣ дар бозори меҳнат мавриди омӯзиш қарор мегирад. Дар ин асос дар бозори меҳнат талабот ба сармояи инсонӣ ташаккул меёбад. Вале боиси таъкид аст, ки он унсурҳое, ки таъкид карда шуд аз табиати худи инсон вобаста аст. Масалан, як гурӯҳи шахсон модарзод истеъдоди хуб, саломатии пурқувват аз рӯзи таваллуд доранд. Барои дигар гурӯҳи одамон бошад, ин дар натиҷаи заҳматҳои худи инсон пайдо мегардад. Аз ин лиҳоз, дар бозори меҳнат сармояи инсонӣ ҳамчун объекти таҳқиқ баромад мекунад. Дар он ҷо иқтидори меҳнатии шахс, яъне дар асоси хусусиятҳои зерин қобилиятнокӣ, саломатӣ, қобилияти асабӣ, эҷодкорӣ, мутобиқшавӣ, истеъдод новобаста аз мансубият ба миллат, нажод, қавм дида баромада шавад, мувофиқи мақсад аст.

Илова бар он ҷузъҳои тахассусӣ маънавӣ, шахсӣ, муносибат ба кор, фарҳанг, маънавиёт, манфиатҳо барои рушд барои сармояи инсонӣ характерҳои зарурӣ ҳисобида мешавад.

Он чизҳое, ки қайд карда шуд, ҳангоми дохил шудан ба муносибатҳои меҳнатӣ арзиши худро муайян менамояд. Бо воситаи арзёбии онҳо ҷараёни ба кор қабул кардан, аз кор ҷавоб додан, баланд бардоштани вазифа аз рӯи қобилияти корӣ ва дигарҳо ба амал оварда мешавад. Ба ақидаи мо дар асоси суханҳои қайдгардида ба зумраи вазифаҳои асосии сармояи инсонӣ зеринҳоро алоҳида таъкид намудан ҷоиз аст:

- таҳқиқи ташаккули сармояи инсонӣ дар асоси шароитҳои мавҷудаи ташаккулёфта мебошад, ки онро бо тавассути арзёбии иқтидори кормандон дар самти баланд бардоштани рақобатпазирӣ баррасӣ карда шавад;

- таҳқиқи сохтори захираҳои меҳнатӣ минтақа ва кишварҳо аз нуқтаи назари муайян намудани иқтидори эҷодии захираҳои меҳнатӣ мебошад;

- омӯзиши ҳиссаи сармояи инсонӣ дар баланд бардоштани маҳсулнокии меҳнат дар корхонаҳои истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ;

- муайян намудани самтҳои алоқамандӣ, навовариҳои илмӣ бо тайёр намудани сармояи инсонӣ;

- муайян намудани мутобиқшавии сармояи инсонӣ ба талаботҳои нави истеҳсолот вобаста аз прогресси илмӣ-техникӣ;

- ҳавасмандгардонии кормандон барои дастраси дониш, такмили ихтисос, афзоиши ихтисосмандӣ мебошад;

- гузаронидани гурӯҳбандии фаъолияти касбӣ аз рӯи сатҳи рушди истифодабарии сармояи инсонӣ.

Бо иҷро намудани вазифаҳои зерин сармояи инсонӣ дар фаъолияти корхонаҳо метавонад замина барои таъмини рақобатпазирӣ пайдо намояд. Аз ин лиҳоз, вақте ки дар бозори меҳнат масъалаҳои таҷдиди сармояи инсонӣ ба миён меояд ба меъёрҳои зерини натиҷагирии онҳо аҳаммият медиҳад, ки онро аз нуқтаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ зеринҳо ташкил мекунанд:

- аз нуқтаи назари иқтисодӣ (даромаднокии меҳнат, ҳосилнокии истеҳсолот, интизоми меҳнат, сифати кор ва ғайра);

- аз нуқтаи назари иҷтимоӣ (қонеъ гардонидани талаботи иҷтимоӣ, сатҳи зиндагӣ, эҷодкорӣ, идоракунӣ ва ғайра);

- аз нуқтаи назари маънавӣ (қаноатмандӣ аз кор, сифати сармояи инсонӣ, такмили қобилият ва ғайраҳо).

Умуман, ташаккули сармояи инсонӣ дар шароити муосир дар зери таъсири омилҳои гуногун амалӣ мегардад. Ба ин омилҳо зеринҳоро дохил кардан мумкин аст:

- сатҳи рушди иқтисодиёт;
- вазъи талабот ва пешниҳод дар бозори меҳнат;
- вазъи сиёсӣ дар ҷумҳурӣ;
- аҳаммияти ҷомеа бо фарҳанг;
- сатҳи воридшавӣ ба техника ва технологияи нав;
- вазъи сармоягузорӣ ба соҳаҳо;
- тағйироти ахлоқӣ ба ҷомеа;
- таваҷҷуҳ ба дин;
- ташаккули ниҳодҳои инноватсионӣ;
- сатҳи воридшавӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ;
- сатҳи рушди корхонаҳои муштарак;
- фаъолнокии инвеститсионии корхонаҳо;
- воридшавӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ғайраҳо.

Таъсири омилҳои қайдкардашуда ба сохтори сармояи инсонӣ доимо дар тағйирёбӣ қарор дорад. Ин маънои онро дорад, ки вобаста аз тағйирёбии мазмуну мундариҷаи истеҳсолот, вазъи иқтисодию сиёсӣ дар ҷаҳон ва ғайра талаботро ба сармояи инсонӣ таъмин мекунад.

Масъалаҳои тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ, ки бо ташаккули муносибатҳои бозорӣ ва иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманданд хеле муҳим аст, зеро тарбияи мутахассисони варзидаю касбӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо назардошти талаботи рӯзафзуни бозори меҳнат мунтазам ва пай дар пай меафзояд.

Ҳалли масоли идоракунии кадрҳо ҳам барои роҳбарон ва ҳам барои кормандони ташкилот хеле муҳиманд. Беҳтарин вариант маҳз он аст, ки

кормандон корро дар сатҳи зарурӣ ба ҷо меоранд, ба он бо тамоми масъулият муносибат мекунанд ва муҳимтар аз он, сари вақт иҷро мекунанд ва дар ин замина роҳбар чандон муваффақ аст. Аммо, ин вариант хеле кам мушоҳида мегардад. Роҳбаре, ки мехоҳад дар корхона натиҷаҳои мусбӣ ба даст орад ва пайваста мекӯшад, на танҳо ба таҷриба ва ташаббуси худ такя кунад, балки технологияҳои мухталиферо, ки ба ташаккули комплексии муносибатҳои муосир дар корхона ва таҳлили фаврии мушкилоти гуногун нигаронида шудаанд, ба назар гирад. Идоракунии кормандон вазифаи хеле мураккабу муҳим аст. Зеро ҳама мушкилоти корхона ва ҳалли бевоситаи он аз корманди касбӣ вобастагии зиёд дорад. Бешубҳа барои ҳалли ин вазифаи душвор хароҷотҳои молиявӣ, вақт, меҳнат ва ғайра зарур аст. Мушкилоти идоракунии кормандон дар он аст, ки роҳбар на танҳо як гурӯҳи одамон, балки як дастаи иборат аз кормандони соҳибихтисос, ки ҳар яки онҳо намуди рафтор, характер, мизоҷ, хислат ва табъи худро доранд, идора мекунад.

Дар марҳилаи ташаккули иқтисодиёти рақамӣ, рақамикунонии фаъолиятҳо, раванди иттилоотикунонӣ ва инноватсионӣ ба бозори меҳнат ва хусусан кадрҳо талаботи нав ба навро ба миён мегузорад ва дар ин замина масоили омодасозии кадрҳо корест басо мушкил ва заҳматталаб. Ин тамоюл ба таҷрибаи ҷаҳонии тайёр кардани мутахассисон дар соҳаи меҳнат мувофиқат мекунад. Мушкилоти муайяни рушди касб муайян карда шуда, натиҷаҳои аввалини омода намудани стандартҳои касбии идоракунии кадрҳо нишон дода шудаанд. Пешниҳод шудааст, ки аз рӯи ин масъалаҳо шӯъбаҳои нав: идоракунии захираҳои инсонӣ ва идоракунии бозори меҳнат ташкил карда шаванд.

Асоси тамоми равандҳои иҷтимоию иқтисодии ҷамъиятро меҳнат ташкил медиҳад, ки ҳаёти ҳар як одам бо он алоқаманд аст. Аҳаммияти онро барои инкишофи шахс, дараҷа ва сифати ҳаёти ӯ, ҳаёти оилаи ӯ ва аҳли ҷамъият, тамоми таърихи инсоният, ки дар тайёр кардани мутахассисони иқтисодиёти меҳнат, ифода ёфтааст, тасдиқ мекунад. Аммо, ба муносибати инкишофи илм

ва амалия дар номгӯи ихтисосҳо ва самтҳои тайёр кардани мактабҳои олӣ тағйирот ба амал меояд, ки дар фаъолияти мактабҳои олӣ инъикос наёфтан мумкин нест. Тавре ки маълум аст, вазифаи илм аз таҳия ва ба низом даровардани маълумоти объективӣ дар бораи воқеият ва аз ҷиҳати назариявӣ ба низом даровардани амалия иборат аст, ки имкон медиҳад донишҳо дар бораи қонуниятҳои инкишофи табиат, ҷомеа ва тафаккур ба низом дароварда шаванд, ки бидуни онҳо огоҳӣ ва фаъолияти мақсадноки амалӣ имконнопазир аст.

Иқтисодиёти меҳнат ҳамчун як соҳаи илми иқтисодиёт қонунҳо ва роҳҳои беҳтар истифода бурдани қувваи асосии истеҳсолкунандаи ҷамъият — захираҳои меҳнатӣ, такрористеҳсолкунии он, инкишоф ва қонеъ гардондани талаботи моддию маънавиро дар раванди фаъолияти меҳнатӣ меомӯзад. Марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёти меҳнат ҳамчун илм бо мураккабии мавзӯи омӯзиши он тавсиф карда мешавад, ки ташаккули равишҳои нави методологӣ ва усулҳои таҳқиқотро талаб мекунад.

Боиси зикр аст, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус дар вилояти Суғд равияи демографӣ характери мусбӣ дорад. Бо ибораи дигар гӯем бо тарзи доимӣ афзоиши табиии аҳолӣ дар назар аст, ки ин ҳолат аз вазъи кишварҳои мутараққӣ куллан фарқ дорад. Вале бо сабаби ҷойҳои кории нокифоя дар бозори меҳнати ватанӣ бештари қувваи қувваи корӣ аз вилояти Суғд низ ба муҳоҷират меравад. Аз ин бармеояд, ки агар захираҳои инсонии ватаниро дар сатҳи зарурӣ аз нуқтаи назари дониш, малака, қобилияти корӣ ба муҳоҷират равона созад, яъне ҳамчун сармояи тайёр карда пас ба муҳоҷират равона созад, дар ин ҳол даромади муҳоҷирон чандин маротиба афзоиш меёбад. Бинобар ин ҳоло яке аз масъалаҳо бояд ташкил намудани омӯзиши муҳоҷирон ба донишу малакаҳое, ки ба талаботҳои бозори меҳнатҳои кишварҳои хориҷа мутобиқ ба роҳ монда шавад мувофиқи мақсад аст. Дар ин масъала дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он баъзе корҳо алалхусус, курсҳои кутоҳмуддат дар назди мақомотҳои шуғли аҳолии шаҳру ноҳияҳо ташкил шуда истодааст. Вале ин нокифоя аст, зеро дар онҳо танҳо касбҳои

корӣ ба монанди ошпаз, сантехних, сохтмончӣ, ронанда ба ҳамин гуна таъмин карда мешавад. Ин гуна касбҳо моҳияти сармояи инсониро муайян намекунад. Ба ҷои онҳо бояд тарҷумонҳои касбӣ, инжерерон, муҳандисон, барномасозон, омӯзгорон, табибон тайёр карда пас равона карда шавад. Барои ин ҳадафҳо бошад, дар навбати аввал бо сохтори институтсионалии тайёр кардани кадрҳои соҳибтахассус, баландихтисос, касбҳои нави инноватсионӣ, ки ба касбҳои нави бозори меҳнати хориҷа талабот дорад аҳаммият дода шавад. Бинобар ин дар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо дар асоси ба инобат гирифтани хусусиятҳои хоси захираҳо дар навбати аввал санадҳои ҳуқуқии меъёрии худро барои тайёр намудани сармояи инсонӣ равона созад. Дар ин роҳ ҳамаи имкониятҳоро истифода намояд.

Мақомоти иҷроия ҳамчун созмоне, ки ҷараёни ташаккул ва истифодаи сармояи инсониро муайян мекунанд, дар иқтисоди давраи гузариш нақши муҳим доранд, зеро дар марҳилаҳои аввали ислоҳот институтҳои куҳна хароб карда шуда, нав таъсис дода нашудаанд, зеро ин раванд хароҷоти муайян ва вақтро талаб мекунад. Ғайр аз он, институтҳо, ба таври ихтиёрӣ, наметавонанд, таъсис дода шаванд, зеро ниҳодҳои ба таври худкор ташкилшуда на ҳамеша интихоби беҳтаринро пешниҳод мекунанд ва метавонанд, баръакси манфиатҳои ҷомеа бошанд. Рушди муассисаҳо одатан инерсияи дарозмуддат ва озмоишу хатоҳоро ба амал меорад, ки ба хароҷоти мувофиқ қобили иҷро нестанд. Қисми асосии ин хароҷот ба дӯши давлат меафтанд, зеро чунин хароҷоте мебошанд, ки зуд-зуд бармегарданд. Аз ин рӯ, ба монанди истеҳсоли молҳои ҷамъиятӣ ва хидматрасонӣ, ин нақшро давлат ба дӯш мегирад.

Мақомоти ҳокимияти иҷроия дар доираи ислоҳоти иқтисодӣ ҳамчун муассиса, ташкилот фаъолият мекунанд ва як қатор вазифаҳоро оид ба истифодаи сармояи инсонӣ дар сатҳҳои мухталифи ҳукумат ҳаллу фасл мекунанд. Санадҳои ҳуқуқию меъёрие, ки дар сатҳи мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар маҳалҳо таҳия карда мешавад бояд дар зери назорат ва ҷонибдории Вазорати меҳнат ва ҳифзи аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ

карда шавад. Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар андозбандии даромадҳои кормандон ҳамчун унсури муҳимми такрористеҳсоли меҳнат, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ нақши муҳим дорад. Ташаббуси қонунгузорӣ инчунин барои созмонҳои давлатӣ хос аст, яъне илова бар иҷрои санадҳои қонунгузории қабулшуда, онҳо метавонанд лоиҳаҳои санадҳои қонунгузориро ба парламент пешниҳод намуда, мавҷудият ё таъсиси муассисаҳои нави иқтисоди бозоргониро равона кунанд. Устувории фаъолияти ин муассисаҳо аз рақобат дар ин соҳа вобаста аст.

Дар хотима бояд гуфт, ки сармояи инсонӣ дар бозори меҳнат қудрати ташкил намудани даромади кордиҳандаро дорад, ки бузургии он аз маҳсулнокии меҳнат, давомнокӣ ва самаранокии он вобастагӣ дорад.

Қайд кардан лозим аст, ки дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ дониш ва технологияҳо барои ба даст овардани бартариҳои устувори рақобатӣ имкон медиҳанд ва дар ин ҷо сифат ва хусусияти сармояи инсонӣ дар рақобати байналмилалӣ нақши ҳалкунандаро мебозанд. Таъмини рушди иқтисодии устувор дар давраи дарозмуддат дар сурати мавҷуд набудани кормандони солиму донишманд, ки ба ояндаи нек боварӣ доранд ва, инчунин, сатҳи баланди сармояи инсониро ташкил медиҳанд, ғайриимкон аст. Дар баробари ин, маҳз рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла, минтақавӣ имконият медиҳад, ки даромад ва сифати зиндагии аҳолӣ пайваста баланд гардад ва ба ин васила бунёд ва пурра гардидани сармояи инсонӣ на танҳо аз ҳисоби афзоиши шумораи коргарон, балки, пеш аз ҳама, бо роҳи беҳтар намудани хусусиятҳои сифатии он таъмин карда шавад. Рушди сармояи инсонии минтақа на танҳо ба рақобатпазирии минтақа таъсир мерасонад, балки масъалаи баланд бардоштани некуаҳволии сокинони минтақаро ҳал намуда, сатҳи зарурии зиндагии мардумро таъмин мекунад, ки ин дар навбати худ ба ҷузъҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти минтақаҳои кишвар таъсири мусбат мерасонад.

## ХУЛОСА

### 1) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда хулосаҳои назариявӣ ва муқаррароти илмии зерин таҳия ва коркард шудааст:

1. Дар илми иқтисодӣ бозори меҳнат ниҳоди асосӣ дар рушди муносибати бозорӣ аст. Объекти асосии он захираҳои меҳнатӣ ба шумор меравад, ки аз фаъолияти он рушди иқтисодиёти ҳар як минтақа вобаста аст. Барои ошкор кардани қонуниятҳои рушди бозори меҳнат ба хусусияти амалии он – пайвастагии органикӣ бо категорияҳои захираҳои меҳнатӣ ва шуғли аҳолӣ диққати ҷиддӣ додан лозим аст. Ҷанбаҳои миқдорӣ ва сифатии бозори меҳнатро дар ҷаҳони муосир, ҳам аз ҷиҳати молиявӣ, ташкилӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ арзёбӣ кардан зарур аст, қисматҳои таркибии он ҳамчун ҷузъи таркибии иқтисодиёт мебошад. Дар илми муосир ақидаҳои хеле зиёд оид ба мундариҷаи бозори меҳнат мавҷуд аст. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки он категорияи мураккаб, бисёрҷанба, бисёрсатҳа мебошад, ки аз муносибатҳои байни аҳолӣ, коркунон, кордиҳандагон, мақомотҳои давлатӣ, мақомотҳои ҳокимияти маҳаллӣ бармеояд [1-М; 7-М; 13-М].

2. Вазифаҳои бозори меҳнат мухталифанд: Якум, вазифаи иқтисодӣ - бо тарзи ратсионалӣ ҷалб намудан, истифода бурдан, тақсимот ва танзимоти меҳнатро дар худ инъикос менамояд. Дувум, рисолати иҷтимоӣ - сатҳи муносиби даромадҳои аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолиро дарбар мегирад. Сеюм, демографӣ – таъмини ҷараёни муътадили такрористеҳсолоти қувваи корӣ, иқтидори истеҳсолии кормандон фаҳмида мешавад [1-М; 2-М; 15-М].

4. Бозори меҳнат аз тарафи пешниҳодот ва талабот баҳо дода мешавад. Аз ҷиҳати таклифот нишодиҳандаҳои микдори қувваи корӣ, сатҳи тахассусӣ, донишу малакаи кормандон, нишондиҳандаҳои вазъи саломатӣ, хусусиятҳои шахсии кормандон ҳисоб карда мешаванд. Аз ҷониби талабот: шумораи аҳолии шуғлдошта, теъдоди ҷойҳои холӣ, сатҳи шуғли аҳолӣ. Фаъолнокии бозори меҳнат: коэффитсиенти гардиш аз рӯйи қабул, аз коррафтагон,

маҳсулнокии меҳнат, музди меҳнат, меҳнатғунҷоиши маҳсулот, захирағунҷоиш, гирдгардиши умумӣ, дараҷаи иштироки қувваи корӣ; дараҷаи шуғлнокӣ; дараҷаи бекорӣ; коэффитсиенти шиддати бозори меҳнат ба инобат гирифта мешавад [2-М; 15-М].

6. Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ то ҳол хеле зиёд таҷрибаи мухталиф дар самти танзими бозори меҳнат мавҷуд аст, ки омӯзиши он мувофиқи мақсад аст. Бояд бештар таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ таҳқиқ карда шавад, зеро дар ин кишварҳо бозори меҳнат рушдёфта мебошад. Модели бозори меҳнатии кишварҳои мутараққӣ чунин амалҳоро ба анҷом мерасонад: - барномаи ҷалби кормандон дар идоракунии истеҳсолот (partcipative management), - барномаи рушди касбии қувваи корӣ, - ташаккули бригадаҳои мустақил аз байни кормандони ташаббускор, - ташкили маҳфилҳои таъмини сифат (ИМА); - бозори меҳнати чандирнок (Олмон); - дастгирии давлатии бахшҳои иқтисодиёте, ки ҳалли муаммоҳои иҷтимоиро мусоидат менамояд (Шветсия); - принсипи «якумраи қабул ба кор» (Ҷопон) ва ғайра [6-М; 7-М].

7. Дар сохтори захираҳои меҳнатӣ аҳолии машғули кор дар в. Суғд, яъне бо кори доимӣ машғулбуда на он қадар бузург мебошад, он қариб нисфи захираҳои умумии меҳнатиро ташкил медиҳад ва ин тамоюлот дар солҳои охир қариб тағйир наёфтааст. Аз ин чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ҳоло дар вилоят таъсис додани ҷойҳои кории холӣ на он қадар ба талабот ҷавобгӯ мебошад. Зеро ташаккулёбии ҷойҳои кории нав бо тарзи назаррас дар афзоиши аҳолии машғул инъикос нагардидааст. Бинобар ин қувваи кории истифоданашуда ҳамчун иқтидори захиравӣ дар вилоят бузург аст. Ҳиссаи қувваи корие, ки истифода нагардидааст, қариб панҷоҳ фоизро ташкил кардааст. Бояд дар солҳои минбаъда барои таъсиси ҷойҳои кории нав, инчунин барои нигоҳ доштани ҷойҳои кории кӯҳна эътибори ҷиддӣ дода шавад [3-М; 8-М].

8. Ба бозори меҳнати вилояти Суғд мутобиқат накардани талабот ва пешниҳод хос аст, ки ин ҳолат дар бештари давлатҳое, ки иқтисоди бозорӣ доранд, ба назар мерасад. Талабот ба қувваи корӣ аз вазъи иқтисодӣ, сатҳи

механизатсия, автоматизатсияи меҳнат ва ҳамчунин арзиши он вобастагӣ дорад. Пешниҳоди қувваи корӣ аз иқтидори меҳнатӣ (шумора, фаъолнокӣ, сатҳи маълумотнокӣ, касбият, мутаҳаррикӣ), андозаи музди меҳнат, анъана ва маросим муайян карда мешавад. Дар вилоят захираи асосии нисбатан арзон қувваи корӣ аст. Нишондиҳандаи асосие, ки башаклгирии талаботу пешниҳодҳои бозори меҳнат таъсир мекунад, музди меҳнат аст. Ҳавасмандии нафарони соҳибистеъдод ба меҳнат ва пешниҳод кардани маҳорати худ дар ивази подош маҳз аз сатҳи музди меҳнат вобаста аст [2-М; 14-М; 15-М].

9. Аҳолии машғули кор дар бахши хусусӣ рӯ ба афзоиш дорад. Ин чунин маъно дорад, ки корхонаҳое, ки дар асоси моликияти хусусӣ ташаккулёфта сол ба сол афзоиш ёфта, дар ҷалби қувваи корӣ саҳми назаррасро пайдо намуда истодааст. Дар навбати худ шуғли аҳолии дар бахши корхонаҳои давлатӣ сол ба сол коҳиш ёфта истодааст. Аз рӯйи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ ҷалби кормандони кироякор дар вилояти Суғд гуногун мебошад. Ҳиссаи кормандони кироякор дар бахши воқеӣ нисбат ба бахши хизматрасонӣ баланд буда, дар соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ ҳиссаи ҳалкунанда дорад. Аз ин бармеояд, ки яке аз унсури асосии иқтисодиёти пасоиндустриалӣ ҳиссаи бахши хизматрасонӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд на он қадар қаноатбахш мебошад [9-М; 15-М].

10. Дар бозори меҳнати в. Суғд коэффитсиенти гардиш аз рӯйи қабул нисбат ба коэффитсиенти гардиш аз кор рафтан зиёд буда, коэффитсиенти ивазшавӣ низ баланд аст, яъне ҷойҳои холие, ки дар натиҷаи аз кор рафтани корманд холӣ мегардад бо тарзи фаврӣ бо кормандони нав иваз мегардад, ки тамоилоти хуб аст. Новобаста аз он дар ҳамаи соҳаҳои вилояти Суғд муътадилии шуғл бартарӣ металабад, зеро дар ҳамаи онҳо коэффитсиенти аз кор рафтани кадрҳо миқдоран баланд аст. Ба ин масъала дар оянда аҳаммияти ҷиддӣ дода шавад. Теъдоди аз кор рафтани кормандон дар ҳолати дарёфт накардани кори дигар сафи бекоронро зиёд менамояд [9-М; 15-М].

12. Таркиби бекорон аз рӯйи дараҷаи маълумот дар шаҳру ноҳияҳои вилоят хеле гуногун аст ва тули шаш соли охир ба тағйироти ҷиддӣ рӯ ба рӯ

гардидааст. Аз рӯйи миқдор ҳиссаи шахсони маълумоти олидошта дар таркиби бекорӣ ҳоло ҳам зиёд аст, яъне онҳо аз се як ҳиссаро ташкил медиҳад. Дар масъалаи мазкур дар шаҳру ноҳияҳои зерин вазъият шадид аст: н. Ашт, н. Зафаробод, ш. Истиқлол, н. Кӯҳистони Мастчоҳ, н. Мастчоҳ, ш. Панҷакент, н. Шаҳристон, н. Ҷаббор Расулов. Дар шаҳру ноҳияҳои боқимонда бошад, миқдори бекорон дар байни шахсони маълумоти олидошта каме бошад ҳам, коҳиш ёфтааст, ки ин тамоюли хуб аст. Новобаста аз ин дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо, оид ба таъмини шахсони маълумоти олидошта бо кор чораҳои зарурӣ андешидан мувофиқи мақсад аст, зеро ки онҳо мутахассисони касбии дипломдор ҳастанд [2-М; 7-М].

**2) Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

Бо мақсади ҳал намудани муаммоҳо дар бозори меҳнати минтақа такмили фаъолияти он, коркард ва амалӣ намудани чораҳои зерин мувофиқи мақсад аст:

- тавассути пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, сабукиҳо дар дастраси қарзи бонкӣ, инчунин бо фишангҳои маъмурии мақомотҳои давлатӣ ҳавасманд намудани ташаккули фаъолияти соҳибкории оилавӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд, зеро ки ҳадафи асосӣ ҷалби занони бекор ва ҳунарманду ихтисоснок ба фаъолияти меҳнатӣ ба ҳисоб меравад;

- дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар вилояти Суғд ташкил кардани сомонаи “www.joi kor v Sugd.tj”, ки дар он бояд иттилооти зарурӣ оид ба ҷойҳои кории холӣ, ҳуҷҷатҳои зарурии бо кор таъмин шудан, инчунин иттилоот оид ба шахсони ҷустуҷӯи кор бо резюмеи онҳо, маълумот дар бораи донишу малака, касбу ихтисос пурра инъикос дошта бошад. Ин сомона ҳар рӯз бояд аз нав карда шавад;

